МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ
ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА»

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 07: 659. 148. 4 (575.3)

**МУЛОЕВА НИШОНА САНГМАДОВНА**

# МАВҚЕИ ЖАНРИ РЕПОРТАЖ ДАР БАРНОМАҲОИ ИТТИЛООТИИ ТЕЛЕВИЗИОН

**(дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Муъминҷонов З.

ДУШАНБЕ – 2024

## МУНДАРИҶА

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО..................................................................................3

МУҚАДДИМА...............................................................................................4

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ..................................................................11

БОБИ I. РЕПОРТАЖ ДАР НИЗОМИ ЖАНРҲОИ ИТТИЛООТӢ............18

1.1. Вижагиҳои жанри репортаж...................................................................18

1.2. Репортаж ва ҳисобот (гузориш): умумият ва фарқ...............................39

1.3. Технологияи иноватсионӣ ва таҳаввулоти жанри репортаж................60

БОБИ II. ТАНОСУБИ КОРБУРДИ ЖАНРИ РЕПОРТАЖ ДАР БАРНОМАҲОИ ИТТИЛООТИИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ..................................82

2.1. Хусусиятҳои барномаҳои иттилоотӣ ва жанри репортаж дар телевизиони «Тоҷикистон»........................................................................82

2.2. Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони «Ҷаҳоннамо»...........................................................................................102

2.3. Таҳлили таносуби истифодаи репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»........................................121

ХУЛОСА...................................................................................................143

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ...................................................................................................149

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..............................................................................151

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.......163

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

БДА - Бозрасии давлатии автомобилӣ

ВАО – Воситаи ахбори омма

ВАУ – Воситаи ахбори умум

ВМКБ – Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон

ДДФСТ – Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ

ИҶШС - Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии сотсиалистӣ

КДРТ - Кумитаи давлатии  радио ва телевизион

ҚҶТ –Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

МДТ – Муассисаи давлатии таълимӣ

ОРТ – Общественное российское телевидение

РТВ - Радио ва телевизион

РТР -  Российское телевидение и радио

СММ - Созмони Миллали Мутаҳҳид

СНХ – Синхрон

ТАСС – Телеграфное агенство Советского союза

ТВ - Телевизион

ТВС - Телевизиони «Сафина»

ТВТ – Телевизиони «Тоҷикистон»

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

Кори диссертатсионӣ ба пажӯҳиши мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва бо вуҷуди майли бештари ҷавонон ба интернет телевизион ҳамчун яке аз дастрастарин расонаи иттилоотӣ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Хонадонеро дарёфт кардан душвор аст, ки дар он барномаҳои телевизиониро тамошо намекарда бошанд. Нақши телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои электронии ахбори омма дар пойдории истиқлолияти давлатӣ, сулҳу ваҳдат, тарбияи фарҳангии шаҳрвандон, баррасиву инъикоси проблемаҳои ҳаёти ҳамарӯза, рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва сохторҳову дастовардҳои сокинони кишвар калон аст. Аз ин рӯ, ба пажӯҳиш кашидани мавзуи телевизион ва пешниҳодҳои муфид баҳри беҳтар намудани фаъолияти ин расона муҳим ба ҳисоб меравад.

Бо истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон ба миён омад, ки сафи шабакаҳои телевизионӣ дар кишвар зиёд гардад. Барои бинандагон имкон пайдо шуд, ки дар баробари тамошои барномаҳои даҳҳо телевизионҳои ватанӣ боз барномаҳои садҳо шабакаҳои телевизионии хориҷиро низ мувофиқи завқи худ интихоб ва тамошо кунанд. Дар ин ҳолат барои ҳимояи фазои иттилоотии Тоҷикистон аз ҳамагуна иттилооти ғаразноку зараровари телевизионҳои хориҷӣ зарурат ба миён меояд, ки журналистони идораҳои барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионҳои ватанӣ бо касбият фаъолият намоянд, то ки бинандаи худро аз даст надиҳанд.

Барои ин зарур аст, ки аз гурӯҳи жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион, бахусус жанри репортаж бо касбият ва бо риояи талаботи

жанрӣ истифода баранд. Махсусан бо истифода аз намуди репортажи мустақим аз ҷойи рӯйдоди муҳими ватанӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ саривақт хабар расонанд.

Асри XXI- ро асри иттилоот меноманд, ки ҳақ асту рост. Зеро ҳамон кишваре пешсафу рушд мекунад, ки аҳолиаш сари вақт бо рӯйдодҳои муҳими ватанӣ ва хориҷӣ бохабар аст. Яъне итилооти саривақтӣ шаҳрвандонро ба роҳи дурусти созандагиву пешбарандагӣ ва бо ин ба рушди тамоми соҳаҳои муҳими ҷомеа мебарад. Дар ин самт барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионӣ, бахусус аз байни жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион жанри репортаж нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад. Аз ин рӯ, ба таҳқиқу омӯзиш кашидану интихоби мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»)» саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Жанри репортаж дар байни гурӯҳи жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион, яке аз жанрҳои муҳим ва асосӣ ба ҳисоб меравад. Барномаи иттилоотии телевизион бе истифодаи жанри репортаж ноқис, нопурра ва шавқовару диданбоб намегардад. Дар шабакаҳои телевизионӣ барномае, ки дар як вақт ва бо мавзуъҳои гуногуни хабарӣ таҳия шуда, пешниҳоди бинандагон мегардад ин барномаи иттилоотӣ аст. Масалан дар телевизиони «Тоҷикистон» барномаи иттилоотии «Ахбор» ҳамеша соати 20:30 ба бинандагон пешкаш карда мешавад. Дар дигар шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барномаҳои иттилоотӣ дар як вақти муайян ба бинандагон пешниҳод карда мешаванд. Рангорангии барномаҳои иттилоотӣ дар телевизион ба истифодаи жанрҳои иттилоотӣ вобаста аст. Дар байни жанрҳои иттилоотӣ жанри репортаж, ки аз ҷойи рӯйдоди муҳим дар иштироки бевоситаи журналист пешниҳоди бинанда мегардад мавқеъ ва нақши муҳим дорад.

Аз ин рӯ, пажӯҳиши  мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои хабарии телевизион дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» ва бо ин муайян кардани душвориҳову комёбиҳои журналистон сабаб мегардад, ки минбаъд бо ба назар гирифтани тавсияҳои пешниҳодшуда, дар боло бардоштани мавқеи репортаж дар барномаҳои иттилоотӣ ба роҳ монда шавад. Зеро таҳқиқи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон то ҳол ба таври алоҳида сурат нагирифтааст.

Натиҷаи таҳлил ошкор кард, ки журналистон ҳангоми таҳияи репортаж ба хатоҳои касбӣ роҳ медиҳанд, ки он боиси дар сатҳи паст омода гардидани барномаҳои иттилоотӣ мешавад. Дар интихоби усулҳои пешниҳоди мавод дар шакли мустақим ва ё сабт, интихоби жанр ва мавзуъ, таъҷилӣ расонидани хабарҳо аз рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ ба воситаи жанри репортаж ва ба таври васеъ истифодаи он журналистон ниёз ба навоварии эҷодӣ ва касбӣ доранд.

Дар диссертатсия кӯшиш карда шудааст, ки мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» бо намунаҳои мушаххас нишон дода, баҳри ислоҳи камбудиҳои мавҷуда тавсияҳо пешниҳод гарданд. Инчунин дастовардҳои мусбии журналистони шабакаҳои телевизионии таҳқиқшаванда бобати мавзуи пажӯҳиш зикр гардидаанд, ки ин аз мубрам будани мавзуи таҳқиқ дарак медиҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Мавзуи пажӯҳиши мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион дар илми журналистикаи телевизиони тоҷик нав мебошад. Мушаххасан доир ба баррасии ин мавзуъ пажӯҳиши илмии диссертатсионӣ ба вуҷуд наомада бошад ҳам, бобати таҳаввулот, хусусият ва табиати жанри репортаж дар рисолаҳои илмӣ ва китобу воситаҳои таълимӣ гуфта шудааст. Дар такя ба асарҳои илмиву

таълимӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи журналистикаи телевизион рисолаи диссертатсионии мазкур таҳия гардидааст.

Муаллифон А. Саъдуллоев ва М. Шоев дар китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион» дар ду қисм се гурӯҳи жанрҳорои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеиро дар шабакаҳои телевизионӣ нишон додаанд. Дар китоб бобати кори амалии журналистикаи телевизион, таҳияи сенария, матннависӣ дар навор ва паси кадр маълумот дода шудааст. Бобати жанри репортаж чунин гуфтаанд: «Ҳаракат, тағйири ҷою макони объект ва қаҳрамон хоси телевизион асту ин хосият аз ҳама бештар дар жанри репортаж ба мушоҳида мерасад»[1]. Профессор И. Усмонов дар китоби «Жанрҳои публитсистика» моҳияту вазифа ва ҳадафи жанрҳо, умумият ва фарқи онҳоро бо далелҳо нишон дода, ба он назар аст, ки «Дар барномаҳои иттилоотии телевизион аксари кулли навиштаҳо дар қолаби ҳамин жанранд»[2], яъне дар жанри репортаж. Дар воситаи таълимии «Информационные жанры печати» муаллифон А. Нуралиев, Н. Брукер ва А. Афсахзод чунин менависанд: «Дар солҳои охир вобаста ба авзои замон жанрҳои ахборӣ хеле фаъол гашта, ба мақоми аввал баромадаанд»[3].

Дар китоби дарсии «Асосҳои эҷоди журналистӣ» профессор М. Муродов жанрҳои журналистикаро гурӯҳбандӣ намуда, ҳар кадомро дар алоҳидагӣ тасниф намудааст. Вижагиҳои жанри репортажро дар 8 банд шарҳ дода, репортажи телевизиониро «Аз се ҷузъи асосӣ: стенд-ап, иттилооти иловагӣ ва синхронҳо»[4] иборат донистааст. Профессор З. Муъминҷонов дар китоби «Жанрҳои журналистикаи телевизион» доир ба махсусияти жанри репортаж дар телевизион чунин гуфтааст: «Дар матбуот

---

[1] Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – С. 58.
[2] Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – С. 33.
[3] Нуралиев, А. Информационные жанры печати. – Душанбе, 2005. [Матн] / А. Нуралиев, Н. Брукер, А. Афсахзод. – Душанбе, 2005. – С. 78.
[4] Муродов, М. Асосҳои эҷодии журналистӣ. [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2014. – 255 с

ва радио журналист рӯйдодро бо сухан тасвир мекунад. Бинобарон вазифаи тасвиркунӣ дар кори эҷодии журналисти матбуот ва радио муҳим аст. Аммо дар телевизион тамоман баракси он: рӯйдод, ҳодиса тариқи видеокамера наворбардорӣ мешавад, журналист ба рӯйдод бо чашми бинанда, дурусттараш бинанда рӯйдодро бо чашми диди оператор ва журналист мебинад. Чунки вазифаи тасвиркунӣ тавассути видеокамера ба амал бароварда мешавад. Журналист бо фаҳмондадиҳии оқибикадрӣ ҳолатҳои тасвирнашавандаи рӯйдодро мегӯяд. Муҳимтар аз ҳама дар лаҳзаи асосии рӯйдоди муҳим журналист тариқи стенд-ап аз ҷойи рӯйдод ба бинандагон иттилоъ медиҳад»[1].

Дар китобҳои А. Саъдуллоев ва С. Гулов «Жанрҳои журналистикаи радио»[2], Ҷ. Муқим «Мусоҳиба ва техникаи истифодаи он»[3] ва А. Азимов «Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион»[4] низ доир ба жанрҳо маълумот дода шудааст.

Дар монографияи Б. Соҳибова «Информация и ее обозрение как фактор развития современного таджикского телевидения (на примере Первого канала телевидения Таджикистана и информационного канала «Джахоннамо») сохтори жанри репортаж ва мазмуни барномаҳои иттилоотии телевизион баррасӣ шудааст. Дар рисолаи диссертатсионии Р. К. Ҳакимзода «Таҳаввули жанри репортаж дар телевизион» (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе») таҳаввули жанри репортаж таҳқиқ шудааст.

Дар вақти таҳияи диссертатсия аз диссертатсия ва авторефератҳои олимони хориҷиву ватанӣ Бузинова А., Герасимова С., Гострова Е., Мостепанова Ю., Попова С., Шилова В. А., Ширяева Т., Азимов А., Муродӣ М., Абдуллозода М., Муллоев Ш., Саъдуллаев Ҷ., Муъминҷонов

[1] Муъминҷонов, З. Жанрҳои журналистикаи телевизион / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2017. – С. 41-42.
[2] Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 72 с.
[3] Муқим, Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2013. – 160 с.
[4] Азимов, А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион (васоити таълимӣ) [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – 90 с.

З., Саидмуроди Х., Салихов Н., Абдураҳимов Б., Сафарзода М., Эшматов З., Ҷамолов И., Алкова И., Ғоибназарова Т., Давлатов Р., Зардова О., Сафаров Х., Сохибова Б., Маннонова М., Ҳакимзода Р. К. ва дигарон истифода шудааст[1].

---

[1] Герасимова, С.А. Телевидение как средство формирования культурных ценностей личности: автореф. дис. … канд. культуролог. наук: 24.00.01 / Светлана Анатольевна Герасимова; СПбГУ. – СПб., 2000. – 27 с.; Попова, С. Н. Региональное деловое телевидение: субъектно-деятельностный подход (на материале телевидения городов - миллионников УРФО): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Попова Светлана Николаевна. – Челябинск, 2014. – 23 с.; Шилова, В. А. Телевидение в системе социального управления: Дис. … канд. социолог. наук: 22.00.08 [Текст] / Шилова Валентина Александровна. – М., 2000. – 146 с.; Ширяева, Т.А. Структурно-содержательная и функциональная парадигма современного делового дискурса: : дис. … канд. филол. наук : 10.02.19 / Ширяева Татьяна Александровна. – Нальчик, 2014. – 420 с.; Азимов, А. А. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940 гг.): автореф. дис. … док. филол. наук : 10.01.10 / Азимов Аъзамджон Холматович. – Душанбе, 2009. – 45 с.; Абдуллаев, М. А. Проблемы эволюции национальной идентичности в таджикской публицистике: конец XIX – первая половина XX веков: дис. … док. филол. наук : 10.01.10 [Текст] / Абдуллаев Масрур Ахматович. – Душанбе, 2011. – 343 с.; Муллоев, Ш. Б. Проблемы жанрово-тематических особенностей таджикской публицистики времен Великой Отечественной войны: 1941-1945: дис. … док. филол. наук : 10.01.10 [Текст] / Муллоев Шариф Бокиевич. – Душанбе, 2013. – 313 с.; Садуллаев, Дж. М. Межгосударственная телерадиокомпания «Мир» - как новый тип межгосударственного средства массовой информации в контексте интеграционных процессов СНГ: дис. … док. филол. наук : 10.01.10 / Садуллаев Джамшед Муллокомилович. – Душанбе, 2013. – 315 с.; Муминджонов З. Эволюция и развитие телевидения Республики Таджикистан за годы независимости (на примере телевизионных каналов «Таджикистан» и «Пойтахт» (1991 – 2016 гг.)): Дис. ... док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] /Муминджонов Зулфиддин. – Душанбе, 2019. – 301 с.; Саидмуроди, Х. Роль радио «Таджикистан» в формировании общественного мнения в период независимости: автореф. дис. … док. филол. наук : 10.01.10 / Саидмуроди Ходжазод. – Душанбе, 2015. – 43 с.; Салихов, Н. Н. Проблемы формирования общественного сознания в таджикской публицистике периода государственного суверенитета: автореф. дис. … док. филол. наук : 10.01.10 / Салихов Нурали Назарович. – Душанбе, 2010. – 47 с.; Абдурахимов, Б. А. Содержательная и жанровая палитра телевизионных передач (на примере таджикских государственных телевизионных каналов): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Абдурахимов Бахтиёр Абдурахимович. – Душанбе., 2017. – 23 с.; Сафарова, М. А. Телевидение и его психологическое влияние на общественное мнение (на примере государственных телевизионных каналов Таджикистана): дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 [Текст] / Сафарова Мохира Амиралиевна. – Душанбе, 2016. – 146 с.; Эшматов, З. А. Становление и развитие таджикского телевидения (на примере Первого канала таджикского телевидения): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Эшматов Зафарджон Аскарович. – Душанбе, 2016. – 25 с.; Алькова, И. И. Внутритекстовый монтаж как инструмент создания имиджа субъекта и объекта журналистики: дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Алькова Ирина Ильинична. – Душанбе, 2013. – 161 с.; Гоибназарова, Т. С. Масс-медиа и искусство Таджикистана в контексте глобализации (на примере печатных СМИ): автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Гоибназарова Тахмина Соибназаровна. – Душанбе, 2014. – 25 с.; Давлатов, Р. Л. Роль современных информационных технологий в глобализации и взаимодействии культур: автореф. дис.

Хулоса, таҳқиқ ва омӯзиши адабиёти соҳавӣ ва сарчашмаҳои илмӣ собит месозанд, ки мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион дар илми журналистикаи телевизиони тоҷик нав буда, доир ба он то ҳол пажӯҳиши илмӣ анҷом дода нашудааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои рӯзноманигорӣ алоқамандӣ дорад. Инчунин, масъалаи баррасишаванда як ҷузъи Лоиҳаи таҳқиқотии «Масъалаҳои тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳавии журналистикаи телевизион (солҳои 2022-2026)» ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба ҳисоб меравад.

---

… канд. филос. наук : 09.00.11 / Давлатов Рамазони Лакаевич. – Душанбе, 2014. – 22 с.; Зардова, О. Н. Русскоязычные СМИ Республики Таджикистан в контексте связей с общественностью в условиях государственной независимости: дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Зардова Ориёна Нагзибековна. - Душанбе, 2014. – 129 с.; Сохибова, Б. Н. Информация и ее интерпретация как фактор развития современного таджикского телевидения (на примере Первого канала телевидения Таджикистана и информационного канала «Джахоннамо»): автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.01.10 / Сохибова Барно Нозировна. – Душанбе, 2016. – 24 с.; Маннонова, М. Махсусияти таҳияи барномаҳои хабарии телевизион дар шароити муосир (дар мисоли барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» ва «Навид»-и Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина»): Дис. … номзади илмҳои филология: 10.01.10 [Матн] / М. Манонова. – Душанбе, 2019. -166 с.; Ҳакимзода, Р. К. Таҳаввули жанри репортаж дар телевизион (дар мисоли ТВ «Ҷаҳоннамо» ва ТВ «Душанбе»): автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.01.10 / Р. К. Ҳакимзода. – Душанбе, 2023. – 29 с.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ** муайян кардани мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион дар мисоли шабакаҳои телевизи- онии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» мебошад. Дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии ватанӣ истифодаи жанри репортаж, ки яке аз жанрҳои асосии иттилоотии журналистикаи телевизион ба шумор меравад, ангуштшумор ба мушоҳида мерасад. Аксаран барномаҳои иттилоотӣ бе истифодаи жанри репортаж пешниҳоди бинандагон гардонида мешаванд, ки якранг, шаблонӣ ва ҷолиб нестанд. Аз ин рӯ, пажӯҳиши мавқеи репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион баҳри такомули журналистикаи касбии телевизион таҳкурсӣ гузошта, боиси баланд шудани обрӯи журналист, нишонрас ва таъсирбахш шудани сухану фаъолияти ӯ ва рангорангу диққатҷалбкунанда гардидани барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии ватанӣ мешавад. Инчунин бо баррасии ин мавзуъ роҳҳои истифодаи самараноки жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотиии телевизионии ватанӣ ва вижагиҳои он дар инъикосгарии рӯйдодҳои муҳими ҷомеа низ аз мақсадҳои кори диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба мақсади таҳқиқ лозим аст, ки вазифаҳои зеринро ҳал намуд:

- муайян сохтани мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион;
- баррасии вижагиҳои жанри репортаж;
- таҳлили умумият ва фарқияти жанрҳои репортаж ва ҳисобот (гузориш);
- омӯзиши технологияи иноватсионӣ ва таҳаввули жанри репортаж;
- таҳқиқи хусусиятҳои барномаҳои иттилоотӣ ва жанри репортаж дар телевизиони «Тоҷикистон»;

- мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони «Ҷаҳоннамо»;
- мушаххас намудани таносуби истифодаи репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо».

**Объекти таҳқиқ** – барномаҳои иттилоотӣ ва бахусус жанри репортаж дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо».

**Предмети таҳқиқ** – мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо».

**Марҳилаи таҳқиқ** солҳои 2010-2022- ро дарбар мегирад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ**. Дар кори диссертатсионӣ ба таълифоти назариявии донишмандони ватаниву хориҷӣ аз ҷумлаи Нуралиев А., Саъдуллоев А., Усмонов И. К., Имомзода М. С., Азимов А. Х., Муродов М. Б., Муқимов М. А., Абдуллозода М. А., Саъдуллоев Ҷ. М., Солеҳов Н. Н., Муллоев Ш. Б., Муъминҷонов З., Бобоҷонониён Р. М., Мухторӣ Қ., Бозорзода Н., Ҷӯраева М. Р., Қутбиддинов А. Ҳ., Ҳамидиён И. И., Муратов С. А., Вартанова Е. В., Рагулина Ю. В., Вырковский А. В., Ножин Е. А. ва дигарон такя шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ ва омӯзишӣ таҳия шудааст. Ҳамзамон, ба воситаи муқоиса мавқеъ, умумият ва фарқияти жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» муайян карда шуда, усули таърихии таҳқиқ, равишҳои таҳлили оморӣ ва компонентӣ истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ** барномаҳои иттилоотии «Ахбор»- и телевизиони «Тоҷикистон» ва «Хабар»- и телевизиони «Ҷаҳоннамо» аст. Дар рафти таълифи диссертатсия аз бойгонии шабакаҳои телевизионии таҳқиқшаванда низ истифода шудааст.

**Навгонии илмии пажӯҳиш.** Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, муайян карда шудааст. Вобаста ба он нақши ин жанр дар низоми иттилоърасонии фаъолияти журналистӣ тариқи барномаҳои иттилоотиии телевизионӣ пажӯҳиш ёфта, усулҳои хубтари истифодаи он илман пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар асоси омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» муайян гашт, ки мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои ватанӣ ноустувор буда, аз ин жанр гоҳ-гоҳ истифода бурда мешавад. Ҳол он ки ин жанр яке аз жанрҳои асосӣ дар таҳияи барномаҳои иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, рангорангӣ ва диққатҷалбкунанда шудани барномаҳои иттилоотӣ ба истифодаи бамавриди он вобастагии калон дорад.

2. Бо вижагиҳои хоси хеш жанри репортаж аз дигар жанрҳои журналистика дар телевизион ба куллӣ фарқ мекунад ва истифодаи он дар инъикоси рӯйдодҳои муҳим барномаҳои иттилоотии телевизиониро ҷолиб мегардонад.

3. Истифодаи мафҳуми репортаж, ки калимаи оммафаҳми байналмилалӣ аст, ғалатфаҳмиро дар ҳамчун тарҷумаи репортаж истифода бурдани калимаи гузориш аз байн хоҳад бурд. Зеро маҳуми гузориш имрӯз бештар ба маънои жанри ҳисобот истифода мегардад.

4. Рушди технологияи иттилоотӣ ба таҳаввули жанри репортаж дар журналистикаи телевизион овардааст. Технологияи муосири иттилоотӣ имконияти васеъро ба журналистони телевизион муҳайё намудааст, ки аз ҷойи рӯйдоди муҳим ба тариқи мустақим репортаж таҳия намуда пешниҳоди бинандагон намоянд.

5. Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» нишон дод, ки таносуби корбурди жанри репортаж бо сабабҳои гуногун: бо технологияҳои мустақимпахшкунии муосири телевизионӣ таъмин набудан, аз хусусиятҳои хоси жанр репортаж бехабар будан ва аз танбаливу ғайрикасбӣ будани баъзе журналистон истифодаи жанри репортаж дар телевизионҳои ватанӣ ангуштшумор ба мушоҳида мерасад.

6. Дар замони ҷаҳонишавӣ ва асри иттилоот имрӯз бинандаи телевизионро танҳо бо пешниҳоди иттилооти саривақтии таъҷилӣ аз ҷойи рӯйдоди муҳими ватаниву хориҷӣ ва бо истифодаи мустақими жанри репортаж метавон қонеъ кард.

7. Барномаҳои иттилоотии телевизиониро бе истифодаи жанри репортаж (намудҳои мустақим ва ғайримустақим) таҳия намудан аз касбияти журналистӣ дур буданро нишон медиҳад. Яъне вақти он расидааст, ки ҳар як нашри барномаи иттилоотии телевизионҳои ватанӣ ҳади ақал аз як рӯйдоди муҳими рӯз ба бинандагон тариқи жанри репортаж мавод (сюжет) пешниҳод намоянд. Зеро маҳз ҳамин мавод, ки тариқи жанри репортаж таҳия шудааст, барномаи иттилоотии телевизиониро ҷолиб, рангоранг ва диққатҷалбкунанда мегардонад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Натиҷаи пажӯҳиш ва хулосаҳои пешниҳодгардида донишҳои назариявиро дар бораи мавқеи жанри репортажи телевизионӣ васеъ намуда, метавонанд дар пажӯҳишҳои оянда истифода бурда шавад. Муҳтавои диссертатсия бахусус дар таҳқиқи репортаж ҳамчун яке аз жанрҳои асосии телевизион замина фароҳам меоварад. Диссертатсия дар шинохти жанри репортажи телевизионӣ, мавқеи он дар барномаҳои иттилоотии телевизион манбаи нави илмӣ буда, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти нави таҳқиқи илмӣ ба ҳисоб меравад. Рисолаи диссертатсионии мазкурро метавон барои таҳияи рисолаҳои илмӣ ҳамчун сарчашма истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқ

барои такмили шинохти мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион, татбиқи ҳадафҳои идораи иттилоотӣ, ташкили курсу семинарҳо ва таҳияи дастурҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст масъалаи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ва вобаста ба ин дигар масъалаҳо пажӯҳиш шудааст. Маводи диссертатсияро барои таълими репортажи телевизионӣ дар мактабҳои олӣ, низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи телевизион, ташкили курсу семинарҳо дар факултету шуъбаҳои рӯзноманигорӣ ва таҳияи китобу дастурҳои дарсӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар давоми ба ҳайси омӯзгор дар кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» фаъолият кардан, мавзуи диссертатсияро ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо») бо шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми хешро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ бо маслиҳати роҳбари илмӣ таҳия гардида, таҳқиқ ва натиҷагириҳои илмии диссертант дар диссертатсия,

мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ**. Мундариҷа ва қисматҳои асосии кори диссертатсионӣ дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии зерин баён шудаанд: конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ зери унвони «Нақши воситаҳои электронии ахбори омма дар инъикоси арзишҳои фарҳангии кишвар: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва 109-солагии матбуоти тоҷик (9 марти соли 2021), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ҳолат ва мушкилоти таълими фанни журналистикаи соҳавии телевизион ва технологияҳои иноватсионии таълим» бахшида ба 32- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 64- солагии Телевизиони тоҷик (Душанбе, 3 октябри соли 2023), конфронси илмӣ- амалии донишкадавӣ дар мавзуи «Воситаҳои ахбори омма дар замони ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 10 марти соли 2023), мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Роҳҳои тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳавии журналистикаи телевизион дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 3 декабри соли 2022), инчунин, дар конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи апрелии ҳайати устодону кормандони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (солҳои 2020 - 2023).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (суратмаҷлиси №2, аз 22.11. 2023) ва ҷаласаи шурои олимони факултети журналистикаи телевизион ва радиои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва

санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (суратмаҷ- лиси №1, аз 24.11. 2023) баррасӣ гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр шудаанд, инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 фасл, хулоса, пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 164 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I

# РЕПОРТАЖ ДАР НИЗОМИ ЖАНРҲОИ ИТТИЛООТӢ

## 1.1. Вижагиҳои жанри репортаж

Репортажи телевизионӣ бо хусусиятҳои хоси худ аз дигар жанрҳои хабарии матбуот ва радио фарқ мекунад. Табиати телевизион талаб мекунад, ки иттилоот асосан ба воситаи навор ба бинанда пешниҳод гардад. Матн ҳамчун пуркунандаи навор ба тариқи кӯтоҳбаёнӣ истифода мешавад. Дониста истифода бурда тавонистани жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион аз касбият дарак медиҳад.

Дар репортаж баранда танҳо рафти воқеаро бевосита аз ҷойи рӯйдоди он намоиш медиҳад ва имконият надорад, ки воқеаро пеш аз ба анҷом расиданаш хулосабарорӣ кунад, зеро натиҷаи воқеаро вақт муайян мекунад. Мафҳуми «репортаж» аз калимаи франсузии «reportage» ва калимаи англисии «report», ки маънояш иттилоот додан, хабар расонидан ва ё огоҳонидан мебошад.

Жанри репортаж дар матбуот ва радио низ васеъ истифода бурда мешавад, вале «Дар телевизион репортаж ҳамчун яке аз жанрҳои асосӣ ва маъмул истифодашаванда ба ҳисоб меравад. Телевизионро бе жанри репортаж тасаввур кардан ғайри имкон аст» [65, с.52]. Зеро маҳз дар телевизион журналистро дар ҷойи воқеа дидан мумкин аст, ки ба бинандагон иттилоъ медиҳад.

Муаллифони китоби «Телевизионная журналистика» дар бораи жанри репортаж чунин мегӯянд: «…репортаж жанри журналистика мебошад, ки тавассути он таъҷилан, ба воситаи матбуот, радио ва телевизион дар бораи ягон рӯйдод ба воситаи журналист, ки шоҳид ва ё иштирокчии ин рӯйдод аст, хабар дода мешавад» [94, с.191]. Хабар додан

аз навигарӣ мақсади жанрҳои дигари иттилоотӣ низ мебошад. Вале дар репортаж ба плани аввал дарки шахсии рӯйдод, ҳодиса, ҷудо карда гирифтани факт аз тарафи муаллифи репортаж мебарояд, ки мухолифи хусусияти ҳақиқатнигории ин жанри иттилоотӣ нест.

Профессор И. Усмонов дар бораи жанри репортажи матбуотӣ чунин мегӯяд: «…репортаж ба саволи «воқеа чӣ хел рӯй дод?» ҷавоб медиҳад. Пас ин жанрест, ки воқеаро аз нав тасвир мекунад. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои асосӣ он аст, ки мухбир бояд иштирокчии воқеа бошад. Агар дигар хел карда гӯем, репортёр аз дасти хонанда гирифта, ӯро гӯё аз паси худ мебарад ва нишон медиҳад, ки чӣ воқеа ба амал омадааст. Мухбир тамоми рафти воқеа, муҳитеро, ки дар он воқеа ба амал омадааст, тасвир мекунад. Гуфтугӯи байни қаҳрамонҳо, муносибати онҳоро аз нав зинда месозад. Дар репортаж ҳодиса айнан рӯйбардор карда нашуда, танҳо ҳамон қисмати он, ки аҳамияти ҷамъиятӣ дорад, тасвир меёбад» [102, с.338]. Агар дар хабар танҳо дар бораи рӯйдод маълумоти мухтасар дода, маълум карда шавад, ки чӣ воқеа рӯй дод. Дар репортаж нафақат чӣ воқеа рӯй доданаш, балки чӣ хел рӯй доданаш ҳам, нишон дода мешавад.

Олими соҳаи журналистикаи тоҷик, профессор А. Нуралиев дар китоби худ «Жанрҳои ахбории матбуот» дар бораи жанри репортаж чунин навиштаст: «Репортаж - ин таърихи воқеа мебошад, ки тасвири ҳодисаи содиршударо дар эҳсосоти бевоситаи журналист - шоҳид ва ширкаткунандаи он ба қалам медиҳад. Ҳодисаҳои аҳамияти ҷамъиятидошта асоси репортажро ташкил мекунанд» [74,с.97]. Хусусияти муҳимтарини репортаж моҳияти рӯйдодро дар инкишоф нишон додан аст. Яъне динамизми репортаж, рӯйдодро пай дар пай нишон дода тавонистан мебошад.

Муаллифони китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион» дар бораи жанри репортаж чунин мегӯянд: «Ҳаракат, тағйири ҷою макони объект ва қаҳрамон хоси телевизион асту ин хосият аз ҳама бештар дар

жанри репортаж ба мушоҳида мерасад. Аз ҳамин сабаб репортаж жанри аз ҳама маъмултарин, таъсирбахштарин ва паҳншудатарини журналистикаи телевизионӣ аст» [85,с.27]. Дар ҳақиқат жанри репортаж гӯё махсус барои телевизион офарида шуда бошад, чунки маҳз дар телевизион вижагиҳои он барало намудор мегардад.

Муҳаққиқи журналистикаи телевизион, профессор З. Муъминҷонов дар китоби хеш «Жанрҳои журналистикаи телевизион» дар бораи вижагиҳои жанри репортажи телевизионӣ чунин андешаро иброз медорад: «Дар матбуот ва радио журналист рӯйдодро бо сухан тасвир мекунад. Бинобарон вазифаи тасвиркунӣ дар кори эҷодии журналисти матбуот ва радио муҳим аст. Аммо дар телевизион тамоман баракси он: рӯйдод, ҳодиса тариқи видеокамера наворбардорӣ мешавад, журналист ба рӯйдод бо чашми бинанда, дурусттараш бинанда рӯйдодро бо чашми диди оператор ва журналист мебинад. Чунки вазифаи тасвиркунӣ тавассути видеокамера ба амал бароварда мешавад. Журналист бо фаҳмондадиҳии оқиби кадрӣ ҳолатҳои тасвирнашавандаи рӯйдодро мегӯяд» [70, с.27]. Яъне жанри репортаж дар телевизион бо тамоми хусусиятҳои худ намудор гашта, аз репортажҳои матбуотӣ ва радиоӣ фарқ мекунад.

Аз рӯйи тарзи пешниҳод репортаж ба бевосита мустақим ва сабтшуда ҷудо мешавад. Репортажи мустақим бевосита ба эфир ҳангоми содиршавии рӯйдод тавассути студияи сайёри телевизионӣ (ПТС) дода мешавад. Репортажи сабтшуда бошад, баъди таҳриру танзим пешниҳоди бинанда гардонида мешавад.

«Репортажро ба намудҳои рӯйдодӣ (воқеӣ), мавзуӣ ва ташкилӣ  ҷудо мекунанд. Репортажи рӯйдодӣ (воқеӣ) – аз ҷойи рӯйдоди ҳақиқӣ суратгирифта, новобаста ба хоҳиши журналист, дар он рӯйдод пурра ва ҳаққонӣ инъикос карда мешавад. Журналист дар репортажи мавзуӣ аз рӯйи мавзуъ  ҷойи рӯйдодро интихоб намуда, репортажро таҳия мекунад. Дар репортажи ташкилӣ  журналист ҳамчун ташкилкунандаи рӯйдод

ширкат меварзад. Ингуна ташкили рӯйдод хеле аҷиб ва манфиатнок ва ё баракс зараровар ва ғайрикасбӣ шуданаш мумкин аст» [70,с. 42-43]. Ин намуди репортаж маъмултарин ва асоситарин репортаж ба ҳисоб меравад, зеро он табиӣ ва аз рӯйдоди ҳақиқӣ таҳия мегардад ва дап он сохтакорӣ дида намешавад.

«Дар репортажи рӯйдодӣ (воқеӣ) асос худи рӯйдод, пайдарҳамии инкишофи он аст. Сухани журналист рӯйдодро ташкил ва ё идома намедиҳад, балки танҳо аз ақиби он меравад. Дар ин ҳолат кори журналисти аз ақиби кадр хондаистода, хеле мураккаб ва масъулиятнок аст» [68, с.46]. Ҳақиқатан ҳам дар репортажи рӯйдодии телевизионӣ масъулияти журналист хеле калон мебошад, зеро бинанда тавассути видеонавор ҷараёни рӯйдодро мебинад ва журналист вазифадор аст, ки вобаста ба он рӯйдод сухан гӯяд, на чизи дигар.

«Репортажи мавзуӣ (проблемавӣ низ мегӯянд) ин пешниҳоди ҳолатҳои барои бинанда аҷиби ҳамеша рӯйдиҳанда аст. Ин репортаж аз кӯчаву хиёбонҳои шаҳр бобати ҳолати ҳаракати нақлиёт ва савдо, аз устохонаи рассом, аз сехи заводи мошинбарорӣ ва ғайраҳо сурат гирифта метавонад. Дар ин ҳолат рӯйдод ба ин ҷо омадани худи гурӯҳи телевизион ва нишон додани ҳаёти ҳаррӯза ба бинандагони сершумори телевизион аст.

Репортаж бояд беғаразу бетаҳрир бошад, яъне журналисти (репортёри) хуб, нигоҳи ғайриоддиаш ба навигарӣ (воқеа) ва аз он чизи муҳиме, ки барои аксарият аҷиб аст, ҷудо намуда пешкаши бинанда кардан фарқ мекунад»[72, с.83-84. Дар ин намуди репортаж журналист вазифадор аст, ки аз проблемаҳо, мавзуъҳои доғи рӯз репортаж таҳия намояд, то тариқи он мавзуи муҳими ҳаёти ҷомеа ба баррасӣ кашидашуда, масъулини соҳа баҳриислоҳи он камар банданд.

Бо сабаби он ки репортажҳои воқеӣ вазифаи иттилоотӣ ва мавзуӣ (проблемавӣ) бештар аз ҳама вазифаи фарҳангӣ, равшаннамоӣ ва

иҷтимоию педагогӣ доранд, бинобарон жанри репортаж жанри гузаранда ва ҳалкунандаи масъала ба жанри таҳлилӣ низ наздик мешавад.

Инчунин мебояд таъкид кард, ки репортажи мусобиқаҳои варзишӣ дар телевизион мақоми хосае доранд. «Мақсади репортажи варзишӣ тасвири воқеаи шудаистода аз ҷойи воқеа аст. Дар вақти нақл дар бораи ҳодисаи шудаистода репортёри варзишӣ бояд бо дигар хабарҳое, ки ба он алоқамананд, таваҷҷӯҳ кунад» [52, с.178] - мегӯяд, муҳаққиқ В. Моисеев

Репортаж ин рӯйдодест, ки ҳангоми содиршавӣ тавассути журналист нишон дода мешавад ва ӯ (журналист) қаҳрамони асосӣ ва аксаран қаҳрамони ягонаи репортаж аст. Дар ин ҷо истифодаи калимаи «ман» ва нишон додани эҳсоси хеш ба маврид аст. Беҳтарин репортаж ин репортажи мустақим аст. Репортаж қариб, ки танзим карда намешавад. Бо танзим фақат номувофиқии кадрҳо гирифта мешавад.

Сюжети иттилоотӣ ин нақл дар бораи рӯйдод аст. Дар ин ҷо барои дохил намудани синхронҳо ва дигар наворҳои зарурӣ танзим зарур аст. Журналист метавонад дар кадр бо факту рақам баромад кунад. Дар ин ҳолат истифодаи калимаи «ман» ва нишон додани эҳсоси худ номумкин аст. Бояд таъкид кард, ки репортажи ҳақиқӣ дар телевизиони имрӯза хеле кам ба мушоҳида расида, дар ҳолати таҳия гаштанаш ҳамчун бозёфт ба шумор меравад.

Дар репортажи телевизионӣ аз имкониятҳои дигар жанрҳо, мисли мусоҳиба, хабар, табсира истифода бурдан мумкин аст: «Дар жанри репортаж саволу ҷавоб, муколама монологҳо мавҷуд буда метавонанд» [102, с.39]. Ин усулҳо барои муассир ва комил гаштани сохтори он мусоидат мекунад. Дар шароити телевизиони имрӯза чунин ба назар мерасад, ки репортаж гуфта баъзан хабарҳоеро низ дар назар доранд, ки журналист дар ҷойи ҳодиса ҳузур дошта бошад. Масалан ташрифи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба боғи ботаникии шаҳри

Душанберо, ки натток гузориш унвон мекунад, бо иттилои мукаммали пасикадрӣ ба талаботи хабари васеъ ҷавобгӯст.

Муҳаққиқи соҳаи телевизион Пол Стейнли чунин мегӯяд: «Ба хотири боварии тамошобинонро ба даст овардан ва тавҷ- ҷӯҳи онҳоро ба худ ҷалб кардан кулли сужаҳои шумо бояд дақиқу асоснок бошанд. Ана он гаҳ шумо ба авҷи аълои фаъолияти ҳирфаӣ хоҳед расид» [91, с. 37].

Дар репортажи варзишӣ аз вожаҳои ҳарбӣ сӯиистифода мебаранд: Масалан, ҳам дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» - Муродалӣ Тешаев ва ҳам дар телевизиони «Тоҷикистон» Алӣ Шариф чунин вожаҳо истифода бурда мешаванд: «Бачаҳо ба маргашон нигоҳ накарда истодагарӣ мекунанд», «Команда ба рақиб муқобилият нишон медиҳад» ва ғайра. Дар ин маврид боз таъкид мешавад, ки «ба муфассир ва на танҳо муфассири варзишӣ нозукиҳои касбро донистан ҳатмист, ӯ бояд ба ғайр аз репортажи худ, репортажи дигаронро низ тамошо кунад».

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки аз шартҳои муҳими репортёрӣ, таҷрибанокӣ, эҳтиром ба касби худ, донистани объекти репортаж, мақсади интихоби ҳамин воқеаро зикр карда, онро ҳамчун василаи расидан ва бинандаро қонеъ кардан шинохтаанд. Аз ин рӯ, дар журналистикаи имрӯза ҳамкорӣ, ҳаммуаллифӣ, таҷрибаомӯзӣ ба анъана медарояд. Ҳамчун таҷрибаи соҳибкасбон ба ин чизҳо бештар эътибор дода мешавад.

Замоне репортёри машҳур Василий Михайлович Песков гуфтааст: «журналисти ҷавон ҳодисаҳоро тавре тасвир мекунад, ки гӯё равшанӣ ба оина расида, аксаш инъикос ёфтааст. Аммо репортаж бояд тавре сурат гирад, ки он гӯё аз тариқи призма тасвир ёфта бошад. Он гоҳ мо на инъикоси оддӣ, балки инъикоси рангаи онро мебинем» [122,с.242]. Репортажи телевизионӣ қуллаи касбияти журналистика аст. Репортаж мисли ҷаҳони беохир аст. Барои ҳамин назария ва амалияи барномаҳои репортажӣ ҳамеша дар ташаккуланд. Маълум аст, ки навигарӣ мисли

дигар намуди эҷод бо гузашти вақт ва замона мутобиқ мешавад, вале жанри репортаж ба андешаи мо, каме ба дигаргунӣ медарояд.

Бояд зикр кард, ки тавсиф ва тасвири ҳодисаву воқеот дар жанри репортаж то андозае ба диди журналист вобастагӣ дорад, бинобар ин тақозо карда мешавад, ки мухбирони касбӣ ба кори репортёрӣ ҷалб карда шаванд. Ҳамчунин зимни таҳияи репортаж масъулияти наворбардору коргардон, умуман, ҳайати корӣ зиёд гардида, аз ҷониби кормандони техникӣ низ ташаббуси эҷодӣ нишон додан зарур аст.

Махсусияти баёни ақида дар телевизион ба он вобаста аст, ки ин василаи ВАО ҳам диданӣ ва ҳам шуниданӣ аст. «Ҳаракат, тағйири ҷою макони объект ва қаҳрамон хоси телевизион асту ин хосият аз ҳама бештар дар жанри репортаж ба мушоҳида мерасад» [85,с.58]. Дар барномаҳои иттилоотии телевизион аксар навиштаҳо дар қолаби ҳамин жанранд. Зеро онҳо дида мешаванд, онҳо амаланд, онҳо воқеаи муайянеро нишон медиҳанд ва бинанда шоҳиди воқеа мешавад. Ба ҳамин васила «таърихи воқеа» ба амал оварда мешавад, ки он аз «таърихи қаҳрамон» фарқ мекунад. Чун таърихи воқеа зарур аст, омӯхтан ва донистани фактҳои ба он лозимӣ зарур мешавад. Ба назари профессор А. Нуралиев «Репортаж таърихи воқеае мебошад, ки онро репортёр дидааст» [74,с.97]. Муҳаққиқи рус М. Н. Ким менависад, ки «репортаж ба ниҳонхонаи факт тарзе равшанӣ меандозад, ки жанри дигаре чунин қобилиятро надорад» [35,с.274]. Аммо пажӯҳишгар Бараневич Ю. Д. ақида дорад, ки ҳангоми таҳияи репортаж «микрофон ва журналист бояд ҳатман дар ҷои ҳодиса бошанд. Дар ин ҳол хабарнигор ва микрофони ӯ бояд дар ин рӯйдод иштироки фаъол намоянд» [4,с.55]. Ба ин васила дар ҳолати телевизион муайян кардани чизи дидашаванда низ аз заруриятҳои фан- нист.

Журналист кадом қисми воқеаро ҳамчун чизи асосӣ зикр кардан мехоҳад, ба инобат мегирад (агар ҳамаашро якбора намоиш диҳад ин ба баёни ками воқеа ва ё ин ки ҳисобот дар бораи ҳаводис мешавад). Репортёр

худ тасмим мегирад, ки ба кадом иштирокчиёни воқеа дар экран имкони сухан диҳад, кадом қисми гуфтаҳоро бетағйир гузорад. Мушкилоти асосии репортёр-интихоб аст интихоби мавзуъ, идея, ғоя, сюжет, қаҳрамон. Маҳз ин репортажи хабариро мушаххас мекунад. Албатта дар телевизион сурат (навор) ва матн ё ба ифодаи дигар хати намоиш ва овоз василаҳои ифодаи мақсаданд. Онҳо ҳамдигарро пур мекунанд. Аммо шарти муҳими он пахш аст, ки онҳо якдигарро такрор накунанд. «Истифодаи онҳо дар мавод ҳамчун қисми таркибии сужа шинохтаву пазируфта шудаанд, ки бо шарҳи муаллиф пурра мегарданд» [100,с.24]. Дар телевизиони «Тоҷикистон» ва телевизиони «Ҷаҳоннамо» ду навъ репортаж истифода мешавад: репортажи мустақим ва таҳриршуда. Репортажи мустақим дар вақти рух додани ҳодиса бо истифода аз студияи сайёрӣ телевизионӣ пахш мегардад. Аммо набудани имконияти пахши репортаж дар вақти рӯй додани ҳодиса маҷбур мекунад, ки он ба таври ғайримустақим нишон дода шавад. Вобаста ба тарзи сабти ҳодиса онро видео, кино ё фоторепортаж мегуянд. Вобаста ба роҳҳои додани репортаж, ки ба базаи моддии техникӣ марбут аст, онҳо ба худ ном гирифтанд. Ҳарчанд имрӯз ҳодисаҳо бештар ба тарзи видеоӣ ба бинанда мерасанд, аммо тарзи дигари тасвири онҳо низ мавҷуд аст. «Вобаста ба пайдо шудани графикаи компютерӣ, аниматсияи телевизионӣ шакли нави репортаж-репортажи тасвирӣ ҳам пайдо шудааст» [122,с.212]. Дар телевизиони имрӯза репортажҳои бе матн низ ба миён омаданд, ки ин зуҳуроти нави хабарӣ буда, вай аз Евронюс оғоз шуд ва Россия 24 низ ба он тақлид мекунад. Аммо ин навъи гузориш дар телевизиони тоҷик ҳанӯз нест. Мехоҳанд, баъзан, лавҳаҳои телевизиониро (манзараҳо), ки ҳарду шабакаи телевизиони тоҷик барои пур кардани фосилаи байни намоишҳо истифода мебаранд, чун гузориши бематн муаррифӣ кунанд, ки ин ғалатфаҳмӣ аст. Онҳо манзараҳои табиат, наворҳои кӯҳна ва тамошои бе навигарӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар репортажи ҳаводисӣ ҳамаи воқеа асос аст ва ба рафти он ва тағйири ҳодиса муаллиф халал ё дигаргун карда наметавонад. Журналист воқеаро ташкил намекунад, лекин аз паси он меравад. Воқеа дастнорас аст, онро дигаргун сохтан дар назди тамошобин номумкин аст. Новобаста аз он ки навор пахши мустақим мешавад ё дар лентаи магнити сабт мегардад, наворбардор дар назди камера, режиссёр ба пулт, танзимгар дар назди компютер  истода чизҳои нолозимро мебуранд, то тамошобин асоси воқеаро сарфаҳм равад. «Шарти муҳими репортажнависӣ сабаб доштан аст» [39, с.224]. Сабаб доштан маънои нав будани воқеаро мефаҳмонад, яъне репортаж на дар хусуси воқеаи  ҳаррӯза  навишта мешавад, балки дар хусуси воқеаи нав навишта мешавад. Воқеаи нав ду хел мешавад: коре, ки аввалин бор ба амал омадааст, дигаргуние, ки дар амали кӯҳна пайдо шудааст.

«Репортажи телевизион бояд тавре омода, наворбардорӣ ва пешниҳод гардад, ки баъди як маротиба пахш шуданаш кулли маъно ва ҳадафҳои сужа фаҳмо бошад.  Ҳамчун репортёр шумо танҳо  як маротиба имконият доред, ки ба бинандаи худ муроҷиат кунед. Одатан бинанда имконият надорад, ки сужаи шуморо бори дигар тамошо кунад. Маҳз ба ин хотир, ҷолибияти мавзуъ, пайдарҳамӣ ва танзими  хуб талаботи асосӣ ба ҳисоб мераванд» [91, с.7] ва дар баъзе мавридҳо репортёрони телевизиони «Тоҷикистон» ба ҳадаф мерасанд. Масалан, яке аз репортажҳои омода намудаи Фахриддин Нурматов дар барномаи «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» дар мавзуи мушкилоти муҳоҷирон буд.

Репортаж чунин оғоз меёбад: «Муҳоҷирати меҳнатиро доираҳои гуногун баррасӣ кардаву хулосаи худро ба мақомоти дахлдор пешниҳод кардаанд. Вале муҳоҷират на кам, балки ҳамарӯза афзуда истодааст. Тибқи маълумоти расмӣ шумораи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар Руссия бештар аз 630-ҳазор аст» [149].

Дар кадр пас аз намоиши муҳоҷирон, конфронсе нишон дода мешавад ва репортёр таъкид мекунад, ки дар конфронсе, ки бо ширкати коршиносони дохиливу хориҷӣ доир гашт, маҳз ҳамин масъала мавриди муҳокима қарор гирифт. Баъдан, дар экран кадрҳои конфронси дигар намоиш дода мешавад ва репортёр мегӯяд, ки ин ягона конфронсе нест, ки масъалаи танзими муҳоҷирати Тоҷикистон дар он баҳс мешавад. Ҳамасола даҳҳо конфронсу мизҳои гирд баргузор мегарданд. Вале натиҷа гоҳо қаноаткунанда асту гоҳи дигар не. Зеро вазъи муҳоҷират бештар аз ҳама аз худи муҳоҷирон вобастагӣ дорад. Репортёр делел меорад, ки сабабаш надонистани забону қонунҳои кишвари қабулкунанда мебошад ва ин суханонро Абдулло Қодирӣ, сардори Маркази кор бо ҷомеаи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад: «Тибқи қоидаҳои наве, ки дар Руссия қабул шудааст, муҳоҷир бояд қоидаҳои дохилии ин кишвар ва забони давлатии онро донад. Ва рақобат дар бозори меҳнат пуршиддат аст. Муҳоҷирони мо бояд, ки касби муайяне дошта бошанд. Дар баробари ин пеш аз сафар бояд, ки тайёрӣ дида бошанд» [149].

Репортёр мушкилоти дигари муҳоҷирон-депортатсияро ба миён мегузорад ва мегӯяд, ки бештари вақт муҳоҷирон аз депорт шуданашон бехабар буда, дубора сафар мекунанд, ки дар натиҷа аз фурудгоҳи Россия бозпас гардонида мешаванд. Ин омил зарбаи дигареро ба буҷаи оилавии муҳоҷирони меҳнатии депортатсияшуда мезанад. Дар экран як муҳоҷир, Қосим Иброҳимӣ пайдо мешавад ва таъкид мекунад, ки то ба Тоҷикистон барнагашт намедонист, ки депортатсия шудааст.

Репортёр баъдан, аз иттилоъ пайдо намудани муҳоҷирон вобаста ба депортатсия ёдовар мешавад ва мегӯяд, ки акнун на хизматрасонии Справочний бюрои Фурудгоҳи байналмиллалӣ ва на кумаки Хадамоти муҳоҷират, ки эътимоди муҳоҷиронро пурра ба даст оварда натавонист, лозим нест. «Акнун муҳоҷирон аз телефонии мобилӣ ва аз компютери

пайваст бо интернет бо осонтарин восита метавонанд маълумоти дилхоҳашонро аз ФМС-и Россия ба даст оранд. (www.fms.gov.ru) 3-даблю fms точка gov точка ру ва ворид кардани маълумоти шиноснома нишон медиҳад, ки муҳоҷир депорт шудааст ё на» [149].

Ин репортаж бо он хусусияташ беҳтар аст, ки репортёр ба умқи масъала ворид шудааст ва нишон додааст, ки ин проблемаи рӯз сабаб дорад ва ин сабабҳоро репортёр дар як конфронси бахшида ба мушки-лоти муҳоҷират доир гардида нишон дод.

Бояд гуфт, дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» ҳам репортаж бештар дар инъикоси масоили дохили кишвар ба кор бурда мешавад. Мухбирони шабака имконияти таҳияи репортажро танҳо дар дохили ҷумҳурӣ доранд ва асоси гузоришҳои онҳоро воқеаву навигарии кишварамон ташкил медиҳад. Барои инъикоси ҳаводиси кишвар репортажҳои шабакаҳои хориҷӣ тарҷума карда мешаванд, аммо на ба пуррагӣ. Онҳо бо истифода аз чанд репортаж барои шабакаи худ хабар ё нигориш омода месозанд ва наметавон маводи хориҷии дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» пахшшударо репортаж гуфт. Ҳолатҳое низ ба мушоҳида расид, ки мухбирони шабака пас аз сафар кардан ба ин ё он кишвар аз мамлакатҳои хориҷ репортаж таҳия мекунанд, аммо хеле кам.

Баъзе вақт репортёр супориш мегирад, ки на воқеаи конкретиро ба навор гирад, балки репортаж дар бораи ин ё он мавзуи умумӣ омода созад ва дар ин ҳолат редаксия журналистро озод мегузорад. Аммо дар ҳама ҳолат дар интихоби мавзуъ ӯ озод аст. Ин гуна репортажро муҳаққиқ Ким М. «Мавзуӣ ё проблемавӣ меномад. Зеро дар маркази ин репортажҳо ин ё он мушкилоти иҷтимоӣ-сиёсӣ қарор мегирад» [33, с. 9].

Симои воқеа ҳар он чизе аст, ки дар навор мебинем. Яъне мо дар як нуқта қонеъ намемонем, балки ҳамин воқеаро аз аввал то ба охир нишон медиҳем. Ҳамаи ин дар асл як факт, як воқеа аст. Аз он ки як факт асос аст, репортаж бо хабар наздикӣ дорад, аз он ки чи гунагии як факт ба ҷузъиёт

шарҳ дода мешавад, гӯё ба мухбирнома наздик аст. Аммо ҳадафҳо ҳамоно гуногун мемонанд: мухбирнома бо таҳлил, бо хулоса ба натиҷае мерасад. «Дар репортаж таҳлил нест» [43, с.15], тасвири ҷараёни воқеа дида мешавад, ки бо андешаҳои муаллиф ва иштирокчиён пурра карда мешавад. Репортаж дар бораи як воқеаи том аст. Репортёр дар бораи чизе менависад, ки дидааст. Албатта ҳеҷ кас тавсия дода наметавонад, ки кадом воқеа бояд чи хел тасвир карда шавад, репортаж чи хел оғоз ёбад. Талаботи асосӣ ҳангоми навиштани репортаж вайрон накардани факту рақам ва номҳо мебошад.

«Репортажи махсус чист? Агар барои репортажи оддӣ ва сюжети иттилоотӣ рӯйдод асос бошад, барои таҳияи репортажи махсус асос мушкилии рӯз мегардад. Мушкилӣ, мавзуи доғи рӯз метавонад нашъамандӣ, сӯхтор, таваллуд дар шаҳр, озодшавии маҳбусон, фоҳишагӣ, таъмин аҳолӣ бо қувваи барқ, гази табиӣ, оби тоза, оби гарм ва ғайра бошад» [70, с. 44]. Репортажи махсус ин нишони хоси ҳар як шабакаи телевизионӣ аст, ки барои обрӯй ва баланд бардоштани мавқеи ин телевизион нақши муҳим мебозад.

Репортажҳо метавонанд аз ҷойи рӯйдодҳои муҳим, гузаштани идҳо, ҷашнвораҳо, фалокатҳои табиӣ мустақиман пахш гарданд. Агарчӣ репортажро дар айни замон бевосита аз ҷойи воқеа нишон диҳанд, ин репортажи классикӣ ба шумор меравад, вале агар репортаж аҳамияти калони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ дошта бошад дар он сурат онро сабт карда, такроран нишон медиҳанд. Дар ин ҷо ислоҳ кардани баъзе камбудиҳои репортаж аз тариқи танзим имконпазир аст. Репортажҳое ҳастанд, ки воқеаҳои он ғайричашдошт, ногаҳонӣ рух медиҳанд ва дар ин ҷо саривақт ба ҷойи воқеа расидани репортёр ва бурдани репортаж зарур аст. Муҳаққиқи рус М. Н. Ким менависад, ки «Репортаж ба ниҳонхонаи факт тарзе равшанӣ меандозад, ки жанри дигаре чунин қобилиятро надорад» [35,с.274]. Аммо пажӯҳишгар Бараневич Ю. Д. ақида дорад, ки

ҳангоми таҳияи репортаж «Микрофон ва журналист бояд ҳатман дар ҷои ҳодиса бошанд. Дар ин ҳол хабарнигор ва микрофони ӯ бояд дар ин рӯйдод иштироки фаъол намояд» [4, с.55]. Ба ин васила дар ҳолати телевизион муайян кардани чизи дидашаванда низ аз зарурриятҳои фаннист.

Боз репортажҳое ҳастанд, ки рафти воқеиёти он пешакӣ маълум аст. Масалан, бозиҳои варзишӣ, конфренсияҳои илмӣ, идҳо, ҷашнвораҳо ва ғайра. Ба чунин репортаж аллакай баранда ё репортёр бо тайёрии хубтар ба ҷойи воқеа меравад. Чунин ҳолат кори репортёрро хеле осон мегардонад ва ӯ аз рафти воқеа қаблан огоҳӣ дорад. Барандаи репортажро репортёр меноманд. Ин журналисте аст, ки тезкор ва зирак аст, инчунин воқеаҳои рӯйдодаистодаро шарҳу тавзеҳ дода метавонад ва вақтро аз даст надода саривақт рафти воқеаро ба тамошобин пешкаш мекунад. Барои бештар маълумот гирифтан дар бораи воқеа аз шоҳидон сабабҳои рӯй додани воқеаро мепурсад. Мушкилоти асосии репортёр интихоб аст. Интихоби мавзуъ, идея, ғоя, сюжет ва қаҳрамон. Маҳз ин репортажи хабариро мушаххас мекунад.  Албатта дар телевизион сурат (навор) ва матн ё ба ифодаи дигар хати намоиш ва овоз василаҳои ифодаи мақсаданд. Онҳо ҳамдигарро пур мекунанд. Аммо шарти муҳими он пахш аст, ки онҳо якдигарро такрор накунанд. «Истифодаи онҳо дар мавод ҳамчун қисми таркибии сужа шинохтаву пазируфта шудаанд, ки бо шарҳи муаллиф пурра мегарданд» [100, с.24]. Репортёр метавонад дар бораи хисорот ва аҳамияти воқеа сухан ронда, омилҳои рӯйдодаисто- даро ба тамошобин нишон диҳад.  Дар репортаж, репортёр ҳақ надорад, ки рафти воқеаро баҳогузорӣ карда, хулосаи воқеаро ҷамбаст кунад.

«Ҳама чиз андозае дорад. Журналисти навқалам бояд бидонад, ки факту навигариҳои мусбат ба хонанда таъсири нек мерасонанд ва дар зиндагӣ некбин буданро дар онҳо мепарваранд, дили мардумро ба зиндагӣ гарм месозанд, ҳисси ватанпарварии онҳоро бедор мекунанд. Навигариҳои танқидӣ низ заруранд, агар онҳо воқеӣ бошанд, ислоҳи он ба ҷамъият

фоидаовар бошад, эродгириҳо муҳиму принсипиалӣ бошанд. Зеро яке аз принсипҳои муҳимтарини журналистика инсондӯстӣ аст, ки журналист дар ин маврид ҳамчун ҳимоятгари манфиатҳои иҷтимоии мардум, ҳуқуқ ва озодии шахс баромад мекунад» [74, с. 17-18].

Репортажро се навъ пешниҳод кардан мумкин аст: репортаж аз ҷараёни ҳодисаву воқеаҳо, репортажи мавзӯӣ ва видеоӣ. Репортаж аз ҷараёни ҳодисаву воқеаҳо маълумотеро пешниҳод мекунад, ки ҳолати воқеии ҷараёнро бозгӯ менамояд. Дар ин навъи репортаж мавқеи журналист дар аниқ кардан ва шарҳ додани факту далели ҷойдошта барҷаста мегардад.

Видеонавор:

Лаҳзаҳо аз ҷараёни
ҷоизасупорӣ дар
ноҳияи Шоҳмансур...

Журналист дар кадр:

Маросими ҷоизасупории озмуни «Ташкилоти беҳтарини ҳизбӣ» дар байни кумитаву ташкилотҳои ибтидоии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур бахшида ба 25-солагии таъсисиёбии Ҳизби халқи демократии Тоҷикистон дар доираи чорабиниҳои ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо садо додани Суруди миллӣ ҷашнвора оғоз мегардад.

Журналист аз паси кадр:

Дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Презденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Кумитаи иҷроияи

Ҳизби халқи демократи Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур ҷиҳати пурзур будани самти фаъолияти сиёсии кумитаву ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии ноҳияи Шоҳмансур низомномаи ташкилоти беҳтарини ҳизбиро таҳия намудааст. Тибқи низомномаи мазкур озмуни ташкилоти беҳтарини ҳизбӣ доир гардид, ки дар он намояндагони кумитаву ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ иштирок намуданд, таъкид шуд, ки озмуни мазкур дар ҳамбастагӣ бо кумитаи иҷроияи Ҳизби халкии демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе бахшида ба бисту панҷумин солагии таъсисиёбии ҳизб ба нақша чорабиниҳои ҷашнҳои 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Зимни суханронӣ муовини райиси Ҳизби халқи демократи Тоҷикистон раису кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар шаҳри Душанбе ва ноҳияи Шоҳмансур иброз гардид, ки дар доираи татбиқии барномаҳои ҳизбӣ масъулин ва аъзоёни ҳизб баҳри рушду пешрафти бахшҳои гуногуни ҷомеа саҳм гузоштанд.

Синхрон:

Аз 9-октябри соли равон дар байни ҳама корхонаҳо, кумитаҳо, ташкилотҳои ҳизби шаҳраку маҳаллаҳо ва мақомоту идораи ҳудуди ноҳияи Шоҳмансур озмуни мазкур баргузор

гардид. Дар ин озмун зиёда аз 220 ташкилотҳои ҳизбӣ иштирок намуданд.

Журналист аз паси кадр:

Озмуни мазкур аз рӯи 10 номинатсия баргузор гардида, ғолибон бо ҷоиза ва диплом ва тӯҳфаҳои молиявӣ қадрдонӣ гардиданд. Мақсади баргузории озмуни мазкурро масъулин дар устувор гардонидани мавқеъ ва баланд бардоштани нуфузи ҳизб дар корхонаву муассисаҳо ва шаҳраку маҳалаҳо тақвият бахшидан ба фаъолияти ҳизб дар маҳали зист ва ҷалби бештари сокинони шаҳраку маҳаллаҳо хусусан ҷавонон ва занон ҷонибдории ҳизби мазкур бо назардошти ойномаи барнома, қарорҳо, анҷуманҳо, маҷлисҳои кумитаву иҷроияи маркази ҳизб маънидод намуданд» [154].

Дар ин репортаж журналист барои исботи гуфтаҳои худ бештар аз имкониятҳои техникии дастгоҳи наворбардорӣ ва ба истифода аз кадрҳои гуногун такя мекунад. Ин репортажи намуди сабтшуда мебошад, ҳарчанд, ки барандаи барномаи иттилоотӣ ин сюжетро гузориш ном мебарад.

Журналист дар жанри репортаж дар оғоз аз стенд-ап, ки хоси ин жанр аст, истифода бурда, минбаъд аз ҷузъҳои жанри мусоҳиба ва хабари кӯтоҳ низ истифода мекунад. Ин ба талаботи жанри репортаж пурра ҷавобгӯй буда, барои бинанда масъалаи ба миён гузошташуда бо иштироки журналист фаҳмо мегардад, дар байни бинандагон афкори умум ба миён меорад, барои ҳар гуна мушкилиҳо шахсони масъул ва сабабгорро ба «ҷунбиш» меорад. Ба ҳамин васила мушкилие ҳалли худро меёбад.

Жанри репортаж яке аз сареътарин жанри ахбории телевизион аст, ки хабарнигор аз ҷойи воқеа ҷараёнро барои тамошобинон шарҳу тавзеҳ медиҳад. Барои репортёр дар муқоиса бо хабарнигор ва ё шореҳ муҳим нишон додани ҷузъиёти воқеаест, ки дар пеши назар ба вуқӯъ пайваста истодааст, на натиҷа ва ё паёмади он. Албатта репортёрҳои моҳир дар баробари пешниҳод кардани ҷараёни воқеа натиҷаҳои онро низ пешгӯйӣ карда метавонанд. Вале масъулият ва вазифаи асосии онҳо маҳз дар пешниҳоди маълумоти дуруст аз рафти воқеаи баамаломада мебошад ва маҳорату малакаи репортёрҳо маҳз дар чунин мавридҳо баҳогузорӣ карда мешавад. Барои муайян намудани дараҷаи касбияти репортёрҳо ба чунин нуқтаҳо диққат кардан лозим меояд:

- қисмати инъикоскунандаи воқеа;
- интихоб ва ҷобаҷогузории иштирокчиёни воқеа;
- интихоб ва пешниҳоди далелҳо;
- интихоб ва тақсимбандии эпизодҳои гуногун ва ҷолиб;
- ҷудо кардани ҷузъиёти махсус;
- пешниҳоди таассуроти шахсӣ.

Журналист дар жанри репортаж аксаран дар оғоз (мумкин аст дар байн ва ҳатто дар охир) аз стенд-ап, ки хоси ин жанр аст, истифода мебарад. Стенд-ап як ҷузъи асосии жанри репортажи телевизионӣ аст, ки тавассути он журналист бо иштироки хеш аз ҷойи рӯйдоди муҳим дар лаҳзаҳои асосии он ба бинандагон иттилои муҳимро мерасонад.

Стенд-ап сухани журналист дар навори аз ҷойи ҳодиса сабтгардида мебошад, ки дар баланд бардоштани нуфузи шабакаи телевизионӣ ва таъмини ҷолибияти барнома таъсиргузор аст. Хабарнигор дар манзарае стенд-ап медиҳад, ки ба муҳтавои мавод мувофиқат мекунад. Масалан, вақте журналист дар бораи Наврӯз стенд-ап медиҳад, манзараи ҷойгирифтаи ӯ саҳнаи ҷашни наврӯзӣ буда метавонад ва монанди ин. Дар навбати худ наворбардор аз камбудиҳои зоҳири хабарнигор ӯро огоҳ

мекунад. Хабарнигор низ имконият дорад барои сабт кардани кадрҳои ҷолиб ва дилхоҳ ба наворбардор кӯмак расонад. Бинанда бо чашмони хеш журналистро дар ҷойи рӯйдоди муҳим мебинад ва ба суханони вай эътимод пайдо мекунад. Ин яке аз талаботҳои асосии жанри репортажи телевизионӣ буда, барои бинанда масъалаи ба миён гузошта шуда бо иштироки журналист фаҳмо мегардад, дар байни бинандагон афкори умумро ба миён меорад, барои ҳалли мушкилии дар репортаж бардошташуда шахсони масъулро ба масъулият водор мекунад. Ба ҳамин васила мушкилие ҳалли худро дармеёбад.

Дар пешниҳоди жанри репортажи телевизионӣ ду навъ истифода мешавад: репортажи мустақим ва таҳриршуда. Репортажи мустақим дар вақти рух додани ҳодиса бо истифода аз студияи сайёрӣ телевизионӣ пахш мегардад. Аммо набудани имконияти пахши репортаж дар вақти руй додани ҳодиса маҷбур мекунад, ки он ба таври ғайримустақим нишон дода шавад. Вобаста ба тарзи сабти ҳодиса онро видео, кино ё фоторепортаж мегуфтанд. Вобаста ба роҳҳои додани репортаж, ки ба базаи моддии техникӣ марбут аст, онҳо ба худ ном гирифтанд. Ҳарчанд имрӯз ҳодисаҳо бештар ба тарзи видеоӣ ба бинанда мерасанд, аммо тарзи дигари тасвири онҳо низ мавҷуд аст. “Вобаста ба пайдо шудани графикаи компютерӣ, аниматсияи телевизионӣ шакли нави репортаж-репортажи тасвирӣ ҳам пайдо шудааст”.[1] Дар телевизиони имрӯза репортажҳои бе матн низ ба миён омаданд, ки ин зуҳуроти нави хабарӣ буда, вай аз Евронюс оғоз шуд ва Россия 24 низ ба он тақлид мекунад. Аммо ин навъи гузориш дар телевизиони тоҷик ҳанӯз нест. Мехоҳанд, баъзан, лавҳаҳои телевизиониро (манзараҳо), ки ҳарду шабакаи телевизиони тоҷик барои пур кардани фосилаи байни намоишҳо истифода мебаранд, чун гузориши header бематн муаррифӣ кунанд, ки ин ақида ҷо надорад. Онҳо манзараҳои табиат, наворҳои кӯҳна ва тамошои бе навигарӣ мебошанд.

[1] Цвик В.А. ТВ-Журналистика. - М., 2004. – С.212.

Дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон жанри репортаж аз камистеъмолтарин жанр ба ҳисоб меравад. Рӯйдодҳои муҳими рӯз дар дар барномаҳои иттилоотӣ дар қолаби ин жанр инъикос карда мешаванд. Истифодаи ҷузъиёти жанр дар репортаж махсусият ва фарқияти худро дорад. Дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ навъи дуюми репортаж-таҳриршуда бештар ба назар мерасад, журналистон ба ҷойи ҳодиса рафта, ҷараёни онро ба навор мегиранд ва ба студия омада, репортаж таҳия мекунанд. Барои мустақиман аз ҷойи ҳодиса иттилоъ додан имкони техникиии лозимаро надоранд. Вале баргузории чорабиниҳои муҳими сиёсии ҷумҳуриявӣ мустақиман пахш карда мешавад. Масалан, ҷашнгирии Наврӯзи байналмилалӣ, рӯзҳои Ваҳдати миллӣ, Истиқлолият, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман пахш карда мешаванд. Азбаски телевизион василаи дидании ахбор аст, репортаж ҳам аз жанрҳои диданист, аз ибтидои пайдоиши телевизион аксари жанрҳои хабарии телевизион ба ҷуз хабар бо номи “репортаж” ёдоварӣ мешаванд, ки ин ғалатфаҳмӣ аст.

Дар шабакаҳои телевизиони ватанӣ жанри репортаж бештар дар инъикоси масоили дохили кишвар ба кор бурда мешавад. Барои рангин ва ҷозиб шудани репортаж онро аз тасвири воқеа оғоз мекунанд ва ба ин восита бинанда, шунаванда ва хонандаро ба фаҳми он омода менамоянд. Тасвир дар ин ҳолат метавонад манзараи табиат, фазои воқеа, рӯҳияи иштирокчиёни воқеа ва дигар ҷузъиёти ба ин монанд бошад.

Бисёре аз репортажҳо ҷараёни як воқеаро дар муддати маҳдуде нишон медиҳанд, ки чӣ ҳодиса ва чӣ гуна рӯй дод ва ин тасвир ба нақли шоҳидон ва мулоҳизаҳои репортёр пурра карда мешавад. Бояд гуфт, ки дар репортажи ҳаводисӣ ҳамаи воқеа асос аст ва ба рафти он ва тағйири ҳодиса муаллиф халал ё дигаргун карда наметавонад. Журналист воқеаро ташкил намекунад, лекин аз паси он меравад. Воқеа дастнорас аст, онро дигаргун сохтан дар назди тамошобин номумкин аст. Новобаста аз он ки навор

пахши мустақим мешавад ё дар лентаи магнити сабт мегардад, наворбардор дар назди камера, режиссёр ба пулт, танзимгар дар назди компютер истода чизҳои нолозимро мебуранд, то тамошобин асоси воқеаро сарфаҳм равад. Шарти муҳими жанри репортаж сабаб доштан мебошад. Сабаб доштан маънои нав будани воқеаро мефаҳмонад, яъне репортаж на дар хусуси воқеаи ҳаррӯза навишта мешавад, балки дар хусуси воқеаи нав навишта мешавад. Воқеаи нав ду хел мешавад: коре, ки аввалин бор ба амал омадааст, дигаргуние, ки дар амали кӯҳна пайдо шудааст.

Жанри репортаж барои телевизион бояд тавре таҳия карда шавад, ки ба якборагӣ ба бинанда фаҳмо бошад. Репортёр танҳо як маротиба имконият дорад, ки ба бинандаи худ муроҷиат намояд. Бинандаи имрӯза имкон надорад, ки як репортажро бори дигар тамошо кунад. Бинобарон журналист бояд бо як ҷолибият репортажро таҳия ва ба бинанда пешниҳод кунад.

Симои рӯйдоди муҳим он чизе аст, ки дар навор нишон дода мешавад. Ин дар асл як факт, як воқеаи муҳим мебошад. Бо он ки як факт асос аст, жанри репортаж бо жанри хабар наздикӣ дорад, аз он ки чи гунагии як факт бо ҷузъиёт шарҳ дода мешавад, гӯё ба мухбирнома наздик аст. Аммо мақсадҳо гуногун мемонанд: дар жанри мухбирнома бо таҳлил, бо хулосае ба ё натиҷае расида мешавад. Аммо дар жанри репортаж, ки вазифааш иттилоъ расонидан мебошад, таҳлил истифода нашуда, тасвири ҷараёни воқеа дида мешавад, ки бо андешаҳои муаллиф ва иштирокчиён пурра карда мешавад. Жанри репортаж дар бораи як воқеаи том аст. Репортёр дар бораи чизе сухан меронад, ки дидааст. Аммо ҳеҷ кас тавсия дода наметавонад, ки кадом воқеа бояд чи хел тасвир карда шавад ва ё жанри репортаж чи хел бояд оғоз ёбад. Ҷузъи асосии жанри репортаж стенд-ап дар куҷои репортаж дар аввал, мобайн ва ё дар охир истифода шавад. Ё ки чанд стенд-ап бояд бошад дар як репортаж. Талаботи асосӣ ҳангоми

таҳияи жанри репортаж ғалат накардани факту рақамҳо мебошад. Бояд жанри репортаж аз ҷойи рӯйдоди муҳим дар иштироки бевоситаи журналист таҳия гардад. Чунки яке аз хусусиятҳои асосии жанри репортаж хабаррасонии журналист аз ҷои рӯйдоди муҳим ба тариқи стенд-ап мебошад, ки ин ҳолатро мо дар дигар жанрҳои иттилоотӣ дида наметавонем.

Хулоса, дар репортажи телевизионӣ пеш аз ҳама рӯйдод чи хеле ҳаст ҳақиқӣ нишон дода мешавад. Аз тарафи дигар, рӯйдод аз нигоҳ, фаҳмиши субъективии журналист ба ҷойи намоён баромада, журналист аксаран ҳамчун шоҳид, баъзан ҳамчун иштирокчии бевоситаи рӯйдоди инъикосшаванда пайдо мегардад. Бо ҳамин вижагиҳои хеш жанри репортажи телевизионӣ аз репортажҳои матбуотӣ ва радиоӣ ба куллӣ фарқ карда меистад. Яъне жанри репортаж дар телевизион бо тамоми ҷузъиёташ падидор гашта, яке аз асоситарин жанри иттилоотии телевизион ба шумор меравад.

## 1.2. Репортаж ва ҳисобот (гузориш): умумият ва фарқ

Дар тамоми воситаҳои ахбори омма: матбуот, радио ва телевизион иттилоот тавассути гурӯҳи жанрҳои иттилоотии хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж ба хонанда, шунаванда ва бинанда дар қолаби жанрӣ пешниҳод карда мешаванд. Муҳаққиқон риояи жанр, дуруст истифода намудани имкониятҳои он, шавқовар кардани матлабро зарурати мубрами ҳунари журналистӣ granted дониста, дар ҳар кадом жанр ё гурӯҳи жанрҳо риоя кардани қолабҳои хосро муҳим донистаанд. Муҳаққиқони русу тоҷик жанрҳои журналистикаро ба се гурӯҳ: жанрҳои хабарӣ, жанрҳои таҳлилӣ, жанрҳои публитсистикаи бадеӣ тақсимбандӣ намуда, имкониятҳои ҳар кадоми ин гурӯҳҳоро муайян намудаанд. Дар фасли мазкур, ки жанри иттилоотии репортажи телевизионӣ, умумият ва фарқи он аз ҳисоботи (гузориши) телевизионӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад, мо дар муқоисаи шакл ва мундариҷаи ин ду жанр такя ба асарҳои олимони соҳа ва таҳлили маводи телевизионӣ кӯшиш ба харҷ медиҳем, то ки хусусиятҳои хоси жанри репортажи телевизионӣ, умумият, фарқ ва ғалатфаҳмиҳо бо жанри ҳисоботи (гузориши) телевизионӣ муайян карда шаванд. Вобаста ба ин масъала аввал худи мафҳуми жанрро дида мебароем.

Шарҳи маънои мафҳуми жанр байни муҳаққиқон тавзеҳоти гуногун ёфтааст. Дар соҳаи адабиёт таснифи ҳамаи намудҳои адабиёту санъатро, ки таърихан сурат гирифтааст, жанр меноманд. Дар журналистика бошад, як гурӯҳ онро шаклҳои муайяни инъикоси воқеият маънидод намояд, гурӯҳи дигар тартиби нисбатан устуворро омили асосии ташкили матн меҳисобад.

Умуман дар бораи жанрҳои журналистикаи телевизион андешаву мулоҳизаҳо гуногунанд. В. В. Смирнов жанрро «шакли таҳияи мавод барои ҳалли вазифаи мушаххаси эҷодӣ» [84, с. 3] меҳисобад. Пажӯҳишгар В. Моисеев жанрро ҷамъоварӣ ва таҳлили факт мегӯяд. Аз ин рӯ, таҳқиқи

дигаре зарур аст, ки дар он ё шарҳи аломатҳо ва хусусиятҳои жанр, ё омилҳои дигари пуркунандаи онҳо лозим мешавад. Дар ин ҳолат донистани ақидаи олимони тоҷик муҳим мегардад.

Ҳол он ки дар таҳқиқоти олимони замони шуравӣ, ки хислати методологӣ пайдо кардаанд, масалан, М. Черепахов, В. Пелт, В. Учёнова ва Е. Прохоров «возеҳияти таҳқиқи воқеиятро дар рангорангии баён донистa, гуногунии услубиро аз эътибори рӯ овардан ба таърихи зинда меҳисобанд» [111, с. 322]. Ҳамин назар дар таҳқиқи олимони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов, Ҷ. Муқим ва С. Гулов низ омадааст. «Ҳамаи онҳо мисли В. Д. Пелт жанрро намуди аломатҳо ва хусусиятҳои устувордоштаи эҷод медонанд» [82]. Пажӯҳишгари журналистикаи тоҷик, пофессор И. Усмонов зимни таҳқиқ ба натиҷае расидааст, ки «жанр қолабест, ки дар он фикр, факт рехта мешавад ва ҳар кадом қолаб ҳамон жанреро дода метавонад, ки ба он мувофиқат мекунад» [102, с.5]. Ба пиндори пажӯҳишгарони дигари тоҷик А. Саъдуллоев ва С. Гулов «жанрҳо фактро, воқеаро ҷолибу рангоранг тавзеҳ медиҳанд ва ҳамзамон бо иттилоъ завқи эстетикӣ мебахшанд» [86, с.4]. Профессор М. Муродов бошад, мафҳуми жанрро чунин таъриф намудааст: «Шаклҳои гуногун ва мухталифи инъикоси воқеа, ҳолату рӯйдод, ҷараён ва вазъият, ки аз ҷиҳати аломат, хусусият ва сохти унсурҳои умумӣ, такроршаванда ва хоса доранд, жанр номида мешаванд» [56 с.5]. Бино ба андешаи муҳаққиқи дигари тоҷик Ҷ. Муқим «таъсири маводи ВАО аз бисёр ҷиҳат ба рангорангии он вобаста аст. Ин рангорангӣ аксаран ба тарзу усули таҳия, кайфияти сухан ва фасоҳату балоғати калом вобаста аст, ки дар доираи жанрҳои журналистӣ ва публитсистика ифода меёбад» [59, с.5]. Аз нигоштаҳои болоии олимони соҳаи журналистика ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маҳз тавассути жанр журналист ба ҳадаф мерасад. Ҷаҳонфаҳмии журналист, тарзи баён, имкони истифодаи воситаҳои

муассиркунандаи баён, василаҳои эстетикии баён, кӯтоҳ ё дароз будани шакли баён, имкони истифодаи шахсияти муаллиф дар матн ва ғайраҳо.

Барномаҳои телевизиониро бе жанрҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро барномаҳои иттилоотӣ аудиторияро бо хабарҳои муҳим ошно месозанд. Телевизионе нест, ки дар он барномаи иттилоотӣ пахш нагардад. «Дар ВАО жанрҳои хабарӣ мавқеи нисбатан намоёнро ишғол мекунанд. Зеро, фаъолияти журналистӣ аз хабарнигорӣ оғоз мегардад. Ҷавҳари асосии ин гурӯҳи жанрҳоро навгонӣ (воқеаву рухдоди тоза), яъне иттилооти муҳими иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Табиист, ки ҳаргуна навгонӣ бо факт асос меёбад» [57, с.95]. Асоси ин гурӯҳи жанрҳоро воқеаву рухдоди тоза, яъне хабари муҳими рӯз воқиф менамояд. Аз ин рӯ, дар ин гурӯҳи жанрҳо факт ҷои нисбатан муҳимро ишғол мекунад. «Ба жанрҳои хабарии телевизионӣ хабар, (хабари шифоҳӣ, видеосюжетҳо), ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж дохил мешаванд. Хусусияти хоси ахбори телевизионӣ дар он аст, ки ягон ахбори матбуотӣ ва ё радиоӣ ба он баробар шуда наметавонад. Чунки он на танҳо бинандаро бо воқеаи рухдода мустақиман пайванд мекунад, балки иштирокчии бевосита мегардонад» [70,с.11]. Фарқи ахбори телевизионӣ аз радиоиву матбуотӣ дар он аст, ки бинанда худ тавассути навор иштирокчии воқеа мегардад ва воқиф мешавад.

Ба ақидаи А. Саъдуллоев ва М. Шоев «Телевизиони ахборӣ дар мамлакати ҳамон вақт муштараки мо (ИҶШС) соли 1955 ба вуҷуд омад, аввалин репортажи Ю. Фокин аз фабрикаи «Красный Октябр». Идораи хабарҳои охирин бошад, соли 1956 пайдо шуд. Аввалин китоб бо номи «Жанрҳои ахбори телевизион» аз тарафи Р. А. Борецкий навишта шуда буд. Онро шӯъбаи илмию методии Кумитаи давлатӣ оид ба телевизион ва радиошунавонӣ (то соли 1961 КДРТ) соли 1961 ба нашр расонд. Муаллиф аз рӯи фаъолияти ҳамонвақтаи телевизион системаи жанрҳои ахбориро ба таври зайл номнавис карда буд:

Жанрҳои шифоҳӣ–сухангӯӣ, суҳбат, мусоҳиба–баъдтар пресс-конфронс (мубоҳиса).

Жанри киноахборӣ- ахбори киноӣ, кинорепораж, филми ҳуҷҷатӣ.

Репортажи телевизионӣ-намоиши воқеа бо шарҳаш, репортажи проблемадор.

Жанрҳои гуфтугӯӣ-ахбор бо мутолиаи натток, сухан дар кадр (ҷур), тавзеҳ, мусоҳиба.

Мусоҳибаи оммавӣ-пресс-конфронс.

Фотоахбор-ахбори суратдор, фоторепортаж, лавҳаи суратдор.

Телевизиони мустақим-интиқоли мустақими репортаж (бо шарҳ ё ташкилӣ).

Киноахбор, ҳисоботи киноӣ, кинорепортаж.

Чунон ки дида шуд, дар ташхиси жанрҳои ахборӣ як андоза бемантиқӣ ба мушоҳида мерасад. Чунин ҳолат дар китоби соли 1967 дарҷнамудаи Э. Г. Багиров ва Р. А. Боретский низ ба мушоҳида мерасад. «Муаллифон, табиист дар интихоби жанрҳо ба намунаи дигар жанрҳо дар журналистика (матбуот, радио) ва адабиёт такя кардаанд. Ҳаёти воқеӣ низ аз мадди назар дур карда нашудааст. Зеро жанр як воситаи инъикоси ҳаёти воқеист, хусусиятҳои мундариҷавии онро рӯйдодҳои зиндагии рӯзмарра муайян мекунад. Телевизион барои тамошо кардани мардум. Ахбор барои чист? - Барои расонидани хабарҳои тару тозаи ҷумҳурӣ, воқеаҳои ҷаҳон, вазъи обу ҳаво, натиҷаи мусобиқоти варзишӣ ва ғайра. Журналисти телевизион ихтисоси эҷодӣ буда, дар ҳайати гурӯҳи эҷодӣ ба он мусоидат мекунад, ки бинандаи зиёдро дар назди экрани телевизион ҷамъ созад.

Телевизион барои кӯдак мураббӣ, барои падару модар хабаррасон аст. Барои бобову бибиҳо кист? – ҳамсуҳбати хуб. Имрӯз мардум бе телевизион зиста наметавонанд. Барои онҳо журналистон, режиссёрон, наворбардорҳо, барандаҳо ҳар рӯз як чиз меофаранд. Журналисти телевизион ҳар лаҳза як хабари тозаро пешкаш мекунад, бо одамҳо суҳбат

карда як чизи нав пайдо мекунад, ҳар чизе, ки меофарад, фикру идеяи худаш аст бо таъби баланд эҷод мекунад. Асоси кори журналист бисёртар хабару мавод ҷамъ намудан ва аз рӯи он сенарияи намоиш мураттаб намудан аст. Бисёри журналистон барои ба даст овардани маводи хабарҳои ҳангомаомез-сенсатсия ба ҳар ҷо, ки зарур бошад, меравaнд. Мисол, сӯхтор, обхезӣ, заминларза, кафидани канализатсия, нуқтаи доғ, ҷойи ҷиноят ва ғайра» [99, с.58]. Бояд журналистон кӯшиш намоянд, ки то тавонанд иттилоотро сари вақт ба мардум расонанд. То бинандаи телевизион аз хабарҳои муҳим, ки дар ҷумҳурӣ рӯх медиҳанд саривақт огоҳ бошанд ва завқашон боз ба барномаҳои телевизионӣ зиёд гардад.

Жанрҳои иттилоотӣ дар телевизион мавқеи махсус доранд, ки иттилоотро саривақт ба мардум мерасонанд. «Фаъолияти журналист ҳамчун фаъолияти касбии эҷодкорӣ интихоби шакл, жанрҳои журналистикаи телевизиону радио, имкониятҳои он, хусусияти ҳар кадоми вай мебошад. Дар ҳар ду ҳолат мундариҷа ва шакли корро муайян мекунад. Журналист аввал маводу масъаларо фаро мегирад, меомӯзад ва хеле табиӣ, вобаста ба талаби масъалаи омӯхтааш жанрҳои онро интихоб мекунад, вай дар доираи хабар дода мешавад ё репортаж, ё тадқиқоти журналистӣ ва ғайра. Бинобар ин агар журналист имкониятҳои техникии телевизион ва назокати касбии журналистиро пурра надонад, тамоми дониши ҷомеашиносиву хабарҳои ҷолибтарини вай дар телевизион ва радио ҷой намеёбад ва баръакс беҳтарин журналисте, ки нохост ба мулки дигаре афтаду аз қонунҳои ҷомеа, аз ҳолати иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии он мамлакат бехабар бошад, коре карда наметавонад» [42,с.3]. Журналист пеш аз оне, ки барнома таҳия намояд, бояд мавзуъ ва жанри онро муайян намояд то барнома хубу ҷолиб ба аудитория расонида шавад. Агар журналист нозукиҳои ин касбро ва техники телевизионро надонад, хабарҳои вай дар телевизион ва радио мавқеи худро намеёбанд. Бояд журналист пеш аз он, ки барнома таҳия кунад, ҷаҳонбинии васеъ ва

дониши хуб доир ба мавзуи интихобшуда дошта бошад, то ки маводи таҳия кардааш диққатҷалбкунанда бароyд.

Аз рӯи таркиби жанрҳои ба журналистика тааллуқ дошта ҳамчун нишондиҳандаи инъикоси ба худ хоси замон ба ҳисоб меравaнд. Ҳар қадаре барномаҳои телевизионӣ мураккабтар бошанд ҳам, дар асоси онҳо ҳамеша аломатҳои муҳими жанриро дарёфт кардан мумкин аст. «Иттилоот ҳамчун коммуникатсия ва алоқа номуайяниро аз байн мебарад. Дар таърифи иттилоот ҷиҳати фалсафию психологии коммуникатсия ва алоқа таъкид мешавад. Иттилоот-информатсия аз калимаи лотини «фаҳмондан», «баён кардан» гирифта шуда, маълумотест, ки ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ ва ғайра пешниҳод мешавад.

«Мафҳуми иттилоот маъноҳои мухталифе дорад», аммо «дар тафсири умумифалсафӣ ва металингвистӣ вай ҳамчун маҷмӯи мазмунҳои ҳанӯз ошкорнашуда, эҳтимолӣ ва бо тафсил, ошкоршуда, воқеӣ” маънидод мешавад» [57, с.78].

Вазифаи асосии ҳама намуди воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла телевизион, хабаррасонӣ ва дар ин асос таҳти таъсир қарор додани бинандагон мебошад, зеро қудратеро, ки хабар бобати идора намудани омма дорад, ҳеҷ воситаи дигаре онро иваз карда наметавонад. «Имрӯз ҷаҳонишавӣ дар соҳаи тиҷорат, иқтисодиёт, сиёсат иттилоърасонӣ ва дигар соҳаҳои муҳимми ҳаётӣ вусъат гирифтааст. Нақши радиоҳои байналхалқӣ, телевизионҳои моҳворавӣ, рӯзномаҳо ва интернет, ки бемамоният дар аксари кишварҳо паҳн мегарданд, дар ин ҳамоишҳо хеле бузург аст» [53,с.8]. Албатта нақши телевизион ва радио барои иттилоотро пахш намудан бисёр калон аст, ки тариқи моҳвора аз телевизиону радиоҳои байналхалқӣ истифода мебаранд. «Он чӣ журналист меофарад, мол ба ҳисоб меравад, корафтодаи бозор ҳар чизи пешомадаро якбора пул дода намехарад, чизеро харидорӣ мекунад, ки босифату қонеъкунанда ва ба завқи ӯ ҷавобгӯ бошад» [100, с.21]. Дар ин бобат шабакаи телевизионӣ

нисбати матбуот ва шабакаи радиоӣ дар пешниҳоди иттилоъ мавқеи баландро дорост. Вобаста ба ин шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси имконияти иқтисодӣ ва малакаи хабарнигории мавҷудаашон хабари рӯйдодҳои ватанӣ ва хориҷиро мунтазам манзури бинандагон мегардонанд.

«Асоси иттилооти журналистро ба ҳам алоқамандии шакл ва мазмун ташкил медиҳад. Мазмун аз тариқи шакли муайян ифода мегардад. Барои гирандаи иттилоъ мазмун муҳим аст, ӯ ба жанри мавод кор надорад, вале журналист барои фаҳмо ва дастрас гардидани маводаш, албатта, аз қолаби муайян истифода мебарад. Бинобар ин, журналистикаро бе жанр тасаввур кардан имконнопазир мебошад, зеро эҷоди журналистӣ аз донистани қолабҳои жанрӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо оғоз меёбад» [139,с.390]. Агар мо хоҳем, ки барномаамон диданбоб бары бояд жанри онро аввал интихоб намоем, чун дар қолаби муайян омода сохтани барнома кори журналистро осон мегардонад.

Ба як масъалаи дигари муҳими маҳорати касбӣ, ки ба таҳаввулоти жанрӣ иртибот дорад, мебояд таваҷҷуҳ кард. Андешаи воқеаро ҳамчун иттилоъ жанри алоҳида шинохтан вуҷуд дорад. Аммо муҳаққиқ М. Н. Ким дар ин бора дуруст андешаронӣ карда, ки чунин мегӯяд: «воқеа ва навигарӣ жанри мустақил буда наметавонанд, зеро онҳо шакли ифода нестанд, балки мақсади иттилоотии журналист мебошанд. Дар ҳақиқат ҳам воқеа, навигарӣ ва мақсад ҷузъи жанр мешаванд. Ва як навигариро дар шаклҳои гуногун, дар жанрҳои мухталиф ифода кардан мумкин аст» [34, с.205]. Муҳаққиқи журналистикаи тоҷик Ҷ. Муқим ба монанди Ю. А. Летунов, В. Миронченко, Ю. Д. Бараневич, А. Саъдуллоев ва С. Гулов ба он фикр аст, ки «Иттилоъ маълумоти кӯтоҳест, ки аз ҷузъиёти нав саршор аст ва моҳиятан барои ҳама ё қисми муайяни ҷомеа ҷолиб мебошад. Вай воқеаеро, ки аҳамияти сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра дорад, возеҳ месозад. Иттилоъ бояд ба саволҳои чӣ рӯй дод?, кай?, дар куҷо?, ба

кадом сабаб?, дар кадом шароит ба амал омад? ва чӣ натиҷа дод? посух гӯяд» [59, с. 11].

Иттилоъ маълумоти тоза аст ва он «чун обу ҳаво ба одамон лозим аст» [53, с.8]. Яъне иттилоъ гуфта факт ва воқеаро бояд шинохт, ки нав ба амал омадааст ё акнун ба вуқуъ омаданаш мумкин аст. Пас барои хабар чизи аз ҳама муҳим навигарӣ ва рӯйдоди нав аст.

Асоси хабар навигарӣ асту он дар факт ва воқеа истифода мешавад. «Факт гуфта, пеш аз ҳама, махсусият ва амалеро мешиносем, ки воқеияти кадом як зуҳуротро исбот мекунад» [102, с.16]. Калимаҳои факт, воқеа, ҳодиса, амал, зуҳурот як мафҳумро ифода карда метавонанду онҳоро ҳамчун синоним истифода бурдан мумкин мебошад. Аммо дар илм онро барои беҳтар дарк кардани мазмуни ҳодисаҳо ба маънои хос вобаста мекунанд. Бо мафҳумҳои умумӣ, ки ҳеҷ фикрро ифода карда наметавонанду танҳо сухани холианд, хабар навиштан ғайриимкон аст. Дар ҳар иттилоъ танҳо як факт истифода мешавад. Ҳамин ҳолат сабаби кутоҳ ё васеъ шудани ҳаҷми иттилоъ ва боиси пайдо шудани намудҳои хабар мегардад.

Хабарнигор дар таҳияи иттилоъ масъулияти бештарро ба уҳда дорад, зеро иттилои паҳншуда метавонад созанда ва ё сӯзанда бошад. Хабарнигор бояд ҳамеша шиори «воқеънигор»-ро дар хотир дошта бошад ва онро сармашқи кори худ қарор диҳад. Дар ин маврид муҳаққиқи рус В. Ворошилов мегӯяд, ки «Воқеънигор будани журналист шаҳодат аз объективона рафтор намудани ӯст. Муҳимтарин рӯйдоде, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меояд, метавонад ҳамчун иттилоъ пешниҳоди омма гардад» [12, с.58].

Як ғалате, ки дар аксар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон ба чашм мерасад, ин байни жанрҳои репортаж ва ҳисобот (гузориш) фарқ нагузоштан ва ё жанри ҳисоботро надониста жанри репортаж донистан аст. Барои муайян намудани умумият ва фарқияти ин ду жанр аввал жанри ҳисоботи телевизиониро дида мебароем. Дар ҳамин ҷо мебояд таъкид кард,

ки дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон мафҳуми гузориш ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Яъне кулли сюжетҳои хабарие, ки дар барномаҳои иттилоотӣ истифода мешаванд бо як ҷумла «Ҳоло гузориши ҳамкорамон ва ё мухбирамон дар ин бобат пешкашатон мегардад» - гӯён барандагони барномаи иттилоотӣ маводи хабариро пешкаши бинандагон мегардонанд. Ин сюжетҳо асосан дар жанрҳои ҳисобот ва хабар таҳия шудаанд. Муҳаққиқи журналистикаи телевизион, профессор З. Муъминҷонов дар китоби худ «Жанрҳои журналистикаи телевизион" дар ин маврид чунин гуфтааст: «Як ғалате, ки дар аксар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон ва ҳатто Русия ба чашм мерасад, ин дар байни репортажи воқеӣ ва ҳисобот фарқ нагузоштан ва ё ҳисоботро надониста репортажи воқеӣ донистан аст» [70, с.39].

Жанри ҳисобот дар телевизион байни жанрҳои хабарӣ аз ҳама зиёдтар истифода мешавад, чунки журналист ҳамчун иштирокчии бевоситаи ягон рӯйдод дар ин бора хабар медиҳад. Ҳисобот байни жанрҳои хабарӣ бо он хусусияти хоси худ фарқ мекунад, ки дар он рӯйдод, навигарӣ, ҳодиса, воқеа бо ҷараёни рӯйдод ба таври пурра ва ё ба шакли мухтасар пешниҳод карда мешавад. Шарти муҳими ин жанр ва ё фарқи асосии он аз дигар жанрҳои хабарӣ дар он аст, ки тартиби ҷараёни рӯйдод чи хеле, ки ба вуқуъ омадааст бояд бо навор пешниҳод гардад. Матни пасикадрии журналист танҳо ифодакунандаи лаҳзаи бо навор нишон дода нашаванда ва ё гуфтори ихтисор кардашудаи иштирокчиёни ин рӯйдод бояд бошад.

Дар телевизион навор нисбат ба матн муҳимтар ва асос ҳисобида мешавад. Вале матни пасикадрӣ низ дар ҷойи худ зарур ва муҳим аст. Ба шарте, муайян бошад, ки чи хел матн, дар кадом жанр ва дар кадом мавзуъ аст.

Жанри ҳисобот бе матни паси кадрии журналист ҳам истифода мегардад. Ин дар он ҳолат мешавад, ки ягон рӯйдод ё чорабинии муҳим дар шакли пурра пешниҳоди бинандагон гардад.

Солҳои охир ҳамин тарзи истифодаи жанри ҳисобот аз тарафи телевизиони «Тоҷикистон» бо номи «Гузориш аз вохӯрии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиёни мамлакат» бо каме ихтисор пешниҳоди бинандагон мегардад. Инро аксар кормандони телевизион ғалатан ба жанри репортаж мансуб медонанд.

Гузоришҳои журналистон аз сафарҳои Президент ба мамлакатҳои хориҷӣ ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ин ҳама дар жанри ҳисобот буда, онро репортаж гуфтан ғалат аст. Аксаран аз таҷлили иду чорабиниҳои давлатӣ ҳисобот омода карда, пешниҳоди бинандагон гардонида мешавад. Бинобар фарқ карда натавонистани тафовути байнижанрии репортажу ҳисобот онро репортаж мешуморанд.

«Ҳисобот жанри ахборӣ аст, ки вазифааш ба хонандагон пешниҳод кардани тасаввуроти пурра дар бораи воқеаи мушаххас, ҷараёну инкишофи он мебошад» [74, с.47]. Албатта ин ҷо таърифи ҳисоботи матбуотӣ дар назар аст.

Муаллифони китоби «Телевизионная журналистика» дар бораи жанри ҳисоботи телевизионӣ хеле мухтасар маълумот дода, ин жанрро «инъикоскунандаи рӯйдодҳои расмии аҳамияти иҷтимоӣ ва давлатидошта» [94, с.179] меҳисобанд. Инро бо он асоснок карданӣ мешаванд, ки ин гуна чорабиниҳо пурра бо тамоми ҷузиёт ва вақти тӯлониаш пешкаши бинанда мегардад.

Баракс, муаллифони китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион» дар бораи жанри ҳисоботи телевизионӣ маълумот дода, хусусияти хоси ин жанрро то андозае кушода додаанд: «Яке аз жанрҳои хабарие, ки аз унсурҳои ҳамаи гунаҳои иттилоот истифода бурда, ба саволҳои чӣ?, дар куҷо? ва кай? ҷавоб меҷӯяд, ҳисобот аст. Вай аз ҳар гуна рӯйдод

ҳатталимкон маълумоти пурра ва аниқ медиҳад» [85, с.20]. Яъне ҳисобот ба гурӯҳи жанрҳои хабарӣ дохилшуда вазифааш аз рӯйдодҳои аҳамияти ҷамъиятидошта хабар расонидан мебошад.

«Аз таҳқиқи жанри мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки жанри ҳисоботи телевизионӣ инъикосгари пурра ва аниқи рӯйдоди аҳамияти ҷамъиятидошта мебошад. Хусусияти хос ва фарққунандааш аз дигар жанрҳо, махсусан хабари васеъ ва репортаж, дар он аст, ки ҷараёни баргузории рӯйдод ба бинанда ба тавре, ки рух медиҳад, пешниҳод карда мешавад. Яъне журналист ҳамчун шоҳиди ин чорабинии муҳим бе тағйир додани тартиб ва рафти рӯйдод, бе илова кардани нуқтаи назари худ ва бе ихтисор кардани лаҳзаҳои пайдарҳамии ин рӯйдод онро ба бинанда пешниҳод мекунад. Аз ҳамин сабаб ҳам ҳисоботро «ҷараёнот» низ меноманд. Бо он маъно, ки ҷараёни рӯйдод бе каму кост ба бинанда нишон дода мешавад» [70, с.29-30].

Ҳисоботи телевизионӣ ду намуд мешавад: ҳисоботи мустақиман пахшшаванда ва ҳисоботи сабтшуда. Ҳисоботи мустақиман пахшшаванда ин интиқоли бевоситаи воқеа аз ҷойи рӯйдод мебошад, ки ба бинанда имкон медиҳад он рӯйдодро бо тамоми ҷузъиёташ дида, иттилоъ гирад, худ ба хулосае биёяд. Ҳисоботи сабтшуда бо ихтисоркунӣ ва ё бе ихтисоркунии ҷараёни рӯйдод пешниҳоди бинанда мегардад. Дар ҳолати бе ихтисоркунӣ пешниҳоди рӯйдод дар қолаби ҳисобот баъзан мумкин аст, ки бе матни пасикадрии журналист манзури бинанда гардонида шавад.

Баракс, дар ҳисоботи ихтисоршуда матни пасикадрии журналист ҳатман зарур аст, то ҷойи ихтисоршуда бо матн фаҳмонда шавад. Дигар ин ки, баъзе аз ин рӯйдодҳоро соатҳои дароз тавассути телевизион нишон додан мувофиқи мақсад нест. Бинандаи имрӯза вақти тамошои пурраи онро надорад, вале аз ҷараёни он бохабар шудан мехоҳад. Вазифаи барномаи иттилоотӣ ин талаботро қонеъ кардан аст. Дар ҳамин ҳолат

жанри ҳисоботи кӯтоҳ тариқи барномаҳои иттилоотӣ хеле нишонрас ва ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар ин ҷо аксаран фарқ карда натавонистани жанри ҳисоботи кӯтоҳ аз хабари васеъ, ки аз рӯйи намуд монандӣ доранд, ба миён меояд. Чи хеле, ки дар боло таъкид намудем, агар хабари васеъ аз рӯйдоде муфассал ба мо иттилоъ диҳад, ҳисоботи кӯтоҳ дар баробари иттилоъ додан, ҷараёни рӯйдиҳии ин рӯйдодро аз аввал то ба охир бо тартиб ба бинанда ба тариқи ихтисоршуда пешниҳод мекунад. Бо ба ҳисоб гирифтани ҳамин хусусияти хоси ҳисоботи кӯтоҳ ҳар як журналист метавонад ин ду жанри иттилоотиро аз ҳамдигар бе душворӣ фарқ карда тавонад.

«Аз дониста истифода бурдани жанр ва риояи талаботи жанрӣ барномаи телевизионӣ ранги дигар мегирад ва журналист ҳам ба суоли худ ва ҳам ба суоли тамошобин ҷавоб гардонида метавонад, яъне истифодаи дурусти жанр дар телевизион ба манфиати кори журналист буда, аз ӯ дониш ва маҳорати баланд талаб менамояду барномаро боварибахш месозад» [143, с.382]. Бояд журналист пеш аз оне, ки барнома тайёр карда ба бинандагон пешниҳод мекунад, бояд мавзуъ, жанр, объект, қаҳрамони барномаро муайян намуда, нақшаи сенарӣ ва баъд сенарияи барномаро таҳия намояд, то ки дар тайёр намудани барнома ба камбудӣ роҳ надиҳад. Вобаста ба ин мебояд, ки дар ҳамин ҷо бобати таносуби жанр бо факт низ ҳарф занем. «Муносибати жанр бо факт гуногун аст. Агар барои баъзе жанр (хабар) факт асос бошад, пас барои дигар жанр (мақола) таҳлили факт муҳим аст. Арзишдиҳӣ ба рӯйдод, воқеа ва факт низ аз вазифаҳои жанр бармеояд. Аз ин маълум мегардад, ки ҳар жанр ба факт бо тарзи хос муносибат мекунад» [137, с.40]. Асоси журналистикаро факт муайян мекунад. Журналист бе факт сухан гуфта наметавонад. Дар ҳама жанрҳои журналистика дар асоси факт барнома сохта мешавад.

«Дар телевизион тарзи пешниҳоди мавод аз муҳимтарин ҷузъиёти корӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷалби бинанда ва ба ҳадаф расидани мақсади

офарандагони барномаи телевизионӣ нақши муҳимро мебозад. Дар ин ҷо ба маврид аст, таъкид бояд кард, ки телевизион аз рӯйи табиати хеш бештар аз матн дида ба навор ниёзмандтар аст. Агар дар матбуот асос матн ва сурат пуркунандаи он бошад, дар радио асос садое, ки аз рӯйи матн омода мешаваду мусиқӣ ва интершум пуркунандаи он мегардад. Дар телевизион бошад, садо ба ҷойи дуюм фаромада, навор (кадр) ба ҷойи аввал мебарояд. Матн ҳамчун пуркунандаи навор ба кор меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми эҷоди барнома ин хусусиятҳои хосси телевизионро ба ҳисоб гирифта, вобаста ба он эҷод бояд кард» [138, с.261]. Асосан дар матбуот матн, дар радио садо ва дар телевизион навор аст, ки аудитория метавонад яке аз ин воситаҳои ахбори оммаро интихоб намуда, иттилооти лозимаи хешро аз онҷо дастрас намояд.

«Телевизион имрӯз чун воситаи муҳими электронии ахбори умум, инъикоскунандаи масъалаи мубрами ҳаёт, ҷанбаи демократисозии ҷомеа, ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ эътироф гардида, маҳбубияти зиёдеро касб кардааст» [1,с.7]. Дар ҳақиқат телевизион инъикоскунандаи ҳаёти ҷомеа буда, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

«Журналистика – синтези фаъолияти сиёсӣ – иҷтимоӣ ва эҷодӣ буда, дараҷаи зарурии касбиро талаб мекунад: қисми сиёсӣ – иҷтимоӣ доираи проблемаҳои муҳимтарини зиндагиро дар бар мегирад, асоси кори журналистро ташкил медиҳад, дар худи зиндагӣ вобаста ба ҷараёни ҳодисот тағйир меёбад ва ба журналист зарур аст, ки қонуниятҳои инкишофи инсон, ҷомеаи инсонӣ, талабот, завқ, мизоҷ, рӯҳия ва ғайраро амиқ омӯзад, то ки дар байни тӯфони ҳодисоти рӯзгор риштаи дурусти инкишофи ҷомеаро дида, интихоб карда дар асари журналистиаш ба тариқи хабар додан, тадқиқоти журналистӣ гузаронидан, даъвате дар ҷомеа ба амал овардан имконият пайдо кунад. Ва даъватҳои журналист зимни хабар расонидан бояд ба наҷобатҳои аслии санҷидани инсоният –

сулҳ, ишқ, дӯстӣ, ахлоқи нек, меҳнадӯстӣ, инкишофи ҷомеа, истеҳсолот асос ёфта бошад» [42, с.3]. Журналист бояд аз ҳама соҳаҳо огоҳ бошад то тавонад дар дилхоҳ соҳа маълумот ҷамъ оварда, барномаҳои гуногун дар жанрҳои журналистика таҳия созад.

«Журналистон иттилоотро бо роҳҳои гуногун ба даст меоранд, аммо бештари иттилоот аз се сарчашма ҳосил мешаванд:

- рӯйдодҳое, ки худ аз худ ба амал меоянд, масалан офатҳои табиӣ ва ҳодисаҳои нохуш;
- чорабиниҳои нақшавӣ, масалан, ҷаласаҳо ва нишастҳои хабарӣ;
- зиракӣ ва ташаббускории хабарнигорон» [21, с.15].

Дар хабарҳои телевизионӣ садо ва тасвир истифода мешаванд, то ин ки ба бинанда воқеаҳо на танҳо шунавонида, балки намоиш дода шаванд. Яке аз паҳлӯҳои пурқуввати телевизион расонидани ҳиссиёт ва дар якҷоягӣ бо бинандагон дарку эҳсоси бевоситаи он мебошад.

«Чӣ тавре, ки Билл Ковач ва Том Розенштил дар китобашон «Асосҳои журналистика: журналистон чиро бояд донанд ва хонандагон чиро бояд мунтазир бошанд» навиштааст: «Усули муайяни фаъолият вуҷуд дорад, ки тамоми журналистон дар ҷомеаи демократӣ онро пазируфтаанд ва риоя шуданашро ҳамаи шаҳрвандон низ мунтазиранд:

- Вазифаи аввалиндараҷаи журналистика – баёни ҳақиқат.
- Масъулияти аввалдараҷаи он – садоқат ба ҷомеа.
- Моҳияти журналистика – тафтиши ҷиддии иттилоот.
- Журналист набояд вобастаи он нафароне бошад, ки амалу фаъолияти онҳоро инъикос мекунад.
- Журналист бояд нозири мустақили амалҳои ҳукумат бошад.
- Журналистика бояд анҷумани интиқодоти ҷамъиятӣ ва ҳамдигарфаҳмию созиш бошад.

- Журналист бояд он чизеро пешниҳод кунад, ки муҳим аст – хоҳ ҷолиб бошад, хоҳ мубрам.
- Хабарҳо бояд мукаммал ва мутаносиб бошанд.
- Журналист бояд имкон дошта бошад, ки мувофиқи амри виҷдони худ амал кунад.

Бо ин арзишҳо журналистика аз тамоми шаклҳои дигари иртибот фарқ мекунад. Риояи онҳо осон нест. Журналистон ҳамарӯза ба худ фишори нафаронеро эҳсос мекунанд, ки онҳоро ба беэътиноӣ дар нисбати ин меъёрҳо водоштаниянд. Аммо риояи ин арзишҳо воситаи беҳтарини таъмини иҷрои вазифаи аслии журналистика аст. Рисолати касбӣ аз пешниҳоди иттилооте ба шаҳрвандон иборат мебошад, ки барои қабули қарор дар ҳаётии шахсии онҳо зарур аст» [21, с.25]. Дар телевизион бояд ин талабот риоя карда шаванд, чун барнома хуб ва хотирмон ба умқи бинанда ва шунаванда расонида шавад.

«Дар ВАО жанрҳои хабарӣ мавқеи нисбатан намоёнро ишғол мекунанд. Зеро, фаъолияти журналистӣ аз хабарнигорӣ оғоз мегардад. Ҷавҳари асосии ин гурӯҳи жанрҳоро навгонӣ (воқеаву руйдоди тоза), яъне иттилооти муҳими иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Табиист, ки ҳаргуна навгонӣ бо факт асос меёбад. Аз ин рӯ, дар ин гурӯҳи жанрҳо факт ҷои нисбатан муҳимро ишғол мекунад. Дар жанрҳои хабарӣ факт бо риояи чунин талаботи муҳим инъикос мегардад:

1) фаврият, яъне саривақт ба мардум расонидан;
2) ба завқи аудитория мувофиқ будан;
3) аниқ будани факт;
4) фаҳмо будани моҳияти иттилоот;
5) мухтасарбаёнӣ» [57, с.95].

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои электронии ахбори омма, бахусус телевизион рушд намуд. Агар то соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон 1 шабакаи радиоӣ ва 1 шабакаи

телевизионӣ мавҷуд буд, ки бо вақти маҳдуд ба эфир мебаромад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 76 шабакаи радиотелевизионӣ амал мекунад, ки аз ин миқдор 13 телевизиони давлатӣ, 32 телевизиони ғайридавлатӣ, 10 радиои давлатӣ ва 21 радиои ғайридавлатӣ фаъолият дорад. Даҳҳо иншооти дорои аҳамияти фарҳангӣ бунёд шуданд. Воситаҳои ахбори омма аҳамияти боз ҳам муҳимро соҳиб шудааст, зеро он дар баёни рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву мадании ҷомеа, андешарониҳо бобати масъалаҳои доғи рӯз, тарғиби ормонҳову ғояҳои миллӣ ва ғайра хизматӣ босазоеро ба ҷо меоранд.

Тавассути воситаҳои ахбори омма инсон яке аз талаботҳои асосии хеш дастрасӣ ба иттилоотро таъмин менамояд. Имрӯз имкон ба миён омадааст, ки тамоми намудҳои иттилоотро тавонем тариқи ВАО пайдо намуда, аз рӯйдодҳои муҳим огоҳ шавем.

Барномаҳои иттилоотӣ аз замони пайдоиши телевизион асоси фаъолияти онро ташкил намуда, вобаста ба талаботи замон сохтор ва шакли пешниҳоди онҳо тағйир меёбад. Раванди сиёсиву иҷтимоӣ ва дигаргуниҳои зиёду пайдарпайи ҷаҳон журналистонро вазифадор намудааст, ки дар баробари хабаррасонӣ вазифаҳои шореҳӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ ва монанди инро низ ба дӯш гиранд. Ин вазифаҳо имрӯз дар барномаҳои иттилоотӣ низ ба назар мерасанд. Муҳаққиқ С. Гулов дар ин бобат чунин гуфтааст: «Нақш ва таъсири расонаҳо ҳамеша якмаром нест. Вобаста ба авзои рӯз он метавонад, тағйир ёбад, метавонад боло равад ва ё коҳиш ёбад. Ин вобаста ба он аст, ки кадом мақсадро бо кадом шева ва кадом аудитория пешниҳод мекунанд» [137, с.41]. Бояд пеш аз оне, ки барнома таҳия намоӣ аввал зарур аст, ки аудиторияи худро интихоб кунӣ ва сипас таҳия намоӣ то бинандаи худро дарёбӣ.

«Телевизион дастгоҳи пурқудрати иттилоотӣ аст. Кормандону масъулини он дар тарғибу ташвиқ ва таҳлилу баррасии ҳар як муаммову

мушкилот заҳмат мекашанд ва ба мафкураи ҷомеа таъсир расонида, онҳоро ба сӯйи маърифати воло ва ҷомеаи бонизому мутамаддин роҳнамоӣ мекунанд» [106, с.4]. Албата вазифаи ҳама васоити ахбори омма алалхусус телевизион ин аудиторияро бо иттилоот таъмин намудан аст. Кормандони телевизион ҳамеша дар такопу мебошанд, ки то тавонанд бинандаи худро бо барномаҳои ҷолибу диданӣ ошно созанд.

Транслятсияи (интиқоли) мустақими рӯйдодҳои муҳимро муаллифони китоби «Телевизионная журналистика» [94,с.193] репортажи бешарҳ мешуморанд. «Ин фикри ғалат аст. Вақте ки транслятсияи мустақими ягон рӯйдод аз аввал то ба охир бо тамоми ҷузъиёташ нишон дода мешавад, дар ин ҳолат бо ва ё бе матни пасикадрии журналист ин мавод пешниҳоди бинанда мегардад. Журналист ғайр аз хондани матни пасикадрии рӯйдоди рафтаистода, дигар коре карда наметавонад» [72,с.74].

Дар ин бобат муаллифони китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион» дуруст қайд кардаанд: «Интиқоли мустақими воқеа ҳаргиз репортаж нест. Дар ин ҷо хабарнигор соҳибихтиёр нест. Вай аз чизҳое нақл мекунад, ки шояд (ва аксари маврид) нишон дода намешаванд» [85,с.21]. Яъне дар жанри репортаж журналист на ҳама лаҳзаҳоро бо ҷараёни рӯйдод, балки танҳо дар лаҳзаҳои муҳим интихобан бо иштироки хеш тариқи стенд-ап ба бинандагон иттилоъ медиҳад.

Баракси жанри репортаж жанри ҳисобот бо хусусиятҳои худ аз дигар жанрҳои хабарӣ фарқ мекунад, ки он дар ҷараёни рӯйдод, воқеа, ҳодиса ва навигарӣ ба таври пурра ва ё шакли мухтасар ба хонанда, шунаванда ва бинанда пешниҳод карда мешавад. Аз ҳамин сабаб баъзе олимони соҳаи журналистикаи тоҷик онро ҷараёнот низ меноманд. «Ҳисобот аз рӯйи шакл ду намуд мешавад. Ҳисоботи кӯтоҳ ва ҳисоботи васеъ. Шакли аввал ҳисоботи кӯтоҳ дар ҳаҷми 0,5-1,5 дақиқа дар телевизионҳои ҷумҳуриявӣ, 1-3 дақиқа дар шаҳриву ноҳиявӣ. Дар ҳисоботи кӯтоҳ мухтасар аз ҷараёни

воқеа хабар дода мешавад. Муҳимияти ин жанр аз дигар жанрҳо дар он аст, ки рӯйдод чи хеле, ба вуқӯъ омадааст бояд ба навор пешниҳод карда шавад» [65, с.38]. Яъне аз ҷараёни рӯйдод дар ҳисоботи кутоҳ ҷойҳои асосии рӯйдод мухтасаран пешниҳоди тамошобинон гардонида мешавад.

Ҳисоботи васеъ бошад, инъикоскунандаи пурраи рафти рӯйдод мебошад. «Дар ҳисоботи васеъ ҷараёни рӯйдод аз оғоз то анҷом бо пуррагӣ тариқи навор аксаран мустақиман пешниҳоди бинандагон гардонида мешавад, дар ин ҳолат матни пасикадрии журналист нолозим мегардад. Агар матни пасикадрӣ истифода карда шавад, ба бинанда халал расонида мешавад. Барои он ки тавассути телевизион мустақиман пешниҳод намудани рафти ҷараёни рӯйдоди нав ба вуҷуд омада истода барои бинанда маводи беҳтарини хабарӣ ба ҳисоб меравад. Он танҳо тавассути телевизион бе матни пасикадрии журналист имконпазир аст. Зеро имконияти телевизион дар он аст, ки бинанда худ шоҳиди воқеа мебошад. Ин имконият дар байни васоити ахбори омма тавассути телевизион имконпазир аст. Дар матбуот ва радио бе матни журналист инъикоси лаҳзаҳои муҳими рафти воқеа ва рӯйдод ғайриимкон аст. Барои он ки хонандаи матбуот ва шунавандаи радио имкони бе кумаки журналист фаҳмидани рафти ҷараёни рӯйдоди навро надорад. Ҳисоботи телевизионӣ чун дигар жанрҳои хабарӣ ба саволҳои кай?, дар куҷо?, чӣ?, ва ё кӣ?, ҷавоб медиҳад» [70, с.26-27].

Жанри ҳисоботро дар радио ҷараёнот дар телевизион гузориш меноманд. Барномаҳои иттилоотиро бе ин жанр тасаввур кардан номумкин аст, зеро наттоқон дар вақти баромади барнома мегӯяд гузориши ҳамкорамон аз ҷойи ҳодиса. Чун ин жанри асосӣ ва саривақтӣ мебошад дар барномаҳои иттилоотӣ. «Ҳисобот жанри ахборӣ аст, ки вазифааш ба хонандагон пешниҳод кардани тасаввуроти пурра дар бораи воқеаи мушаххас, ҷараёну инкишофи он мебошад» [74, с.47]. Яъне воқеа пурра инъикос мешавад. Мисол:

«Видеонавор:

Мусиқии тантанавор,

Сафари кории Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

ба ноҳияи Шамсиддин Шоҳин.

Журналист аз паси кадр:

23-октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо вазъи зиндагии сокинон, ифтитоҳ ва гузоштани санги асос ба чанд иншоот, ҷамъоварии ҳосил ва истифодаи мақсадноки замин ба ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ташриф оварданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин майдони Нишони давлатиро бо бардоштани парда аз рӯи лавҳа мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Иншооти мазкур дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашни 35 -солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва саҳми соҳибкорони ноҳия бунёд карда шуда, ба як макони зебои сайру гашт ва истироҳати сокинон табдил ёфтааст. Баланди сутуни Нишони давлатӣ 20 метр ва худи Нишони

давлатӣ 1,8 метро ташкил медиҳад. Зерсутунҳои нишони давлатӣ дар масофаи 80 метр мурабба ва истифода аз сангҳои мармари сафед оро дода шуда,

130 метр деволчаҳои иҳотавӣ ва 1400 метри мураббa роҳравҳо сафолакпӯш карда шуданд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сифати корҳо дар бунёди майдони мазкур ва сутуни пояи нишони давлатӣ баҳои баланд доданд» [157].

Дар телевизион навор нисбат ба матн муҳимтар ва асос ҳисобида мешавад. Вале матни пасикадрӣ низ дар ҷои худ зарур ва муҳим аст. Бо шарте, ки муайян бошад чи хел матн, дар кадом жанр ва дар кадом мавзуъ аст.

Аз гуфтаҳои болоӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки «Жанри ҳисобот дар телевизион ба хусусиятҳои ба худ хос молик аст, ки инро мо дар матбуот ва радио дида наметавонем. Дар ҳисоботи мустақими телевизионӣ аксаран матни пасикадрии кӯтоҳ ва бо мавриди журналист зарур аст. Дар ҷараёни рафти рӯйдод аз матни пасикадрии журналист дида, наворе ки ин ҷараёнро нишон медиҳад, ба бинанда таасуроти бештаре боқӣ мегузорад. Дар транслятсияи консертҳо, спектаклҳо ва ҳатто баъзе ҷашнҳову маъракаҳои муҳим ин гуна матни пасикадрӣ умуман нодаркор мегардад. Баракс, ба бинанда барои тамошои баҳузур халал мерасонад. Аз ин рӯ, ҳадди лозимияти матни пасикадриро журналист дар ҳар як ҳолат дар алоҳидагӣ дида баромада, бояд қарори дуруст қабул карда тавонад.

Табиати телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими ахбори омма матн - сухани зиёдро намеписандад. Бештар дидан ва камтар шунидан. Матн барои пурра кардани навор, барои фаҳмонидани он ҳолатҳое, ки тариқи навор имкони нишон додан нест, дар ҳади камтарин бояд истифода гардад. Махсусан ин ба жанри ҳисобот хос мебошад» [70, с.31-32].

Хулоса, бо ин умумият ва фарқи репортаж аз ҳисобот (гузориш) барало муайян мегардад. Яъне ҳам репортаж ва ҳам ҳисобот (гузориш) дар телевизион ҳамчун жанри хабарӣ, аз рӯйдоди муҳими ҷамъиятӣ иттилоъ

додан  ва ба саволҳои кай?, дар куҷо?, кӣ? ва чӣ? ҷавоб гуфтан бо ҳам умумият дошта бошад ҳам, аммо бо хусусиятҳои хоси хеш аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Бинобарон истифодабарандагони ин жанрҳоро мебояд, ки талаботи жанрии онҳоро дониста мувофиқ ба вижагиҳояшон истифода баранд.

## 1.3. Технологияи иноватсионӣ ва таҳаввулоти жанри репортаж

Бояд гуфт, ки вобаста ба давру замон истифодаи баъзе жанрҳо коҳиш меёбад. Жанрҳои нав серистеъмол мегарданд. Барномаҳои наву тоза рӯҳияи замонро ифода мекунанд. Агар дар солҳои 60 ва 80- и қарни гузашта дар телевизиони «Тоҷикистон» жанрҳои суҳбат, нигориш, лавҳа ва очерк маъруфият доштанд, пас дар замони имрӯз хабар, ҳисобот ва мусоҳиба маъмул гардиданд. Бояд гуфт, ки дар миёни ин жанрҳо имрӯз талаботи бинандагон ба репортаж бештар аст. Бинандаро таҳаввулоти босуръати ҷомеа водор мекунад, ки аз рӯйдодҳои кишвар ва ҷаҳон сари вақт огоҳ бошад. Барномаҳои хабарӣ ин талаботро қонеъ месозанд. Ба назари муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва М. Шоев «Ахбор дар матбуот, радио ҳам қиммати бузург дорад, вале ҳеҷ кадоме аз онҳо ба ахбори телевизионӣ баробар шуда наметавонад. Вай на танҳо бо воқеаи рухдода одамро мустақиман пайванд медиҳад, балки онро иштирокчии бевосита мегардонад. Ба ибораи дигар, журналистикаи телевизионӣ муҳимтарин воситаи мухобирот буда, миллионҳо одамонро ба ҳам пайванд ва ҳамкор месозад» [85, с. 35].

Албатта, дар ҳама ҳолат имконияти моддӣ ва техникии телеви- зионро ба назар гирифтан зарур аст. Дар маҷмуъ чунин омилҳои беруна ба телевизиони мо зиёдтар чунин таъсири ҳунарӣ доранд:

- саршории ахбор, яъне ҳамкории журналист – матн – аудитория;

- пуррагии ахбор, яъне тавофуқи ахбор ба талаботи гиранда (аудитория), имкони дарки маълумоти овардашуда аз тарафи бинандагон, мувофиқати завқи тамошобин бо журналисти телевизион;

- тасаввуроти фарогирии пурраи рӯйдодҳои рӯз, маълумоти фарогир доир ба сиёсат, фарҳанг ва умуман вазъи ҷаҳони муосир.

Дар шабакаҳои телевизионӣ барномаҳои гуногунжанр таҳия шуда, пешниҳоди бинандагон гардонида мешаванд. Яке аз барномаҳои асосии

телевизионии тамоми шабакаҳои телевизионӣ ин барномаҳои хабарӣ мебошанд. Дар шабакаҳои телевизионӣ бо унвонҳои гуногун, вале дар як қолаб пешниҳоди бинандагон гардонида мешаванд. Азҷумла «Ахбор» - барномаи иттилоотии телевизиони «Тоҷикистон», «Навид» - барномаи хабарии телевизиони «Сафина», «Хабар» аз телевизиони «Ҷаҳоннамо», «Иттилоъ» аз телевизиони «Синамо» аз телевизиони «Варзиш» – «Хабар» ҳамарӯза вобаста ба махсусият ва вазифаҳои хеш иттилооти муҳимро пешниҳоди тамошобинон мегардонад. Барномаҳои хабарӣ ҷойи муайяну муҳими вақти эфирро ташкил карда, вобаста ба талаботи замон дар ҳолати густариш ва тағйиротанд, ки аз рӯйи сеткаи пахши барномаҳо вақти ба эфир баромадани онҳоро ба тезӣ муайян намудан, мумкин аст.

«Телевизион чун воситаи муҳимтарини ахбори умум босуръат пеш меравад. Вай чун воситаи таъсирбахши муташаккил ва тарбияи инсон, эҷоди афкори ҷамъиятӣ вазифадор аст воқеаю ҳодисотро ҳамаҷониба таҳлил намояд, проблемаҳои ҷиддиро ба миён гузорад, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намояд. Телевизион имрӯз на танҳо чун ҷузъи муҳими ҳаёти маънавӣ ба одамон кайфият бахшида метавонад, балки чун воситаи тарбияи эҳсосоти иҷтимоӣ, дарки олам, ифодакунандаи орзую омоли халқ, ташвиқотчии беҳамто мавқеи хосае дорад. Тамошои телевизион хастагиро мебарорад, касро дар чанд лаҳзаи кӯтоҳ бо воқеоти олам, бо ҳаёти сиёсию фарҳангӣ ошно месозад» [1, с.47]. Дар ҳақиқат телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои электронии ахбори омма ба бинандагон дастрастарин расона ба ҳисоб меравад, ки дар вақти холигӣ ба тамошои барномаҳои он машғул мешаванд. «Вале аксар намедонанд, ки ҳар як хабар ё барномаҳои алоҳида бо чи гуна кашмакашиҳо, давутозҳои кормандони телевизион ва гурӯҳҳои техникӣ офарида шуда, ба воситаи пардаи вотоби (экран) ойинаи нилгун намоиш дода мешавад. Одамон дар ин пардаи вотоб танҳо наттоқону барандагони барномаҳо ва иштирокчиёни онҳоро мебинанд, вале аз паси кадр гурӯҳи зиёди кормандонро, ки аз давраи пайдоиши сенарияи барнома

сар карда, то омӯзиши мавзуъ, интихоби иштирокчиён, машқҳои зиёд бо онҳо, наворбардорӣ, сабту танзиму ба эфир баромадан заҳмати беандоза мекашанд, намебинанд. Онҳо киҳоянд.

Дар таҳияи барномаҳои телевизион намояндагони зиёда аз 40 касбу кор иштирок менамоянд, аз ҷумла сармуҳаррир, муҳаррири калон, муҳаррири хурд, саркоргардон (саррежиссёр), коргардонҳои дараҷаҳои гуногун, ассисентони онҳо, ёварони коргардон, корсозҳо, наворбардорони дараҷаҳои гуногун, ассисентони онҳо, тасвирбардорон, садобардорон, гримкунандагон, рӯшноидиҳандагон, рассомон ва ғайра» [1, с.47].

Дар телевизионҳои мавриди таҳқиқи мо стенд-ап аҳёнан истифода бурда мешавад, ки сабаби он ба сатҳи фаъолмандӣ ва маҳорати суханварии хабарнигорон вобаста аст.

Ин имконияте, ки дар телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои ахбори омма дорад, дигар воситаҳои ахбор: матбуот ва радио надоранд. Яъне вақте, ки мо ин хабарро аз матбуот мехонем (дар матбуот имкони сурати китоб, муаллиф ва қаҳрамони китобро додан ҳаст вале ин имконият қариб, ки истифода бурда намешавад) ва махсусан аз радио мешунавем, хоҳ нохоҳ дар тахайюли худ намуди китоб, симои муаллиф ва қаҳрамони китобро тасаввур карданӣ мешавем. Дар телевизион ин тасаввур бо навор осонакак пешниҳоди бинанда мегардад ва маҳз ҳамин навор дар хотири бинанда нақш мебандад.

«Барномаҳои телевизион аз рӯи шакл ва усули таҳияи хусусияти кори журналистӣ якхела нестанд. Яъне ҳар яки он дар жанрҳои гуногун таҳия гардидаанд. Албатта муайянкунии жанри асари телевизионӣ бо муайянкунии яке аз нишонаҳои жанрӣ ба амал баровարда намешавад. Набояд фаромӯш кунем, ки барои жанрҳои журналистӣ: хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ асоси истифодашавӣ ва амал намудан ин маводи ҳуҷҷатӣ будан, сохта набудан ва аз рӯйи факт будан аст» [69, с.32].

Ҳама рӯз барномаҳои телевизиони «Тоҷикистон» бо чеҳраи ошноe оғоз меёбад, чеҳрае, ки бинандагонро ҳар дафъа бо тартиби барномаҳо ва навигариҳои дунё ошно месозад, барномаи ба ӯ вобасташударо қироат мекунад ё баромадкунандагонро муаррифӣ менамояд ӯ наттоқ аст. Наттоқонро бинандагон чун шахси ба дил наздику ошно қабул менамоянд. Вале наттоқ шудан кори саҳл нест, бояд наттоқ донишманд, соҳибмаълумот, бомаърифат, сиёсатмадор бошад.

«Дар бораи тартиби жанрҳо сухан карда, мо се шарти ҷудокуниро вобаста ба таҳияи маводҳои телевизионӣ дида мебароем. Якум, гурӯҳи жанрҳое, ки барои қайдкунии оддии ҳаёти реалӣ кӯшиш мекунанд. Дар ин ҷо муаллиф аз оқиби ҳодисаю воқеаи мушаххас меравад. Композитсияи ин гуна маводҳоро худи рафти воқеаҳо муайян мекунанд. Ин ба жанрҳои хабарӣ мутааллиқ мебошад.

Дуюм, намуди хабарҳое, ки муаллиф фактҳои реалиро вобаста ба вазифаҳои эҷодии худ таҳлил мекунад. Дар ин ҳолат композитсияи хабар на аз мундариҷаи воқеа, балки аз ғояи муаллиф вобаста аст. Инҳо ба жанри таҳлилӣ дохил мешаванд.

Сеюм, хабар, композитсияи хабар аз системаи образии пешниҳоди муаллиф вобастагӣ дорад. Бо нигоҳдошти мавод муаллиф вобастаҳои бадеӣ, то бозии актёрҳоро истифода мебарад. Ин гуна хабарҳо ба жанри публитсистикаи бадеӣ дохил мешаванд. Хабар ва таҳлил дар ин ҷо дуюмдараҷа буда, образ ба ҷои аввал, муайянкунанда ва асосӣ мебарояд. Очерк, эссе, лавҳа, гуфтан мумкин аст, ки натиҷаи ташкили бадеии маводи ҳақиқӣ аст» [69, с.32]. Дар ин бобат таъкид мебояд кард, ки ҷудо намудани жанрҳо ба се гурӯҳ аз рӯйи махсусияташон: хабарӣ (иттилоотӣ), таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ аз тарафи олимони соҳаи журналистика бамаврид ва мантиқист. Омехта истифода бурдани жанрҳо аз касбият дур будани журналистро мефаҳмонад.

«Вақте ки дар бораи навигариҳо сухан меронем, бояд фаромӯш накунем, ки онҳо аз рӯи баъзе қоидаҳои аниқ мушаххас сохта мешаванд. Пеш аз ҳама заставкаи мусиқӣ. Мусиқии диққатҷалбкунанда дар ҳаҷми 10-12 сония бо дизайни мувофиқ. Ҳар як телевизион рамзи барномаҳои иттилооти худро бояд дошта бошад. Чи хеле, ки шабакаи Русия «Вести» рамзаш се асп аст. Телевизионҳои Тоҷикистон ҳарчанд ин хел рамз дошта бошанд ҳам, диққатҷалбкунанда ва хотирмон нестанд.

Яке аз қоидаҳои дизайни рамз (заставка) ин хусусияти бисёр дидан доштани он аст, ки бинанда ҳар даъфаи аз нав диданаш аз он чизи наверо дарёфт мекунад. Мусиқӣ садо медиҳаду мо заставкаро мебинем, баъд дар кадр ба студия аҳамият медиҳем. Алҳол ба мӯд, даромадааст, ки дар плани аввал баранда дар оқиби ӯ компютерҳо, телевизионҳо, гаштугузори кормандон барои омода кардани иттилоот дода шаванд. Ин вариант дар телевизионҳои қариб тамоми дунё дида мешаванд ва барои кор қулай низ мебошад. Дигар ин ки, ин ҳолат бинандаро ҳушдор менамояд, ки чи хел барои омода намудани ҳар як иттилоот чи қадар заҳмат кашида мешавад. Кормандони телевизион бо таъҷилият ба ин кор машғуланд» [69, с.32]. Тарзи чигуна омода намудани маводи телевизионӣ аз тарафи журналистонро дидану бохабар гардидани бинандагон ба наъфи кор аст. Бигзор заҳмати журналистро фаҳманд ва қадр намоянд.

Жанрҳое, ки имрӯз телевизиони тоҷик ба кор мегирад, гарчи дар анъанаи пештараанд, аммо бо сабабҳои технологӣ, озодии баён, паҳн шудани дониш дар бораи фаъолияти ҳамкасбони хориҷӣ, ба вуҷуд омадани имконияти омӯхтани таҷрибаи онҳо таҳаввулоте пайдо кардаанд ва ин бештар ба оперативӣ будан, диданӣ будан ва гуногунандешӣ доштани онҳо, зиёд шудани навигарӣ, зиёд шудани «ман»-и журналистӣ, ба миён омадани навъҳои гуногуни ин жанрҳо зоҳир мешавад.

Яке аз жанрҳои асосии барномаҳои телевизион ин жанри репортажи телевизионӣ мебошад, ки дар телевизион мустақим пахш мегардад бо

иштироки журналист, ки дар ҷойи воқеа қарор дорад. Ин жанри мустақим имрӯз кам ба назар мерасад дар телевизионҳои тоҷик зеро ин аз журналист маҳорати хуби эҷодиро талаб мекунад, ки то тавонад аудиторияро бо хабарҳои муҳими рӯз ошно карда тавонад, чун барнома мустақим пешкаш карда мешавад. Дар ин жанр хато кардан номумкин аст. Дар китоби «Телевизионная журналистика» дар бораи жанри репортаж чунин омадааст: «… репортаж  жанри журналистика мебошад, ки тавассути он таъҷилан, ба воситаи матбуот, радио ва телевизион дар бораи ягон рӯйдод ба воситаи журналист, ки шоҳид ва ё иштирокчии ин рӯйдод аст, хабар дода мешавад» [94, с.191] . Репортаж ин жанри мустақим буда, бо иштироки журналист саривақт хабар дода мешавад. Репортаж аз калимаи франсузии «reportage» ва калимаи англисии «report», ки маъނояш иттилоот додан, хабар расонидан ва ё огоҳонидан мебошад, сарчашма мегирад.

Алъон маънову муҳтавои ин жанр хеле васеъ гашта, ба як намуди шавқовару нотакрор мубаддал гаштааст. Вай ба гурӯҳи жанрҳои иттилоотӣ дохил мешавад. Бинобар ин, шаклҳои жанриаш низ хело гуногун буда аз репортажи якунимсоата барои барномаи «Варзиш», яъне барномаи «Футбол» ва аз он бештари иду маросимҳои умумихалқиро дар бар мегирад.

Ҷараёни босуръати тараққиёти технологияи иттилоотӣ ва рӯз ба рӯз рӯх додани ҳодисаҳои гуногуни ғайричашмдошт дар ҷаҳони иттилоот мавқеи репортажро баланд бардоштааст. Дар ин мавқеъёбиҳо аз як ҷониб пешрафти техникаи навтарин кӯмак намояд, аз дигар ҷониб касбияти баланд доштани рӯзноманигор ва ҷасорату мушкилнописандии ӯ боиси пешрафт мегардад. Чунки репортаж ин аз нуқтаи гарм хабар расонидан ва бевосита дарк кардани шароити муҳит ва айнан баён кардан мебошад.

«Репортаж ба саволи «воқеа чи хел рӯй дод?» ҷавоб мешавад. Пас ин жанрест, ки мухбир бояд иштирокчии воқеа бошад. Агар дигар карда гӯем, репортиёр аз дасти хонанда гирифта гӯё ӯро аз паси худ мебарад ва нишон

медиҳад, ки чӣ воқеа ба амал омадааст. Мухбир тамоми рафти воқеаву муҳитеро, ки дар он воқеа ба амал омадааст, тасвир мекунад. Фактҳои репортаж бояд аниқу дақиқ бошанд. Ному насаби қаҳрамон, ҷойи кори онҳо нақл карда шавад. Албатта, аз хусуси ҳар гуна воқеаҳо репортаж навишта намешавад» [104, с.338]. Мавзуъҳое ҳастанд аз рӯйдодҳои муҳим, ки он мутаалиқ ба жанри репортаж мебошанд. Дар он ҷо будану ба тарзи стенд-ап иттилоъ додани журналист зарур ва барои тамошобин аҷиб аст.

«Репортаж ҳам мисли хабар жанри оперативӣ аст. Вай воқеаҳои навтаринро тасвир менамояд. Барои он ки чӣ будани репортажро фаҳмем, онро ба 2 жанре, ки дар ВАО истифода мешаванд муқоиса мекунем, онгоҳ чигунагии репортаж муайян мегардад. Агар дар хабар аз воқеа мухтасар иттилоъ дода шавад, дар репортаж бошад тобишҳои гуногуни тасвир бо шакли фаррох таҳия карда мешавад.

Талаботи асосӣ ҳангоми пеш бурдани репортаж вайрон накардани факту рақам ва номҳо мебошад. Иштироки журналист дар репортаж бояд дар он зоҳир шавад, ки вай рафти воқеаҳои асосиро иттилоъ диҳад, муносибати худро нисбат ба вай баён намояд. Пас мухбир дар репортаж ҳамчун шоҳиди воқеа ё иштирокчии вай баромад мекунад ва ин нақши мухбир зарур аст. Зеро вай ба репортаж руҳияи аёнӣ мебахшад, воқеаро эътимоднок менамояд» [104, с.338].

Воқеа асоси репортаж буда, на ҳар як тасвири ҳодисаву рӯйдод тавассути ин жанр имконпазир аст. Вай бояд ҳодисаи барои ҷомеа муҳим ва рӯзмарра бошад, диққати ҳамагонро бо мақсаду муҳтавояш ҷалб созад. Муҳимтар аз ҳама барои журналисти телевизион воқеа бояд дар ҷараёни иҷрояш бошад. Мисол, рафти кори дастгоҳҳои корхона, ҷараёни ифтитоҳ ва ба истифода додани корхони нав, нерӯгоҳи барқӣ, иду маросимҳо ва ғайра. Бисёр вақт зарур меояд, ки журналист дар воқеа дар робита бо ҳодисаи рухдодаистода ҳарф занад.

Баъзан ҳодисаи асосӣ метавонад ба оҳистагӣ сурат гирад ва ин вақти тӯлонӣ ҳарчанд журналист онро шарҳу тасвири шифоӣ мекунад, сухан камтар аз ҳолати мавҷуда мемонад. Баъзан нишон додани ҷузъиёти андак аз мавзуъ дуртар – ҳолати тамошобинон, хурсандии атрофиён, рақсу бозии мухлисон ҳам суръатро таъмин мекунад, ҳам боиси ҳодиса ва бозёфтҳои хосаи телевизион мегардад. Зеро ки ҳар як чизи ҳаракаткунанда, ҳолатҳои аслии одамон барои тамошобинони телевизион мароқангез аст. Ҷараёни воқеа, хандаву шодӣ ё ҳасрат, ҳаяҷони ашхоси расмӣ ва ин ҳама хоси репортаж аст.

Мебояд қайд намуд, ки тариқи дигар жанрҳои иттилоотӣ низ аз ҷойи рӯйдод хабар дода мешавад. Аз ин рӯ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар репортажи телевизионӣ пеш аз ҳама ҳаёт, рӯйдод чӣ хеле ҳаст нишон дода шуда, ба ҳақиқати реалӣ наздик аст. Аз тарафи дигар, рӯйдод аз нигоҳ, фаҳмиши субъективии журналист ба ҷойи аввал баромада, журналист аксаран ҳамчун шоҳид, баъзан ҳамчун иштирокчии рӯйдоди пешниҳодшаванда ҳувайдо мегардад.

Ҳангоми омода сохтани репортаж журналистро зарур меояд, ки ба хатогӣ роҳ надиҳад, зеро репортаж мустақиман манзури бинанда мегардад. Агар онро таҳлилу таҳрир кунем репортаж ба дигар жанри публитсистӣ табдил меёбад. Дар телевизиони «Тоҷикистон» барои тайёр намудани репортаж чун дар пахши мустақим аст, бисёр ба хатогӣ роҳ медиҳад ва ҳатто аз доираи мавзуъ берун мебарояд, ки ин бинандаро хаставу руҳафтода мегардонад. Албатта дар пахши мустақим ҳарф задану суханбозӣ кардан маҳорати бойи касбиро талаб мекунад. Вале фикр ба он мекунем, ки камбудиҳо аз байн бардошта мешавад ва ба бинандагони оинаи нилгун репортажи хуберо тақдим менамоянд. Дар репортаж таҳлил нест, тасвири ҷараёни воқеа дида мешавад, ки бо андешаҳои муаллиф ва иштирокчиён пурра карда шудааст. Масалан, тасвир дар репортажи телевизионӣ на аз ҳунари журналист, балки ҳунари наворбардор оператор

вобаста аст. Дар назар доштан лозим меояд, ки репортажи телевизион дар суханаш набояд чизҳоеро такрор намояд, ки тамошобинон худ аз навор мебинад, балки ҳамчун тарҳ (замима, фон) истифода бурда, маънои онро бо сухани худ пурра кунад. Дар репортаж на танҳо ҷузъиёти воқеа, балки муҳити воқеа, манзараи воқеа ҳам инъикос меёбад. «Репортаж ҳатман шоҳид ё иштирокчии воқеа аст. Онро хонанда тариқи тасвири вай мефаҳмад. Ғайр аз ин репортажнавис имкон дорад, ки иштирокчии воқеа будани худро бо ишораҳои «ман» ё «мо» нишон диҳад. Албатта, хусусияти жанри репортаж ба ин маъно намешавад. Аммо ин мутлақо маънии онро ҳам надорад, ки репортаж ба ҳаракату амалиёти мухбир табдил ёбад.

Аммо фаромӯш набояд кард, ки ин воеқеият аз нигоҳи фаолонӣ аст. Зеро як чизро даҳ кас бинад, дидашро як хел, ё ба ҳам монанд тасвир кунад ҳам, онро даҳ хел шарҳ доданаш мумкин мешавад: аз рӯйи фаросат, ҷаҳонбинӣ, мавқеъ, мақсад ва ғайра. Дар бисёр ҳолат ба чигунагии тасвир ва таъсири репортаж оғози он вобаста аст. Маъмулан, барои рангин ва ҷозиб будани репортаж онро аз тасвири воқеа оғоз мекунанд ва бо ин васила хонандаро бо фаҳми он омода менамоянд. Тасвир дар ин ҳолат манзараи табиат, фазои воқеа, ҷойи воқеа, рӯҳияи иштирокчиёни воқеа ва дигар ҷузъиёти ба ин монанд мебошад.

Албатта, ҳеҷ кас тавсия дода наметавонад, ки кадом воқеа бояд чӣ хел тавсия карда шавад, репортаж чӣ хел оғоз ёбад. Ҳамин қадар гуфтан мумкин аст, ки бояд воқеаҳо ба таври шавқовар, пуртаъсир тасвир карда шаванд. Репортёр имкон дорад бо мақсади эҷодии худ ҷузъиёти воқеаро пай дар пай не, бо тағйиротҳо тасвир кунад. Талаботи асосӣ ҳангоми репортаж вайрон накардани факту рақам ва номҳо мебошад. Вобаста ба ҳамин фаромӯш набояд кард, ки репортаж тавре навишта шавад, ки хонанда воқеаҳоро тасаввур карда тавонад, бинад. Яке аз воситаҳое, ки онро имконпазир мегардонад, тафсилоти воқеа, ҷузъиёти вай аст. Воқеан, яке аз фарқҳои асосии репортаж аз очерк низ дар ҳамин аст – очерк

таърихи ташаккули характер аст, репортаж симои воқеа аст. Ҳамин симо будан тасвирро талаб мекунад. Роҳҳои дигари ҷудо кардан ба навъҳо низ дар таҳқиқот мушоҳида мешавад. Аслан се шакли репортаж ба таври принсипиалӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: репортажи оддӣ, лирикӣ ва фоторепортаж (репортажи суратдор). Дар репортажи оддӣ ҳама чиз бо сухан ифода меёбад. Дар репортажи суратдор ҳама чиз бо сурат ва сухан равшан карда мешавад. Журналист бо ифодаи бештар аз 3 сурат воқеаро инъикос мекунад. Баъзе репортёрҳо дар фоторепор- таж ҳам суратро ҷой медиҳанд ва ҳам дар матн воқеаи дар сурат баёншударо нақл мекунанд, ки ин дурӯст нест. Матни фоторепортаж бояд мустақил бошад, мазмуни суратҳоро такрор накунад. Балки сурат ҳамчун далели пуркунандаи воқеаи нақлшаванда бояд истифода шавад. Сурат диди суратгир ва матн диди журналист аст. Ин ба репораж дар телевизион шабоҳат дорад – навор диди наворбардор аст ва матн диди журналист. Пас, агар журналист ва суратгир ё журналист ва наворбар- дор як кас бошад, пайванди муҳтавои репортаж бо сурат ва навор мустаҳкамтар мешавад. Репортажи суратдор бештар ба репортажи «бешарҳ» – и телевизион шабоҳат дорад.  Репортёр мазмуни пурраи як воқеаро барои аудуторияи худ маълум мекунад, ҳатто тавре гузориш медиҳад, ки худ дидааст. Репортаж намоиши воқеа ба чашм ё аз диди репортёр аст» [102, с.338]. Таҳияи жанри репортаж бо мурури замон дар ВАО-и Тоҷикистон қариб, ки дида намешавад. Барои таҳияи жанри репортаж бояд журналистони касбиро рӯи майдони кор овард.

Ин расона инъикоскунандаи ҳаёти воқеии ҷомеа гашта, ба шуури ҷомеа таъсир расонида, афкори бинандаро ташаккул дода, мафкураи мардумро дигаргун менамояд. Телевизион дар  таърихи 64 солаи худ, бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардидааст. Ба ин нигоҳ накарда кормандони он аз сидқи дил кор карда, саҳми худро дар пешрафти кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол гузошта истодаанд. «Телевизион ва радио аз бисёр ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ доранд. Масалан, телевизион ҳам ба узвҳои

шунавоӣ таъсир мерасонад ва ҳам ба биноӣ, яъне дарки эҳсосоти якҷоя дида мешавад. Радио бошад, танҳо ба органи шунавоӣ таъсир мерасонад. Асоси гуф- торҳои радио ин овоз аст, садо аст. Асоси телевизион ин тасвир аст. Инсон ахбору воқеоти ҷаҳонро ба воситаи телевизион ҳам мебинад, ҳам мешунавад, дарк менамояд. Шахси дар экрани телевизион пайдогаштаро бо ҳаракатҳояш, нигоҳаш, чеҳрааш, тарзи либоспӯшиаш, андому намуди зоҳириаш, тарзи гуфтораш мебинаду мешунавад. Яъне таъсирнокии сухани ӯ ба воситаи экран бештар аст нисбат ба радио» [1,с.42]. Албатта ин бартарии телевизион аст, ки таваҷҷуҳи аксариятро ба худ ҷалб мекунад. Зеро журналисти телевизион такя ба видеонавор маводи худро омода месозад ва бинанда бештар ба видеонавор диққат медиҳад. Яъне суханони журналист пуркунандаи видеонавор асту дар он ғалатгуфторӣ имконпазир нест.

«Тасвири ҷолиб, овози хушу муттасил, услуби возеҳ, далели муносиб бинандаро ба экран бештар ҷалб менамоянд.Ба воситаи радио бошад, оҳангу тарзи хониши гӯянда, таъсирнокии сухани вай шунида мешавад. Радио барномаҳои зиёд дорад. Мухлисонаш аз рӯи хоҳиш ва завқи хеш интихоби яке аз онҳоро мешунаванд. Телевизион нисбати ки-но хусусияти хосаи худро дорад. Телевизион таъҷилан воқеотро, ҳамон лаҳза, айнан намоиш медиҳад ва бинанда пеш аз ҳама шоҳиди воқеот мегардад, хуб дарк мекунад, хулоса мебарорад, баҳо медиҳад. Кино бошад, имконияти таъҷилан намоиш додани воқеоту ҳодисотро надорад, рӯйдодҳои гузаштаи ба навор сабтёфтаро дар филмҳо истифода мебарад, ки ин фаъолияти дарки психологиро сусттар мегардонад» [1, с.42]. Телевизион воқеаву рӯйдодҳои ҳақиқиро бо нишонии ҷойи рӯйдод, шахсони воқеӣ ва вақти рӯйдод пешниҳод менамояд. Кино бошад, тавассути тахаюлот, образҳои бадеӣ ва фантазияи режиссёр таҳия мешавад.

Истифодаи ҳамаи жанрҳои ахборӣ: хабар, репортаж, мусоҳиба ва ҳисобот дар барномаҳои иттилоотӣ бо риояи талаботи жанрӣ боиси

рангоранг диданибоб гардидану мақбули бинандагон гаштани он мегардад. Телевизион минбари баланд аст ва дар байни воситаҳои ахбори омма барои аҳолӣ дастрастарин ба ҳисоб меравад ва мебояд, ки онро касбиёна баҳри пешрафти ҷомеа истифода барем.

Дар ҳолати чорабиниҳои бошукӯҳ, консерту намоишномаҳои театрӣ баргузор намудан, филмҳои бадеӣ офаридан, ҳунарҳои миллиро аз нав эҳё сохтану маҳфилҳои шеъру суруд ташкил намудан, аммо ҳамаи инро дар васоити ахбои омма ба хусус дар шабакаҳои телевизиони ватанӣ пешниҳоди бинандагон нагардонем, ки аз ин ҳама огоҳ мешавад. Аллбата танҳо ҳамон нафароне, ки шоҳиди воқеа буданду халос, шояд як қисми дигар аз даҳон ба даҳон огоҳӣ пайдо кунанд ва бо ҳамин доираи иттилоъёфтагон хотима мееёбад. Вақте, тавассути рӯзномаву радио, телевизиону шабакаҳои интернетӣ пахш мегарданду, рӯи чоп мееёбанд, аксарияти аҳолии на танҳо Тоҷикистон, балки берун аз он низ аз дастовардҳои кишвари мо бохабар мешаванд. Пас аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки ВАО яке аз воситаҳои муҳими тарғиби сиёсат, иқтисод, иҷтимо ва фарҳанг ба шумор рафта, рӯзноманигоронро мебояд дар таҳияи намоишу навиштани мақола ниҳоят ҷиддӣ ва бо диққат бошанд. Зеро сухани онҳо ба милионҳо нафар таъсир расонида метавонад.

Аз рӯйи талаботи барномаҳои иттилоотӣ дар телевизион истифодаи тамоми жанрҳои иттилоотӣ муҳим ба ҳисоб меравад. Махсусан бештар истифодаи жанри репортаж ба нафъи кор хоҳад буд. Чунки табиати телевизион инро талаб мекунад. «Дар ҷомеаи муосир телевизион пурқудраттарин расонаи иттилоотии ВАО дониста шуда, чун силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ, дар кори сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанг нақши созандагӣ дорад. Аз давраи арзи ҳастӣ карданаш, вобаста ба талаботи ҷомеа, дар ҳар давру замон пеш рафта, фаъолияташро тағйир дода омадааст. Дар назарияи рӯзноманигории муосир қоидаҳои асоси барои ҳамаи намудҳои ВАО ягонаанд, аммо муҳаққиқони ин расона онро ба

хусусиятҳо ҷудо намуда, моҳияти онро аз се гурӯҳи жанрҳо донистаанд ва ин се гурӯҳ аз рӯйи ду навъи пешниҳод ба бинанда, манзур мешавад. Намоиши сабтии телевизионӣ ва намоиши мустақими телевизонӣ» [134, с.274]. Телевизион аз замони арзи ҳастӣ карданаш чандин марҳилаҳоро гузаронидааст, ки дар он доир ба жанрҳои журналистика ва барномаҳои телевизион бисёр тағироту иловаҳо ворид гардидааст. Имрӯзҳо дар телевизиони тоҷик бисёр барномаҳо тариқи сабтшуда ба эфир дода мешаванд ва пахши барномаҳои мустақим ангуштшуморанд.

«Воситаҳои электронии навбаромад воситаи пурқувваттарини иттилоотрасонӣ аст. Масалан, агар аз кишвар баровардани рӯзномаву маҷалла ва пахши мавҷи радиову телевизион душвор бошад, пахши интернет душворӣ надорад. Он дар ҳама ҷо дастрас аст. Барои ҳамин василаи хеле сареи журналистӣ мебошад» [142]. Чи хеле, ки мову шумо мушоҳида мекунем, мебинем имрӯз истифодабарандагони интернет аз телевизиону радио ва матбуот ба куллӣ фарқ мекунанд. Маводи дилхоҳашонро сари вақт аз интернет дастрас менамоянд.

«Ҷиддияти аудитория ба телевизион аз як ҷониб, вобаста ба масъулияти кормандон бошад, аз ҷониби дигар, ба навор аст, ки журналист бо чашми наворбардор онро манзури бинанда мегардонад ва бинанда худро шоҳид, балки иштирокчии он воқеа ҳис мекунад» [141, с.284]. Дар таҳияи барномаи телевизионӣ нақши наворбардор калон аст. Агар журналист барномаро таҳия намояд наворбардор онро сабт меамояд, то аудиторияро бо барномаҳои рангин ва наворҳои диққат- ҷалбкунанда ошно созанд.

«Воқеан, сенария барои ҳар барномаи телевизионӣ зарур аст. Зеро вақте сенария ҳаст, аллакай, коргардон, наворбардор, танзимгар метавонад, ки бе кумаки муаллиф ва муҳаррир корро анҷом диҳад. Вақте, ки сенария мавҷуд аст, барнома пурмазмун ва бо истифода аз дигар унсурҳои барномасозӣ ҷолиб таҳия мегардад. Аз нигоҳи дигар,  сенария барои он лозим аст, ки ба вуҷудовардагони барнома дарк мекунанд, мефаҳманд, ки

барнома аз куҷо оғоз ва дар куҷо ба анҷом меёбад. Аз дигар нуқтаи назар, офаридаи барнома дар ҷараёни сабт медонад, ки дар куҷо муқаддимаи барнома, дар куҷо маҳак ва дар куҷо анҷоми барномаву ифшои мақсад дар назар дошта шудааст. Коршиносони соҳа, аллакай, аз рӯйи сенария давомнокии барномаро низ метавонанд муайян намоянд» [144, с.414]. Имрӯзҳо мо мушоҳида мекунем, ки бисёре аз барномаҳои телевизионӣ қариб ки сенария надоранд. Онҳо бе сенария барнома таҳия менамоянд, ки барнома ғайрикасбӣ омодашуда бинандаи худро аз даст медиҳад.

«Азбаски телевизион ҳамчун муҳимтарин воситаи ахбори умум якбора ба афкори чандин миллион нафар одамон таъсир мерасонад, мавқеи журналисти телевизион бояд равшан ва аниқ, устувор бошад, суханро диниста гӯяд, маводи баённамудаашро ба хубӣ, одилона, огоҳона омӯзад, бо далелҳои насанҷидаву тахминӣ тамошобинро ба иштибоҳ наандозад, дар чаҳорчӯбаи қонуну талаботҳои воситаҳои ахбори омма пешниҳод намояд.

Аз ин рӯ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи фаъолияти журналистонро ба танзим медароранд ва барои иштибоҳ ё қасдан вайрон кардани меъёрҳои сухан ҷазоҳои мушаххасе таъин гардидаанд. Дар баробари он, мутобиқи қоидаву меъёри умимиллӣ ва умумибашарие низ мавҷуданд, ки дар ҷамъбаст симои умумии телевизионро муайян мекунад.

Журналисти имрӯзаи телевизион аз имкониятҳои дигар намудҳои ВАУ низ бояд огоҳ бошад ва онҳоро истифода бурда тавонад. Дар аксари вақт онҳо ҳамчун далел, санад, маводи тасвир хизмат карда ҳамчун манбаи мӯътамад барои ёфтани хабару далелҳо хизмат мекунад» [42, с.16]. Телевизион яке аз воситаи пурқудратарин ВЭАО мебошад, ки дар он тасвир ва ҳам матн муҳим мебошад, ки аз радиову матбуот фарқ дорад агар мо аз радио овозро шунавем аз матбуот онро мехонем яъне ҷалби аудитория бисёртар ба телевизион аст.

«Радио: сохтори нисбат ба телевизион оддитару арзони радио имкон медиҳад, ки барномаҳои радиоӣ дар давоми 24 соати як шабонарӯз пахш гардад, барнома дар давоми як рӯз чанд маротиба садо диҳад, азбаски

сурати мавод муҳим нест, аз имконияти диктафонҳо истифода бурда саривақт ва дар айни замон воқеаву ҳодисаҳои муҳим дар эфир пахш гарданд. Мухбири телевизион аз он ҳамчун мавод ва далели раднашаванда, ё барои таҳлил чун маводи омӯзишӣ истифода барад. Сохтори кори радио ва ҷараёни омодакунии барномаи радиоӣ ба кори мухбири телевизион хеле наздик аст. Фарқ дар он, ки он ҷо тасвир нест ва бисёр ҷиҳатҳои барнома маҳз бо садоҳои табиӣ, шарҳи овози мухбир ё муҳаррир пурра карда мешавад.

Ҳамаи ин намудҳои ВАО дар қоғаз омода ва дар матбааҳо нашр мешаванд ва табиист, ки аз ҷиҳати вақт ва истифодаи он бо радиову телевизион баробар шуда наметавонанд. Ҷараёни ин кор чунин аст: мухбир маводи фавриро ба мудири шуъба ё котиби масъул медиҳад, сипас масъул онро ба чопи компютерӣ медиҳад, пас аз чопи компютерӣ онро сармуҳаррир хонда розигӣ медиҳад, сипас мавод ба дасти саҳифабанд мегузарад. Пас аз омода шудани саҳифаҳои рӯзнома онро дар плёнка сабт карда ба матбаа мефиристанд. Дар матбаа онро ба пластина мебардоранду ба дастгоҳҳои чоп медиҳанд. Сипас аз дастгоҳҳои чоп газетаҳои тайёрро ба идораи рӯзнома ё почта мефиристанд. Танҳо пас аз ин вай ба дӯконҳо ё хонаҳои муштариён расонида мешавад. Ин ҳама вақти зиёдро мегирад ва табиист, ки нисбат ба радио ва телевизион хеле дер хабарро мерасонад. Махсусан, агар ба назар гирем, ки дар тамоми олам аксари газетаҳо дар як ҳафта як маротиба нашр мешаванд. Қиммати вай ҳамчун манбаи хабарҳои фаврӣ кам мешвад. Бинобар ин дар газетаҳо аз аввал то имрӯз мақолаҳои таҳлилӣ, тафсилоти воқеа ва саҳифаҳои махсуси фароғатӣ, фарҳангӣ ва таърих мавқеъияти бештар пайдо мекунанд.

Таҳаввулоти ҷомеа, пешрафти илму техника, рушди истеҳсолот, тадриҷан инкишоф ёфтани мафкураи ҷомеа жанрҳои навро ба вуҷуд меорад. Маълум мешавад, ки жанр чизи нолозим набуда, бо зарурияти ҳаёт ва тарзи кори телевизион шаклҳои нави он зуҳур мекунанд. Жанрҳои нав дар заминаи жанрҳои мавҷуда (кӯҳна) ба вуҷуд меоянд. Онҳо ҳудуд ва

хусусиятҳои худро доранд. Вазифаи ҳамагуна жанрҳо таъсир расондан ба мафкура ва эҳсосоти одамон аст.

«Интернет сайт-яке аз навтарин намудҳои техникаи ВАО мебошад. Шабакаи васеъи компютерӣ имкон медиҳад, ки ҳамагуни ҳодисаю воқеа ва шарҳи онҳо аз нигоҳи гуногун ва мавқеъҳои гуногун сабт ва интишор шаванд. Таърихи мукаммали пешгузаштаи ҳодиса, маводи зарурӣ дар бораи ҳар як иштирокчии воқеа, суратҳо, далелҳо, ҳуҷҷатҳои муҳосиба, шиносномаву дигар санадҳо гирд оварда мешаванд.  Бинобар ин, алъон Интернет асосан ҳамчун воситаи техникии ёрирасон барои гирифтани хабарҳои фаврӣ аз ҷойҳои барои дигарон дастнорас ё барои навиштану таҳияи барномаи таҳлилӣ, криминалӣ, танқидӣ ёрӣ мерасонад» [42, с.6]. Албата ин пӯшида нест, ки аз аввали пайдоиши журналистика ин матбуот буд,  сипас радио пайдо гардид, бо  мурури замон телевизион пайдо гардид ва ҳоло бошад интернет ба вуҷуд омад, ки дар дилхоҳ вақт метавони истифода бурд. Ин ҳама пешравию дастоварҳои илму техника дар асри XX мебошад.

«Қобили зикри махсус аст, ки дар барномаҳои иттилоотӣ низоми фаврият, яъне фавран расонидани хабар нест ва рӯйдодҳое, ки шабакаҳои ҷаҳонӣ соатҳо инъикос менамоянд, дар телевизионҳои мо баъди як шабонарӯз, ҳаҷман хеле кам инъикос мешаванд ва дар аксари мавридҳо матни тарҷумаи онҳо низ пурра фаҳмо нест, аз ин сабаб мардум иттилооти дақиқро аз дигар шабакаҳо меҷӯянд» [136]. Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ, имрӯз мо метавонем тариқи интернет аз ҳамагуна шабакаҳои иҷтимоӣ самаранок истифода намоем. Аз дилхоҳ сайтҳои интернетии матбуот, телевизион ва радио метавонем истифода барем, чун, ки ҳар кадоми онҳо сайтҳои худро доранд.

«Имрӯзҳо дастрасӣ ба иттилоот тариқи технологияҳои нави иттилоотиву иртиботӣ як ҷузъи муҳимми рӯзгори мардум гардидааст, ки интернет аз чунин имкониятҳост. Тибқи омори расмӣ, беш аз нисфи

сокинони мамлакатамон аз шабакаи интернет истифода мебаранд. Имрӯз маводи матбуот, иттилои агентиҳои иттилоотӣ, барномаҳои радиоиву намоишҳои телевизионро аз тариқи интернет дастрасӣ карда метавонем» [137, с.40]. Қобили зикр аст, ки дар аксар воситаҳои ахбори тоҷик фаврият дида намешавад. Сабаб дар он аст, ки кормандони ВАО беаҳамиятӣ зоҳир намуда, иттилоотро камаҳамият намуда, сипас ба хонанда, шунаванда ва бинанда пешниҳод мекунанд, ки оҷилияташро аз даст медиҳад.

Истифодаи жанри репортаж имрӯзҳо дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии кишвар ангуштшумор мебошад. Гарчанде дар шабакаҳои телевизионии мамлакатҳои хориҷа жанри репортаж яке аз жанрҳои ҷудонашаванда мебошад, ки пайваста дар барномаҳои хабарӣ истифода мешавад. Мо ба ин суоле, ки чаро имрӯз репортаж дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон кам истифода мешавад, аз шахсони масъули шабакаҳои телевизионӣ чунин посух гирифтем: «имкониятҳои техникӣ барои мо дастрас нест». Албата дар тамоми жанрҳои телевизион техникаи муосир талаботи аввалиндараҷа мебошад. Аммо агар журналист донандаи касби худ бошад ва маҳорати баланди таҳиягарӣ дошта бошад метавонад бе сабти мустақим ба мардум репортажро таҳия кунаду саривақт пешниҳод созад. Ба андешаи мо 2-юм чизе ки репортажро имрӯз ангуштшумор мебинем дар телевизионҳо ин набудани мутахассисони касбӣ мебошад. Дар телевизиони кишвар баъзан матлабҳое пахш мешаванд, ки ба жанри репортаж наздикӣ доранд ва он ҳам бошад чорабиниҳои махсуси ҳукуматӣ, ки ҷанбаҳои сиёсӣ доранд ва ба таври мустақим таҳия мешаванд. Барои ин маросимҳои ифтитоҳи ҷашнҳои Истиқлолияту Ваҳдатро мисол оварда метавонем, ки аз оғоз то анҷомашон ровӣ гарчанде дар навор фаъол нест, вале иштирок мекунад ва рафти чорабиниро баён месозад. Инчунин ҷашнҳои Наврӯз, Садаву Меҳргон ва дигар ҷашнҳое, ки аҳамияти калон доранду маросими ифтитоҳу ҷараёнашон тариқи телевизионҳо мустақиман пахш мегардад. Мо

дилпурона инро жанри репортаж наменомем, вале то андозае ба репортаж аз хотири ҷанбаҳои оҷилияту фаврӣ буданро дорад ташбеҳ медиҳем. Боқӣ ҳар матлабе, ки дар телевизион онро репортаж меноманд ба талаботи жанрӣ ҷавобгӯ набуда, хатои маҳз дар муайянкунии жанр аст. Зеро оҷилият дар он риоя намегардад, ки онҳо аз ҳисоботе беш нестанд. Вале кишварамон рӯз то рӯз рушту нумуъ дорад. Умед ҳаст, ки ҷаҳонишавӣ телевизионҳои кишварро низ такон медиҳаду нуқсу камбудӣ ва имкониятҳои мавҷуд набудаи техникӣ  роҳи ҳалли худро пайдо сохта, дар пайдоиш ва шаклгирии репотажҳои воқеии кишвар замина мегардад. Боқӣ қазоват аз устодону мутахасисоне аст, ки бевосита дар ин самт пайваста сару кор доранду дараҷаҳои бурду бохт ва мавқеоти жанр ҳамнабзанд ва онро дақиқтар ба риштаи таҳлил мекашанд.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ имкон ба вуҷуд овард, ки шабакаҳои телевизионии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» ба формати рақамӣ гузаронида шаванд. Ин боиси бо сифати баланд ба наворгирии барномаҳои телевизионӣ ва пешниҳоди он ба бинандагон гардид. Вобаста ба он барои таҳияи жанри репортаж аз ҷойи рӯйдоди муҳим бо технологияҳои телевизионии муосир ва сари вақт пешниҳод ба бинандагон ва ҳатто мустақиман пешниҳоди репортаж имкони васеъ ба миён омад. Агар пештар ин амал танҳо тариқи ПТС- Студияи сайёри телевизионӣ имконпазир бошад, айни ҳол ин корро бо МиниПТС- Студияи хурди сайёри телевизионӣ ва ҳатто тариқи видеокамераҳои рақамии муосир, ки имкони ба алоқаи моҳворавӣ пайваст шуданро дорад, бемалол ба амал баровардан мумкин аст.

Технологияҳои аз ҷониби идораҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионӣ истифодашаванда мунтазам такмил дода мешаванд. Дар истеҳсоли ахбор баъзе хусусиятҳо вуҷуд доранд, аммо дар маҷмуъ, метавон дар бораи алгоритми қатъии истеҳсоли барномаи хабарӣ сухан гуфт.

Солҳои охир тамоюли як навъ норавшан кардани марзҳо байни жанрҳои телевизионӣ мушоҳида мешавад. Агар солҳои зиёд яке аз қоидаҳои асосии таҳияи барномаҳои иттилоотӣ манъи истифодаи ҳама гуна воситаҳои бадеӣ бошад, имрӯз дар таҳияи ахбор равишҳои ба формати бадеӣ хосро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин натиҷаи яке аз тамоюлҳои умдаи истеҳсоли телевизиони муосир - муаррифии фаъоли мундариҷа буда, мақсадаш ҷалб кардан ва нигоҳ доштани таваҷҷуҳи тамошобинон мебошад. Муаллифони асарҳои бадеӣ бо ёрии маҷмӯи воситаҳои ифоданок ба мақсади худ ноил мегарданд. Дар навбати худ, эҷодкорони хабар аз чунин усулҳо худдорӣ мекунанд, зеро онҳо метавонанд ба дараҷаи эътимоднокии иттилоот ва дар натиҷа, ба сатҳи эътимоди аудитория таъсир расонанд.

Яке аз махсусиятҳои хоси тайёр кардани барномаҳои иттилоотӣ дар замони имрӯза аз воситаҳои техникии нави муосир самаранок истифода бурда тавонистан ба ҳисоб меравад. Журналистони идораҳои барномаҳои иттилоотӣ бояд ба мундариҷаи иттилоотҳо таваҷҷуҳи махсус намоянд. Мундариҷаи иттилоъ метавонад бо инобати як қатор омилҳо истисноӣ бошад. Журналисти идораи иттилоотро мебояд дараҷаи эътимоди иттилоъ ба аудиторияро ба назар гирад, ки онро ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст: наздикии ҷойи рӯйдод ба маҳалли ҷойгиршавии бинанда ва авзои иҷтимоӣ, моддӣ, маънавӣ ва ҷисмонии қаҳрамони иттилоъ ва бинанда. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мазмуни иттилоъ бояд ҳадди аксари тафсилотро нишон диҳад. Таҳияи маводи иттилоотӣ барои шабакаи телевизионӣ кори мураккабест, ки дар он чандин мутахассис иштирок мекунад. Бинанда бобати ҷараёни таҳияи сюжети иттилоотӣ ҳатто фикр намекунад, ки бо истифодаи кадом ҷараёнҳои мураккаби технологӣ дар экрани телевизор иттилоот намоиш дода мешавад. Бартарии асосии шабакаи телевизионӣ дар он аст, ки тафсилоти рӯйдоди муҳимро аз дигар зовия нишон медиҳад. Дар ин замина метавон гуфт, ки интернет ҳамчун

шабакаи босуръат рушдкунанда ба шабакаҳои телевизионӣ таъсири назаррас мерасонад. Шаклгирии технологияҳои телевизионии иттилоотӣ бо пайдоиши форматҳои нави иттилоъ, тағйироти сохторӣ, тағйир додани ҷузъҳои формати иттилоотӣ, ҷорӣ намудани усулҳои нави таҳияи барнома ва пайдоиши унсурҳои дигар мебошанд. Махсусияти дигари фарққунандаи форматҳои муосири иттилоотиро метавон дараҷаи баланди фаъолнокӣ ҳисобид. Дар байни воситаҳои электронии ахбори омма шабакаи телевизионӣ ҳамчун яке дастрастарин воситаҳои ахбори омма барои аҳолӣ ба ҳисоб рафта, тадриҷан дар ҷомеа мавқеи баландро соҳиб гаштааст. Имрӯз хонадонеро пайдо намудан ғайри имкон аст, ки дар он барномаҳои шабакаи телевизиониро тамошо намекарда бошанд. Бо ҳамин сабаб махсусан баъди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди шабакаҳои телевизионии соҳавӣ дар ҷумҳурӣ зиёд гардиданд. Баробари кори эҷодӣ ҷузъи асосии телевизионро техника ташкил медиҳад, зеро шуруъ аз дастгоҳу воситаҳои наворбардорӣ, таҷҳизоти танзимӣ, дастгоҳҳои интиқоли маводи телевизионӣ ва фиристандаҳои мавҷӣ ҳамагӣ вобастаи техника мебошанд. Бинобарон нақши техникаи иттилоотиро дар рушди шабакаҳои телевизионӣ махсусан дар замони муосир, ки асри техникӣ меноманд муҳим бояд донист.

Махсусан дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нави рушди соҳаи телевизион ба миён омад. Дар ин марҳила дастгоҳҳои наворбардорӣ, воситаҳои танзимӣ дастрас карда шуданд, ки он кори соҳаро пеш бурд. Оғози солҳои 2000-ум дастгоҳҳои танзимӣ аз 2 ба 18 адад расонида шуданд, видеокамераҳо, ки яке аз асбобҳои асосии техникии фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ мебошанд, нав карда шуданд. Сабти барномаҳо дар фиттаҳои Betacam SP ба анҷом расонда мешуданд. Ин навъи фиттаҳо аз ним соат то се соат иқтидори ғунҷоиши навор дошта, қадамҳои нахустин дар самти гузариш ба рақамикунонии шабакаҳои телевизионӣ ба ҳисоб мерафт. Сипас, фиттаҳои хурдҳаҷми ширкати SONY

MiniDV мувофиқ ба камераҳои наворабрдорӣ дастрас карда шуданд, ки он сифатан баланд буда, то як соат ғунҷоиши сабти наворро доштанд. То соли 2015 дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ аз чунин фиттаи наворабардорӣ истифода менамуданд. Минбаъд дастгоҳҳои наворабрдорие низ истифода мешуданд, ки дорои флешкарта буданд. Чунин қадами устувор дар дастрасӣ ба технологияҳои нав гузошта шуд, ки ин раванд то ҳол идома дорад ва воситаҳои техникии навтарин ҳамасола дастрас карда мешаванд.

Давра ба давра баъди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди техникӣ дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ ба миён омадааст. Вобаста ба рушди технологияҳои муосир ва васеъ шудани имкониятҳои техникии шабакаҳои телевизионӣ усулҳои муосири саривақт аз ҷойи рӯйдодҳои муҳим тариқи жанрҳои иттилоотӣ, махсусан жанри репортаж иттилои муҳимро ба бинандагон пешниҳод намудан ба роҳ монда шуданд. Ин ҷо дар назар аст, чорабинаҳои муҳими ҷашнгирии санаҳои таърихии ҷумҳурӣ, ки мустақиман дар жанри ҳисобот ба пуррагӣ манзури бинандагон гардонида мешуданд. Ин ҷараён барои таъмини оҷилӣ таҳия намудани барномаҳои иттилоотӣ заминаи мусоид меофарид. Вале дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ на ҳамеша аз чунин имконият ба таври лозимӣ истифода бурда мешуд.

Пажӯҳиш нишон дод, ки дастрасӣ ба техникаҳои муосири телевизионӣ дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ ҳамқадам ба замони пешрафти техникӣ амалӣ гардидааст. Мисоли равшани он дастгоҳҳои муосири рақамии видеокамераҳо, танзимӣ, воситаҳои дастгоҳҳои маркazии пахши барномаҳо ва  дигар таҷҳизоти соҳавӣ мебошад, ки он бо гузариши шабакаҳои телевизионии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба формати сифатан баланди HD ва пахши шабонарӯзии барномаҳо мусоидат намудааст. Дастгоҳҳои муосири рақамии телевизионӣ бешубҳа барои сифатан беҳтар таҳия гардидани барномаҳо, таъҷилӣ аз ҷойи рӯйдоди

муҳим иттилоъ расонидан ба бинандагон мусоидат мекунанд. Вале дар самти пахши мустақим тариқи жанри репортаж аз ҷойи рӯйдоди муҳим таваҷҷуҳи ҷиддӣ сурат нагирифтааст, ки дар натиҷа репортажҳои мустақим дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ ангуштшумор ба мушоҳида мерасанд.

Вобаста ба пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотӣ таҳаввулоти жанрӣ дар тамоми гурӯҳҳои жанрии журналистикаи телевизион ба миён омада, таҳияи барномаҳо дар телевизион сифатан беҳтар гардидаанд. Махсусан дар ин бобат таҳаввулоти жанри репортажро махсус қайд намудан ҷоиз аст. Зеро рушди технологияи иттилоотӣ таҳияи сюжетҳои телевизиониро тариқи жанри репортаж хеле осон ва сабук намуда, махсусан ба таҳияи репортажи мустақим аз ҷойи рӯйдодҳои муҳим ва дар баробари ҷараёни рӯйдод иттилоотро ба бинандагон пешниҳод намудан қадами устувори техникиву эҷодӣ гузошта шудаанд.

Инчунин вобаста ба ин пешравиҳои технологӣ дар соҳаи иттилоотӣ журналистони шабакаҳои телевизионии ватаниро зарур аст, ки бобати самаранок истифодабарии ин навгониҳои технологии телевизионӣ ҷаҳд намоянд. То бештар бо жанри репортаж мустақиман ва ғайримустақим аз рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ сюжет омода намуда, пешниҳоди бинандагон гардонанд. Бо ин таваҷҷуҳи бинандагонро баланд бардошта, сафи онҳоро зиёд намоянд.

# БОБИ II

# ТАНОСУБИ КОРБУРДИ ЖАНРИ РЕПОРТАЖ ДАР БАРНОМАҲОИ ИТТИЛООТИИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ

## 2.1. Хусусиятҳои барномаҳои иттилоотӣ ва жанри репортаж дар телевизиони «Тоҷикистон»

Махсусияти замони Истиқлолият дар он зоҳир мешавад, ки журналистика аз силоҳи идеологӣ раҳоӣ ёфт ва вазифаи вай ба сохтори ҷомеаи демократӣ мувофиқ гардонида шуд, яъне он хусусияти ВАО-ро пайдо кард. Қаблан, ба ҷуз ахбор таблиғ низ, мақсади асосии аз ҷумла телевизион ба ҳисоб мерафт ва ҳамин чиз онро ба силоҳи идеологӣ табдил мекард. Дар замони нав телевизионҳои Тоҷикистон ҳадди имкон кӯшиши бетарафона инъикос кардани навигариҳо ва воқеаҳоро доранд. Дар шароите, ки дар Тоҷикистон воситаи ахбори ҳукуматӣ ва мустақил амал мекунад, тадбиқи он мақсад то чи ҳад имконпазир аст, ба сохтори системаи телевизион иртибот мегирад ва мавзуъҷудокунӣ ва ҳолати имрӯзаи телевизиони тоҷикро чи хел муаррифӣ мекунанд, мавзуи таҳқиқи ин боб аст.

«Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон телевизионҳои давлатии «Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Баҳористон», «Душанбе», «Варзиш», «Синамо», «Шаҳнавоз», «Илм ва табиат», «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва 28 студияи ғайридавлатии телевизион фаъолият мекунанд, ки ба ҷуз телевизиони «Тоҷикистон» бақия дар даврони Истиқлол по ба майдон гузоштаанд» [85,с.10]. Албатта дар замони Шӯравӣ як телевизион дар ҷумҳурӣ фаъолият менамуд, ки ба вақти муайян ба эфир дода мешуд. Имрӯз дар кишвари соҳибистиқлоламон телевизионҳои соҳавӣ ташкил

гардиданд, ки дар соҳаҳои гуногун мо метавонем тамошо карда маводи заруриро гирем.

Телевизиони «Тоҷикистон» 3-юми октябри соли 1959 ба фаъолият оғоз кард. Соли 1960 заминаи моддию техникии он беҳтар гардид. Дар ин заминаи моддию техникӣ барои қироати тарҷумаи матни барномаҳои русию тоҷики шароити зарурӣ фароҳам гардид. Аз соли 2006 телевизиони «Тоҷикистон», ки «Шабакаи аввал» ном дошт, аз нав унвони телевизиони «Тоҷикистон» - ро гирифт. Ин телевизион вобаста ба марҳалаҳои тараққиёти худ дар ибтидо (солҳои 1959-1970), асосан ахборӣ буда, ба масъалаҳои ахлоқӣ камтар дахл мекардааст. Баъдан (1970-1985) барномасозӣ дар он тибқи муқоиса дар телевизиони марказӣ (Маскав) сурат гирифта, истифодаи жанрҳо густурдаву муҳтавои барномаҳо рангин гардидаанд. Сипас, (1985-1991) барномаҳои телевизион бо тадриҷ ҷанбаи миллӣ пайдо карда, вобаста ба тақозои раванди ҷомеа мавзуъҳои наву ҷолиб мавриди баррасиву инъикоси он қарор гирифтаанд. «Солҳои 1991-1997 барои кормандони эҷодию техникии телевизиони «Тоҷикистон» марҳалаи ҳассос, сарнавиштсоз ва пурмасъулият дониста шудааст, зеро ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар дар Тоҷикистон ихтилоф авзои сиёсии мамлакатро ноҷур сохт» [54, с.14]. Телевизиони тоҷик марҳила ба марҳила рушд карда истодааст, ки ин ҳама бо шарофати сулҳу оромии кишвар ва ғамхориву дастгириҳои Пешвои муаззами миллат аст, ки барои боз ҳам ғанӣ гардидани барномаҳои гуногуну диданибоби тамошобинони телевизион.

«Вазифаи журналисти телевизион дар барномаҳои иттилоотӣ бо истифода аз жанри хабарӣ ба бинандаи худ расонидани хабарҳои нав аз рӯйдоду воқеа, ҳодиса ва навигарии муҳими ҳаёт мебошад. Бинандаи телевизион баъди дидани барномаи хабарӣ бояд ба андеша равад. На ин, ки журналист дар баробари пешниҳоди хабар ба таҳлил гузашта андешаи худро ба бинанда бор кунад. Дар иттилоот бояд хабар бетаҳлил

пешниҳоди бинанда гардонида шавад. Мутассифона имрӯзҳо дар барномаҳои телевизиони «Тоҷикистон» хабарҳо бо таҳлилу шарҳу эзоҳ пешниҳоди бинанда мегардад. Дар натиҷа ба бинанда имкони андеша кардан дода намешавад. Бо ин завқи бинанда паст гашта, аз андешакунӣ боз мемонад» [70, с.17-18].

Иттилоъ маълумоти нав мебошад, ки он барои ҳар як нафар чун обу ҳаво зарур мебошад. Вобаста ба ин иттилоъ гуфта факт ва рӯйдоди муҳимро бояд шинохт, ки тоза ба амал омадааст ё акнун ба амал омаданаш мумкин аст. Аз ин бармеояд, ки барои иттилоъ чизи аз ҳама асосӣ навигарӣ, зуҳуроти нав шуда метавонад. Яъне асоси иттилоъ навигарӣ аст. Навигарӣ дар рӯйдод ва факту рақам зоҳир мегардад. Яъне факт пеш аз ҳама, махсусият ва амалеро, ки воқеияти кадом як зуҳуротро нишон медиҳад мебошад.

Дар телевизиони «Тоҷикистон» дар бисёр мавридҳо воқеаи асосӣ дар охири матн гуфта мешавад ва он сабки ҳарами воруна нест, балки баёни пай дар пай мебошад. Иттилоънависӣ аз услуби худи муаллиф вобаста аст. Аммо бо пирамидаи чаппа иттилоъ таҳия намудан барои диққати бинандаро ҷалб намудан беҳтар аст, аммо дар телевизиони «Тоҷикистон» аксари навиштаҳо ба тарзи анъанавӣ аст.

Бояд ҳар як маводи иттилоотӣ навигарӣ дошта бошад. Дар ҳамаи жанрҳои хабарии журналистӣ иттилоъ мавҷуд аст, ки бинандаро ба рӯйдодҳои муҳим ошно мекунад. Иттилои нав гуфта, маҷмӯи рӯйдод ва фактҳои таҳқиқшударо, ки шакли мушаххас дошта, аксаран ба як рӯйдоди муҳим бахшида шудааст, фаҳмида мешавад. Ин иттилое хоҳад буд, ки аз ягон ҷиҳат ба бинанда наву тоза аст ва аҳамияти иҷтимоиро доро мебошад.

Шабакаҳои телевизиониро бе жанрҳои иттилоотӣ ва барномаҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро барномаҳои иттилоотӣ аҳолиро бо рӯйдодҳои муҳим ошно месозанд. Телевизионе нест, ки дар он барномаи иттилоотӣ пахш нагардад. Аз ин рӯ дар воситаҳои ахбори омма

жанрҳои иттилоотӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Аксари аҳолӣ телевизионро маҳз барои огоҳ шудан аз рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ тамошо мекунад.

Фаъолияти журналистӣ аз иттилоърасонӣ сар мешавад. Асоси ин гурӯҳи жанрҳоро рӯйдодҳои муҳим, яъне иттилооти нави иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ба жанрҳои иттилоотии журналистикаи телевизион хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж дохил мешаванд. Махсусияти иттилооти телевизионӣ дар он зоҳир мешавад, ки бинандаро бо ҷараёни рӯйдоди муҳим бо навор ошно месозад, ки ин имкониятро иттилои матбуотӣ ва радиоӣ надорад. Фарқияти иттилои телевизионӣ аз радиоиву матбуотӣ дар он аст, ки бинанда худ тавассути дидани ҷараёни рӯйдод тариқи видеонавор аз он огоҳ мегардад.

Пешниҳоди иттилои нав пеш аз ҳама тавассути жанри серистеъмоли хабар дар телевизион ба назар мерасад. Жанри хабар аз муҳимтарин жанрҳои иттилоотии журналистикаи телевизион ба ҳисоб меравад. Асосан аз рӯйдодҳои муҳими дохил ва хориҷ пеш аз ҳама ба воситаи жанри хабар иттилоъ дода мешавад. Дар жанри хабари телевизионӣ журналистро бинанда дида наметавонад. Зеро дар ин жанр вазифаи журналист таҳияи хабар бо видеонавор аст, сухани журналист ва ё наттоқи барномаи иттилоотӣ аз паси кадр хонда мешавад.

Жанри дигари иттилоотӣ ин жанри мусоҳиба мебошад, ки имрӯз дар шабакаҳои телевизионӣ камистеъмол гардидааст. Аз воқеаҳои муҳим, тариқи саволу ҷавоб, бо шинос шудан бо ҳуҷҷату дигар сарчашмаҳо иттилооти муҳим ба даст оварда мешавад. Мусоҳиба ифодакунандаи андеша, нигоҳ, фактҳо ва рӯйдод мебошад, ки мусоҳиб ҳамаи инҳоро инъикос менамояд. Дар жанри мусоҳиба журналист аз як тараф тарзи иттилоот гирифтан аз шахси ин иттилоотро доробуда бошад, аз тарафи дигар жанри публитсистие дар шакли диалог аст, ки вазифааш дар экрани телевизион бо саволҳои худ аз шахси мусоҳиб (сарчашмаи иттилоот)

иттилоъ гирифтан мебошад. Асосан мусоҳиба тариқи саволу ҷавоб баргузор мегардад, журналист бо мусоҳиб дар бораи мавзуи муҳим суҳбат менамоянд. Ташкили мусоҳиба осон нест. Бисёриҳо аз мусоҳиба бо журналистон худдорӣ мекунанд, махсусан вақте ки масъалаҳои баҳснок пурсида мешаванд. Асоси мусоҳиба суол аст. Он воситаест, ки ҷараёни мусоҳибаро дар самти дурусти ҳаракат нигоҳ медорад. Суолҳои хуб метавонанд ҷавобҳои мукаммал ва ҳатто ошкорбаёнии ҳайратоварро ба бор оваранд. Баракс суолҳои нодуруст метавонанд маҷрои мусоҳибаро ба дигар самт барад. Аммо суолҳои мушаххас иттилои воқеиро ба бор меорад. Мусоҳибаро баргузор кардан на ҳамеша осон аст, зеро он бо шахсони соҳибмансаб баргузор мегардад, ки баъзе вақтҳо саркашӣ менамоянд. Аслан асоси мусоҳиба ин савол мебошад. Тавассути саволи хуб метавон ҷавобҳои хуби иттилоотии мукаммалро ба даст овард. Журналист ба воситаи саволу ҷавоб аз мусоҳибаш доир ба мавзуи дилхоҳ маълумот мерӯёнад. Вале фақат суҳбати оддӣ чизе намедиҳад, зарур аст, ки мусоҳибагиранда мусоҳибро хуб шиносад, мавзуро аз ҳар паҳлу донад, бо шавқ ва ҷолиб мусоҳиба ороста тавонад. Жанри мусоҳиба бояд, ки дар телевизион мавқеи махсус дошта бошад. Нашри ахбор амалан бе мусоҳиба ё истифодаи ҷузъи он пурра ва рангоранг намешавад. Мусоҳиба ҷузъи муҳими барномаҳои иттилоотии телевизионист. Жанри мусоҳиба дар ду тарз пешниҳоди бинанда гардонида мешавад: мустақим ва дар сабт. Аслан жанрҳо дар матбуот пайдо гардида сипас дар радио ва телевизион паҳн гардидаанд. Мусоҳиба ин жанри иттилоотӣ мебошад, ки журналист бо инсони дорои ахбор суҳбат менамояд, доираи як мавзуи мубрами рӯз. Бояд журналист ва ҳамсуҳбаташ дар кадом мавзуе, ки суҳбат мекунанд, дорои маълумоти хуб бошанд, ки барнома диққатҷабкунанда барояд.

Муҳаққиқони журналистика зикр мекунанд, ки истиқлолияти миллии Тоҷикистон пайваста бо талошҳои сиёсӣ, миллӣ буд. Ба назари мо маҳз бо ҳамин сабаб барномаҳо хислати сиёсӣ пайдо карда, аз соли 1994 масъалаи

сулҳу ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ маҳаки асосии намоишҳои телевизионро ташкил медод. Вобаста ба тақозои вазъ ва раванду марҳилаҳои музокирот барои дастёбӣ ба сулҳу оштии миллӣ мавзуи сулҳу ваҳдати миллӣ дар барномаҳои телевизинӣ мақоми хосе пайдо мекунанд. Баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ дар кишвар системаи телевизион тағйир меёбад: ташкили маркази продюсерӣ, гурӯҳи таҳлилӣ дар чаҳорчӯбаи барномаҳои иттилоотӣ, идораи барномаи «Субҳ» (1998) ва ғайра ба тадриҷ муҳтавои асосии барномаҳоро дигаргун месохт» [98, с.73]. Аз соли 2005 то ба имрӯзро марҳалаи нави таҳаввулоти телевизион номидаанд. Дар ин давра Телевизиони тоҷик аз нигоҳи техникӣ рушд ёфтааст.

Ҳадафи кормандони системаи нави телевизиони тоҷик низ таъмини ҳамин ягонагист. Масалан, намоишҳои «Ахбор», «Сайди маънӣ», «Ҳадаф», «Набз», «Тафсир», «Дидгоҳ»-и телевизиони «Тоҷикистон», «Навид», «Ҷилваи ҳунар», «Чорсу», «Вақт», «Нози хаёл», «Муошират», «Завқ», «Раҳовард»-и телевизиони «Сафина», «Хабар», «Дунё», «Аён», «Суҳбати рӯз», «Тафсири рӯз»- и телевизиони «Ҷаҳоннамо», «Меҳри сухан», «Як соат», «Маҳбуб», «Асрор», «Интихоби ман», «Ҳафтранг» - и телевизиони «Баҳористон» инъикосгари мавзуъҳои мухталиф буда, дар қолабҳои гуногун таҳияву пахш мешаванд, маҳз онҳо дар якҷоягӣ, ҳамдигарро пурра мекунанд.

Ин шабакаҳо 24 соат фаъолият мекунанд, ки аз ин 8 соати он барномаҳои аслӣ маҳсуб меёбанд. Яъне сеяки кори ҳаррӯзаашон нав аст. Зеро барномаҳои аслӣ гуфта онеро меноманд, ки баъди таҳияи гурӯҳи эҷодӣ бори аввал дар эфир пахш мешавад. Намоишҳои дигар, яъне, барномаҳои такрорӣ, филмҳои ҳунарию мустанад, барномаҳои консертӣ, очерку гузоришҳо хулоса ҳар он чизе ки аз бойгонӣ гирифта пахш карда мешавад, мебошанд.

Вақте мо сохтори телевизиони «Тоҷикистон» - ро пайгирӣ мекунем, дармеёбем, ки системаи мазкур аз сохтори пештара то истиқлолияти

Тоҷикистон чандон дур нарафтааст. Балки онро бо андаке тағйирот ва шаклҳо идома медиҳад. Ин сабаби он низ гардидааст, ки дар сохтори намоишҳои телевизион хеле камтар дигаргунӣ ба амал омадааст. Яъне нигоҳи нав, мавзуи нав дар қолаби кӯҳна идома меёбад.

Вақте сохтори идориро меомӯзем дарк менамоем, ки «Маъмурияти барномаҳо маркази асосии фаъолияти тамоми идораю гурӯҳҳои эҷодии телевизион аст» [54, с.20]. Тавре мебинем, идеалогияи умумии фаъолияти шабака, тарзи нақшаи корӣ аз марҳалаи то истиқлолият камтар фарқ мекунад. Ҳатто номи идораҳои телевизион ҳам: идораи барномаҳои сиёсӣ, идораи барномаҳои иқтисодӣ, идораи барномаҳои кишоварзӣ, идораи барномахои фарҳангӣ-фароғатӣ (адабӣ), идораи барномаҳи мусиқӣ, идораи «Тоҷиктелефилм», идораи барномаҳои иттилоотӣ.

Дар шароити ҳозира идораи барномаҳои иттилоотӣ таъсис ёфта- аст, нисбат ба замони Шуравӣ васеъ шудааст. Ҳарчанд, қисми зиёди вақти эфири телевизиони «Тоҷикистон»-ро барномаҳои сиёсиву фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дарбар гирифтааст, барномаҳои иттилоотӣ камтаранд, лекин дар ин шабака аз соати 6-и субҳ то 24-и шаб ҳамагӣ то 10 ахбор меравад, ки 6-тои он ахбори дохилӣ бо номи «Ахбор» ва як барнома бо забони англисӣ, як барнома бо забони русӣ ва як барномаи хабарӣ бо забони арабӣ пахш мешавад. Хабарҳои хориҷӣ бошанд, дар байни баъзе аз барномаи иттилоотии «Ахбор» пахш шуда, танҳо бенатток як ахбори хориҷа бо овоз ва кадр намоиш дода мешавад. Ҳафтае як бор - рӯзи якшанбе барномаи хабарӣ бо забони узбекӣ пахш мегардад. Дар телевизиони «Тоҷикистон» ҳолате мушоҳида мешавад, ки он хабарҳои ҷаҳоние, ки дар барномаи «Ахбор» пахш мешаванд, аз манбаъҳои хориҷӣ гирифта мешаванд. Телевизиони «Тоҷикистон» дар шаҳри Маскав бунгоҳи хабарии худро дорад, ки барояш хабару гузориш мефиристад. Айни ҳол бояд гуфт, дар инъикоси воқеаву рӯйдодҳои Русия ва ИДМ аксаран мавқеи журналист ва

ҳам мавқеи Тоҷикистон дар муносибат бо он рӯйдод номушаххас мемонад. Яъне, истифодаи материали бегона, набудани системаи комили хабаргузорӣ дар хориҷи кишвар ахбори хориҷии шабакаро камаҳамият мекунад. Дигар дар фосила миёни барномаҳои хабарӣ филмҳои ҳуҷҷатӣ, барномаҳои муаррификунандаи Тоҷикистон, суҳбатҳо, хабарҳои варзишӣ ва барномаҳои сиёсию иқтисодию фарҳангӣ пахш мешаванд.

Ақидаи дар барномаи хабарӣ иттилоот бояд бо сабки пирамидаи чаппа сохта шавадро аксарият истиқбол мекунанд. Яъне, дар аввал бояд иттилои муҳим пешниҳод гардад. Дар телевизиони «Тоҷикистон» дар бисёр мавридҳо воқеаи асосӣ дар охири матн гуфта мешавад ва он сабки ҳарами воруна нест, балки баёни пай дар пай мебошад. Суҳроби Мирзоалӣ дар китоби худ «Хабар: аз Машриқ то ба Мағриб» сабки ҳарами ворунаро чунин шарҳ додааст: «Ин усулест, ки хабари муҳимтар дар аввал омада, бадоҳатан идомаи он дар поён оварда мешавад» [53,с.114]. Дуруст аст, ки хабарнависӣ аз услуби худи муаллиф вобаста аст. Аммо бо пирамидаи чаппа хабар омода намудан барои диққати тамошобинро ҷалб кардан беҳтар аст, аммо дар телевизиони «Тоҷикистон» аксари навиштаҳо ба тарзи анъанавӣ аст. Як хабаре, ки рӯзи 5 феврал 2014 дар барномаи «Ахбор»-и ин шабака пахш шуд, барои мисол меорем:

«Видеонавор:
пешниҳод намудани андоз
дар шакли электронӣ аз ҷониби
хизматчиёни давлатӣ

Тартиби нави бо шакли электронӣ пешниҳод намудани андози даромад ва вазъи молу мулкӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ соли равон ҷорӣ гардид. Ин тадбир дар доираи тадбиқи ҳукумати электронӣ амалӣ гардида, барои осон

намудани хизматрасонӣ дар ин самт аҳамият дорад. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаҳмонидани моҳияти асосии усулҳои нав дар якҷоягӣ бо муттахассисони ташкилоту идораҳои давлатӣ чорабиниҳо ташкил менамояд.

Видеонавор:
муаррифии барномаи нав оид ба шакли электронӣ супоридани андоз дар «Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муаррифии барномаи нави компютерӣ пешниҳоди электронии эъломия оид ба андоз аз даромади хизматчиёни давлатӣ баргузор гардид. Дар он ҳадафи асосии ҷорӣ намудани низоми нави хизматрасонӣ барои андозсупорандагон, хусусан хизматчиёни давлатӣ баён карда шуд. Яке аз афзалиятҳои ҷорӣ намудани низоми нави андоз дар он аст, ки хизматчиёни давлатӣ ба нозироти андоз ҳозир нашуда, эъломияи дахлдори худро ба тариқи электронӣ ирсол менамоянд» [146].

Се ҷумлаи аввали ин хабар дар хусуси тартиби нави ба шакли электронӣ пешниҳод намудани андози даромад буда, баъдан дар ҷумлаи 4-ум аз баргузории муаррифии барномаи нави компютерӣ иттилоъ дода

мешавад. Ҳоло он ки баргузории муаррифии барномаи нав бояд дар аввал гуфта шуда, суханони марбут ба ин тадбир дар доираи ҳукумати электронӣ амалӣ гардиданаш дар идома оварда мешуд. Зеро моҳияти хабар ҳам аз навгонӣ, ҳодисаи ба тозагӣ рӯйдода иборат аст. Бинанда бояд дар матни хабар иттилои зарурирo пайдо кунад ва чизе нофаҳмову суоле пайдо нашавад.

Ба гуфти муҳаққиқ Ю. А. Летунов «Ҳар як маводи журналистӣ бояд навигарӣ дошта бошад» [48, с.7]. Дар асл чунин ҳам ҳаст. Дар ҳамаи жанрҳои журналистӣ иттилоъ мавҷуд аст, ки шунавандаро ба воқеаву навигариҳо ошно мекунад. В. Мироченков менависад: «Ахбори тоза гуфта, мо маҷмӯи рӯйдод ва фактҳои таҳқиқшударо мегӯем, ки шакли мушаххас дошта, аксаран ба як воқеаи нодир ё мавзуи рӯз бахшида шудааст. Ин ахборе хоҳад буд, ки аз ягон ҷиҳат ба шунаванда тозаю нав аст ва ҳатман моҳияти иҷтимоӣ дорад» [55, с. 26].

Ҳолате, ки ба маводи иттилоотӣ зам кардани бадеияту ба кор бурдани суханони бадеӣ дар хабарҳои ин шабакаҳо, махсусан дар телевизиони «Тоҷикистон» зиёд ба назар мерасад. Махсусан дар айёми ягон ҷашну маросимҳо ё яквақт сохтмони нерӯгоҳи Роғун бо ҳамин шева хабарҳо пахш мешуд, ки қобили қабул нест. Ҷумлаҳои «Наврӯзи оламафрӯз чун пайки ҷовидонаву хуррамӣ ва рамзи ҳамбастагии инсону табиат», «Роғун ояндаи дурахшон ва бахти миллати мо», «Барои миллати мо ҳам 27-уми июн, ки Рӯзи ваҳдати миллӣ ном дорад, воқеан як рӯзи таърихӣ ва сарнавиштсоз аст», дар хабарҳои ин шабакаҳо истифода мешавад, ки ба жанри хабар мувофиқ нест, дар жанри хабар истифодаи бадеият ғайримумкин аст. Ин ибораҳои бадеиро дар жанрҳои публитсистикаи бадеӣ ва ҳатто дар жанрҳои таҳлилӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад. Чизи дигарро бояд зикр кард, ки дар ҳар дуи ин телевизион ҳангоми барномарезӣ аҳамияти ҷолибияти хабар ба назар гирифта намешавад ва

аксаран хабарҳо аз иттилои расмӣ шурӯъ мешаванд. Ин, албатта, таваҷҷӯҳи бинандаро коҳиш медиҳад.

Бештари муҳаққиқон бар он назаранд, ки ҳама гуна навигарӣ хабар шуда тавонад ҳам, барои воситаҳои ахбори омма танҳо он навигариҳое ба сифати хабар ва мавзуи жанри хабар қабул карда мешаванд, ки аҳамияти ҷамъиятӣ дошта бошанд. Ва дар ин маврид боз аҳамияти ҷамъиятӣ доштан ба он маъно аст, ки факти дар хабар бакоромада барои як касу як оила не, балки барои садҳо ва ҳазорҳо одамон муҳим бошад. Вале, «дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳо хабарҳоеро низ вохӯрдан мумкин аст, ки на маълумоти нав доранд ва на моҳияти ҷамъиятӣ» [60, с.39]. Тамошои он барои бинанда шавқовар нест.

«Вазифаи хабар, пеш аз ҳама, дарак додан аз воқеаи муҳимтарини нав аст» [21, с.25]. Таҳлили ҳамаҷонибаи онро бошад, дигар жанрҳо амалӣ мекунанд. Доираи мавзуи хабар маҳдуд нест. Хабари телевизиони «Тоҷикистон» метавонад аз масъалаҳои байналхалқӣ то воқеаҳои ҳаёти маҳаллиро дар бар гирад.

«Ҳамин тавр, 3 октябри соли 1959 телевизиони «Тоҷикистон» барномаи аввалини худро оғоз намуд. Аз моҳи ноябри соли 1959 сар карда шумораи барномаҳои таҷрибавӣ торафт бештар гаштанд. Аз 1 январи соли 1960 бошад, барномаҳо доимӣ ба эфир мебаромаданд. Аз 26 январи соли 1960 сар карда барномаи «Ахбор» аз 3 дақиқа ба 5 дақиқа расонида шуд. Ҳаҷми ахбор то охири сол ба 10 дақиқа расида намоишҳои аслии ҳаррӯза ба 3 соату 30 дақиқа ба нақша гирифта шуд. Ва баробари ин барномаҳои рӯзмарраи яксоата барои бачаҳо низ таҳия мегаштанд» [1, с.27].

Аз оғози телевизион барномаи «Ахбор» ҳамчун як ҷузъи асосӣ дар телевизион нақши бориз дорад, ки аз 3 дақиқа шуруъ гардида то инҷониб ба як соат расидааст. Дар ни муддат аз 10 то 20 сюжетҳо тавассути барнома пешниҳоди бинанда гардонида мешаванд.

Айни ҳол ҷадвали пахши барномаҳои иттилоотии телевизиони «Тоҷикистон» тули як шабонарӯз 11 нашри хабарӣ пахш карда мешавад. Соати 8:00 «Ахбор» бо забони тоҷикӣ, соати 12:00 низ бо забони тоҷикӣ, соати 14:00 бо забони арабӣ ва соати 15:00 бо забони англисӣ, соати 16:00 пахши хабарҳои хориҷӣ бо забони тоҷикӣ, соати 19:00 бо забони русӣ, соати 20:30 нашри муфассали ахбор бо забони тоҷикӣ, соати 22:00 бо забони тоҷикӣ ба бинандагон пешниҳод карда мешавад.

Барномаҳои иттилоотӣ такроран ба эфир дода шуда, дар давоми як шабонарӯз танҳо як маротиба иттилооти нав бо тариқи муфассал дар нашри соати 20:30 ба бинандагон пешниҳод карда мешавад ва дар нашрҳои дигар вақтҳои дар боло зикргардида такроран пешниҳоди бинандагон гардонида мешавад. Такрори барнома ба маъное нест, ки пурра ҳамон барнома пахш мегардад. Танҳо сюжетҳо такроран бо барандаи дигар пахш карда мешаванд. Шумораи сюжетҳо ва ҳаҷми барнома низ дар вақту соати дигар кам карда мешавад.

Вобаста ба ҳолату вазъият нашри барномаҳои иттилоотӣ метавонад тағйир ёфта, ҳаҷму миқдори он зиёд карда шаванд. Ин вобаста ба доираи сафарҳои Президенти кишвар ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ иттилооти бештар ба мушоҳида мерасад, зеро ки дар ин ҷараён ҳаҷми сюжетҳо аз ҷараёни ифтитоҳи иншооти гуногун ва мулоқоту суҳбатҳо бо сокинону фаъолон бештар мегардад. Дар чунин вазъ нашрҳои иловагӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳоди бинандагон карда мешаванд.

Дар айни замон сармуҳаррири идораи барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» Маҳмадалӣ Сафаров буда, дар ин идора журналистон: Фахриддин Нурматов, Нуриддин Қурбонов, Зулфия Раҳимзода, Хуршедаи Наҷмиддин, Наврӯзшоҳи Азизуло, Бобокалон Аминов, Манучеҳри Сулаймон, Оишаи Саттор, Зафар Қаюмов, Далер Алиев, Зумрад Файзиева ва Карим Ҳайдаров фаъолият намуда, барои

пешбурди кори идораи иттилоотии «Ахбор» кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Инчунин идораи «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» дар шаҳру навоҳии мамлакат низ мухбирони худро дорад, ки барномаҳои иттилоотиро бо мавод таъмин менамоянд. Дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон Абдурозиқ Азизов, Таваралӣ Соҳибназаров ва Худойдоди Раҷаб, дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб Саидҷаъфар Маҳмадалиев, Худоёри Валӣ ва Раҳматалии Назрӣ, дар ВМКБ Тоҷинисои Файзуллобек, Алишер Ҷунайдов, дар минтақаи Хуҷанди вилояти Суғд Равзалӣ Амонов, Абдуваҳҳоби Абдусаттор ва Маҳмудҷон Аҳмадзода, дар ноҳияи Нуробод ва Лахш Идигули Маҳмуд сюжетҳо омода менамоянд. Дар дар шаҳри Москва Хуршеди Саидаҳмад ва Маҳмадалӣ Сафаров фаъолияти тоҷикони муқими Федератсияи Россияро инъикос менамоянд. Наворбардорони ин идора Баҳодур Истамов, Баҳодур Қурбонов, Аҳлиддин Каримов, Холмаҳмад Давлатов, Беҳрӯз Ҷумаъев ва Бобоалӣ Тағоев мебошанд. Рӯйдодҳои муҳими ватанӣ ва дастоварду пешравиҳои соҳаҳои гуногун тавассути сюжетҳо дар ин барномаи иттилоотӣ инъикоси худро меёбанд.

Мисоли дигареро барои муқоиса дида мебароем:

«Видеонавор:

| | |
|---|---|
| Иштироки Пешвои миллат<br>Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи<br>Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| | Имрӯз таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои амнияти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. |

Дар кори ҷаласа аъзои доимӣ ва аъзоёни Шӯрои амният, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди олии иқтисодӣ, роҳбарони сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, роҳбарият ва масъулони дигар вазорату идораҳои дахлдори мамлакат иштирок намуданд.

Сарвари давлат, Раиси Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози ҷаласа фаъолияти сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи мамлакатро дар роҳи таъмини амнияти давлат ва мардуми Тоҷикистон, волоияти қонун, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи марзу буми кишвар ва мубориза ба муқобили ҷинояту ҷиноятқориҳо натиҷагирӣ намуда, аз тадбирҳои муваффақ ва мавҷудияти як қатор камбудию норасоиҳо дар ин самт ёдовар шуданд.

Дар ҷаласа ба таври муфассал масъалаҳои вобаста ба фаъолияти сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи мамлакат дар соли 2016 баррасӣ шуда, нақшаи тадбирҳои навбатию иловагӣ дар ин самт барои соли 2017 тарҳрезӣ ва мушаххас гардиданд.

Доир ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Сулаймон Султонзода, вазири корҳои дохилӣ Рамазон Раҳимзода, Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Саймумин Ятимов, вазири мудофиа Шералӣ Мирзо, фармондеҳони Гвардияи миллӣ ва Қушунҳои сарҳадӣ Furобоҷон Ҷамолзода ва Раҷабалӣ Раҳмоналӣ, директори Агентии назорати маводи нашъаовар Шерхон Салимзода, Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ Рустам Назарзода ва дигарон шунида шуд» [152].

Ин маҷлиси Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 17-уми феврали соли 2017 мустақим баргузор гардида, онро репортаж номида шудааст, ки ин ғалат аст, ин репортажи мустақим набуда балки ҳисобот мебошад. Журналистон эълон менамоянд, ки гузориши ҳамкорамон аз ҷой воқеа лекин журналист дар онҷо стенд-ап намедиҳад, тасвири воқеа дида намешавад, балки онро пурра нишон медиҳанд, ин ғалатфаҳмӣ миёни ду жанр мебошад.

Дар идомаи ин ҳисоботи мустақим дастуру супоришҳои мушаххас ҳамчунин доир ба пурзӯр намудани қудрати мудофиавии давлат, ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, тақвият бахшидани ҳифзи марзи давлатӣ, боло бурдани сатҳи омодагии ҷузъу томҳои низомӣ ва беҳсозии таъминоти

моддию техникии онҳо, таҳкими интизоми ҳарбӣ, баланд бардоштани рӯҳияи маънавӣ, ҳисси ватандӯстию масъулиятшиносӣ ва таҷрибаву маҳорати касбии муҳофизони марзу буми кишвар, кормандони мақомоти судӣ, сохторҳои низомӣ ва ҳифзи ҳуқуқу тартибот дода шуда, бо ҳамин барнома ба анҷом мерасад. Яъне ин барнома мустақиман пахш шуда ба репортаж ҳеҷ алоқамандӣ надорад.

Дар телевизионҳои ҷумҳурии мо кам ба назар мерасад жанри репортажи мустақим, ки онро бо ҳисоботи васеъ омехта мекунанд. Жанри ҳисобот хусусиятҳои хурдро дорад ва жанри репортаж ҳам хусусиятҳои худро дорад. Мо бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, ки ба ин ғалатфаҳмиҳо роҳ надиҳем, чун мо ки ғалат намудем барномаи мо коста мегардад ва мавқеашро дар ҷомеа гум мекунад.

Дар телевизиони «Тоҷикистон» маҳорати журналист дар репортажи телевизионӣ дар малакаи корӣ, тайёрии пешакӣ, дараҷаи ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ ва забони васеъву нутқи буррои вай зоҳир мегардад. Азбаски иштироки журналист дар ҷараёни воқеа барои репортаж ҷиҳати муҳимтарини шакли жанрии он мебошад, доираи саводу малакаи вай метавонад ҳодисаи на чандон муҳимро низ ба як рӯйдоди муҳим ва бо иттилоърасониаш ба як намоиши шавқовар мубаддал намояд.

| | |
|---|---|
| «Мусиқӣ садо медиҳад номи барнома намудор мегардад,як чанд лаҳза дар экран намудор мегардад сипас наттоқи барнома аз студия нишон дода мешавад: | Ассалому алайкум бинандагони гиромӣ! Барномаи «Ахбор» аст, аз телевизиони «Тоҷикистон». Дар шаҳри Хоруғ як майдончаи варзишиву солимгардони барои машқу тамрини наврасону ҷавонон, ки бо дастгирии Федератсияи футболи |

Тоҷикистон сохта шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Дар маросими ифтитоҳи ин иншооти варзишӣ намояндаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Бадахшон ва Федератсияи футболи Тоҷикистон иштирок намуданд. тафсилоти бештар дар гузориши ҳамкорони мо.

Журналист дар кадр тариқи стенд-ап аз ҷойи рӯйдод иттилоъ медиҳад:

Дар давраи соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ барои рушди варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим шароити фароҳам мусоид омад. Мавриди истифода қарор гирифтани боз як майдончаи варзишиву солимгардонӣ барои машқу тамрин аз ҷониби Федератсияи футболи Тоҷикистон далели ин гуфтаҳо мебошанд. Дар маросими ба истифодадиҳии ин майдончаи варзишӣ масъулини соҳа ширкат намуданд.

Хулоса, ҳозирин ва мардуми ин вилоят аз ғамхориҳои Пешвои муаззами миллат нисбат ба насли наврас ёдовар

гардида аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони масъул изҳори сипос намуданд.

Видеонавор:

Лаҳзаҳо аз майдончаи варзишӣ. ...

Журналист аз паси кадр:

Зикр гардид, ки варзиш дар ҷаҳони муосир пеш рафта рӯз аз рӯз  вусъат ёфта истодааст. Бояд зикр намоем, ки майдончаи варзишие, ки имрӯз ба истифода дода мешавад 40 метр дарозӣ дошта 20 метр паҳноӣ дорад. Ин майдонча аз ҳамаи шароитҳои стандартӣ таъмин мебошад. Ин майдончаи варзиширо мардуми шаҳри Хоруғ солҳои зиёд интизор буданд ва ниҳоят ин майдонча ба истифода дода шуд, ки боиси хурсандии наврасону ҷавонон гардид. Роҳбарияти футболи мамлакат боз нақша доранд, ки дар дохили ин шаҳр боз 3 майдончаи варзишӣ сохта ба истифода дода шавад. Мақсад аз сохтани ин майдончаҳои варзишӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мардуми ин вилоят мусобиқаҳоро бештар намуда ҳар чи зудтар наврасону ҷавононро дар сатҳи бояду шояд омода намуда аз байни онҳо гулчин карда беҳтаринҳоро дар сатҳи байналмилалӣ омода намоянд.

Пас аз ба истифода додани ин майдончаи варзишӣ  чорабинии идона баргузор гардид, ки

> дар он санъаткорон ва як қатор сарояндаҳо иштирок намуда таъби ҳозиринро шод намуданд. 50-нафар варзишгарон, ки дар майдончаи варзишӣ иштирок намуданд аз ҷониби роҳбари Федерацияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо либосҳои варзишӣ, тӯб ва як қатор мукофотҳо қадрдонӣ гардиданд» [153].

Аз ин репортаж бар меояд, ки Федерацияи футболи Тоҷикистон дар 5 соли охир барои баланд бардоштани сатҳи футболи мамлакат дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ майдончаҳои варзишӣ сохта ба истифода дода истодааст. Ин ғамхории роҳбари давлат ва роҳбари Федерасияи футболи Тоҷикистон нисбат ба насли наврас мебошад.

Дар ин репортаж журналист бевосита аз ҷойи рӯйдод тариқи стенд-ап ба бинандагон иттилоъ медиҳад. Бинанда тавассути журналист аз ин рӯйдод бохабар мегардад. Ба гуфтаҳои журналист эътимод пайдо мекунад, зеро навори паси журналистро бо чашмони худ мебинад. Дарк менамояд, ки суханони журналист бо навор мувофиқат мекунанд.

Забони репортаж самимият, возеҳӣ, соддабаёниро талаб мекунад, суханпардозӣ, ибораю образҳои куҳнашуда ва такрор ба муваффақияти кор халал мерасонад. Бинобар ин, барои нақшаи сенарияи репортаж дарёфтани чизҳои зерин муҳим аст: таърихи ҳодисаи тасвиршаванда, сабаби зарурат ва натиҷаҳои он, таъсири он дар ҳаёти минбаъдаи ҷомеа, далелу рақамҳои аслӣ ва расмӣ, донистани масъулон ва иҷрокунандагони асосии кор бо маълумоти ҷолиб дар бораи шахсияти онҳо лозим мебошад, ки инро дар мисоли репортажи болоӣ дидан мумкин аст.

Шабакаи телевизиони «Тоҷикистон» шабакаи асосӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин шабака барномаи иттилоотии «Ахбор» дар байни дигар барномаҳои телевизионии ин шабака

мавқеи баландро соҳиб буда, аксар иттилооти муҳими ватаниву хориҷиро сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз ҳамин шабака тамошо мекунанд, зеро нашри асосии ин барномаи иттилоотӣ ҳамеша дар як соати муайяни барои бинанда мувофиқ, соати 20:30 пешниҳоди бинандагон гардонида мешавад.

Хулоса, ҳарчанд истифодаи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони «Тоҷикистон» ангуштшумор ба назар мерасанд, вале барномаҳои иттилоотӣ ва жанри репортаж дар ин шабака аз дигар шабакаҳои телевизионӣ бо махсусиятҳои худ фарқ карда, нақш ва мавқеи намоёнро соҳиб мебошанд.

## 2.2. Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони «Ҷаҳоннамо»

Имрӯз дар баробари телевизиони «Тоҷикистон», шабакаи иттилоотии телевизиони «Ҷаҳоннамо» ҳам дар миёни мардум ҷойгоҳи муносибе пайдо намудааст. Муассисаи давлатии телевизиони «Ҷаҳоннамо» шабакаи иттилоотӣ буда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 546 аз 31 октябри соли 2008 таъсис дода шудааст. Пахши аввалин барномаҳои он 5-уми ноябри соли 2008 ба амал омадаст.

Дар низомномаи шабакаи мазкур омадааст, ки «Самти фаъолияти шабакаи «Ҷаҳоннамо»: таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттилооти фаврию дақиқ ва огоҳ намудани онҳо аз навтарин рӯйдодҳои дохилу хориҷи кишвар, тарғиби ғояи миллӣ, демократия, афзалияти арзишҳои миллӣ ва инсонӣ, сулҳ, масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон мебошад» [172]. Телевизиони «Ҷаҳоннамо» аз 7 шуъба, 4 идора ва 11 бахш иборат аст.  Албатта, ифтитоҳи шабакаи шабонарӯзии «Ҷаҳоннамо» заруратест, ки аз ниёзҳои ҷомеа бархоста аст. Зимни он ки дар ин росто манфиатҳои миллӣ ва амнияти иттилоотии кишвар дар назар гирифта мешавад. Муассисаи телевизиони «Ҷаҳоннамо» дар маҷмӯъ аз се идораи эҷодӣ- идораи «Хабар», «Барномаҳои таҳлилӣ», «Нашри барномаҳо» иборат буда, ҳамзамон бахши барномаҳои хориҷӣ «Дунё» низ фаъолият мекунад.

Дар маҷмӯъ тақрибан ҳудуди 80 фоизи барномаҳои телевизиони «Ҷаҳоннамо» иттилоотианд. Дар ин шабака барномаҳои хабарӣ бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пахш мешаванд. Агар барномаҳои хабарӣ бо забони тоҷикӣ барои аудиторияи тоҷикзабон пешниҳод гарданд, барномаҳои русиву англисӣ барои аҳолии русзабони кишвар, намояндагиҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, ҳамзамон аудиторияи хориҷӣ, ки ин шабакаро дар  кишварҳои дигар тамошо мекунанд, равона

шудаанд. Яъне, ҳадафи ин шабака қабл аз ҳама бо иттилои зарурии ҳам дохиливу ҳам хориҷӣ таъмин кардани аҳолии мамлакат аст, баъдан муаррифииии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва нишон додани мавқеи он дар муносибат бо воқеаву рӯйдодҳои мухталифи ҷаҳон тавассути барномаҳои англисиву русӣ аст. Аз ин хотир, қисми бештари вақти эфири ин шабака ба барномаҳои тоҷикӣ ихтисос дода шудааст. Барномаи хабарии шабака, ки дар забони тоҷикӣ «Хабар», дар забони англисӣ «News» ва дар забони русӣ «Новости» ном дорад, ҳар ним соат пахш мегардад. Агар дар соати муайян барномаи тоҷикӣ пешниҳод шавад, дар ду нимсоатаи оянда аввал «News», баъд «Новости» пахш мегардад. Яъне, ба як барномаи хабарӣ бо забони англисиву русӣ ду барномаи «Хабар»-и тоҷикӣ рост меояд. Дар як рӯз аз ин шабака ба ҳисоби миёна ҳудуди бештар аз 30 дақиқа барномаи хабарии асли русӣ ва бештар аз 30 дақиқа барномаи хабарии асли англисӣ пешниҳод мегардад. Аз ин бармеояд, ки аз 24 соати вақти эфири шабака танҳо 4 соати онро барномаҳои хабарии англисиву русӣ ташкил медодаанд, яъне аз шаш як ҳиссаи маҷмӯи барномаҳо бо забони хориҷӣ ва панҷ ҳиссаи боқимонда бо забони тоҷикӣ мебошанд.

Барномаи дигари хабарие, ки аз шабакаи «Ҷаҳоннамо» дар фосилаи вақти миёни барномаҳои «Хабар», «News» ва «Новости» пахш мегардад, «Дунё» мебошад. Агар се барномаи аслии хабариро бо се забон наттоқҳо дар эфир пешниҳод кунанд, «Дунё» рӯйдодҳои ҷаҳонро фаро гирифта, танҳо бо забони тоҷикӣ ва бидуни ҳузури наттоқ дар эфир намоиш дода мешавад, яъне дар ин барнома танҳо навору овоз истифода мегардад. Вале хабарҳои ин барнома ҳамон хабарҳои ҷахониянд, ки тавассути натоқҳо дар барномаи «Хабар» расонида мешаванд, албатта бо каме тағйир ва илова. Ҳаҷми умумии барномаҳои хабарие, ки давоми шабонарӯз бо забони тоҷикӣ пешниҳод мегарданд, ба ҳисоби миёна 12 соатро ташкил медиҳанд, ки аз он ба ҳисоби миёна тақрибан 4 соаташ барномаҳои асл аст. Агар аз

24 соат тақрибан 16 соати он аз барномаи хабарӣ иборат бошад, 8 соати боқимондаро барномаҳои таҳлиливу сиёсӣ, фарҳангиву маърифатӣ ва суҳбатҳо ташкил медиҳад, ки дар фосилаи миёни барномаҳои «Хабар», «News», «Новости» ва «Дунё» пахш мешаванд.

Дар амалия аксаран иттилоот бо сабки пирамидаи чаппа таҳия карда мешавад, ки он нишонрас ва диққатҷалбкунанда мегардад. Яъне, дар аввали хабар бояд иттилои муҳим гуфта шавад. Дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» аксар хабарҳо бо ин сабк навишта мешаванд. Сабаб дар он аст, ки ин хабарҳо дар асл ба усули «пирамидаи чаппа» таҳия гардида, дар телевизионҳои хориҷӣ пахш шудаанд. Хабарҳои мазкурро аз ин расонаҳо гирифта, ба тоҷикӣ тарҷума мекунанд. Дар хабар навигарӣ бояд дар мадди аввал истад. Агар он дар мобайн ё охир оварда шавад, қувваи муассири хабар суст мешавад. «Хабар бояд аз ибтидо то ба интиҳо таъсирбахш бошад ва таваҷҷӯҳи бинандаро то ба охир ҷалб карда тавонад» [77,с.22]. Ҳамчунин, хабар кӯтоҳбаёниро тақозо мекунад. Муҳаққиқи шведӣ Эрик Фихтелиус дар китоби худ «Даҳ қоидаи журналистика» менависад, ки журналист ҳамон вақт касбӣ шинохта мешавад, ки ӯ се унсури асосии навишти матнро риоя кунад. «Кӯтоҳӣ, дақиқият ва бетарафӣ асоси илми журналистикаро ташкил медиҳад. Иттилое, ки пешниҳоди аудитория мегардад, бояд ба андозаи лозимӣ кӯтоҳ ва санҷидашуда бошад. Барои журналистони телевизиону радио кӯтоҳбаёнӣ аҳамияти махсус дорад» [112, с.47].

Барои намуна дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» аз 28 ҳодисаи намоиш дода шуда, ҳамаи онҳо дар жанри хабар омода шуда будаанд. Бинанда дар барномаҳои хабарии телевизиони «Ҷаҳоннамо» танҳо маълумоти кӯтоҳеро оид ба воқеаҳои рӯйдода дарёфт мекунад ва шарҳи бештари онҳо тавассути барномаҳои алоҳида ба монанди «Тафсири рӯз» пешниҳод мегардад. Бинобар ин иттилооти ҷаҳонӣ аслан аз шабакаҳои телеви- зионии «Euronews»-и Аврупо, «RBK» ва «Россия 24»-и Россия, «BBC Persian»-и

Британия, «Хабар»-и ҶИЭ, «Ориёно» -и ҶИА гирифта шуда, дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» пахш мешаванд. Ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз 20 ҳодисаи ҷаҳонӣ аз телевизионҳои номбаршуда дар барномаҳои хабарии телевизиони «Ҷаҳоннамо» инъикоси худро меёбанд.

Аксари хабару гузоришҳои барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон чунин сар мешаванд: «Дирӯз дар пойтахти кишварамон…», «Тавре иттилоъ дода будем, дирӯз…», «Қаблан, дар нишасти хабарӣ…» ва ғайр. Бо ин тарз пешниҳод кардани мавод ҳусни хабарро коҳиш дода, фаврияти онро зери шубҳа қарор медиҳад, аз ҳама муҳим бинанда аз шунидани давоми гап худдорӣ мекунад. Мақсади хубу зарурӣ, ки аз ин ахбор дар назар буд, ҳосил нашуда мемонад.

«Телевизион дар системаи сиёсии ҷомеа ва низоми муносибатҳои сиёсӣ вазифаҳои муайянеро ба ҷо меорад. Дар шароити ҳозира таъсиррасонии он ба шуури ҷамъиятӣ ва афкори умум» [119, с.49] дар мисолҳои гуногун тасдиқ мегарданд. Барои бинандаи телевизион ахбори саҳеҳу саривақтӣ ва навтарин дар бораи авзои иҷтимоию сиёсии кишвар натиҷаҳои тараққиёти иқтисодӣ, сатҳи бекорӣ, камбизоатӣ, ҳолати муҳоҷират, ҳаёти сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайра бештар диққатҷалбкунандаанд. Аз тарафи дигар роҳбарони мақомоти давлатӣ мекушанд, ки хабарҳоеро интишор намоянд, ки ба фоидаи онҳост ва баҳри ташвиқу тарғиби фаъолияти онҳо хизмат менамоянд. «Таъсири телевизион ба раванди сиёсӣ» [38,с.92], махсусан маъракаҳои интихоботӣ торафт меафзояд. Мусаллам аст, ки дар ҳар системаи сиёсӣ аз маҷмуи намоиш- ҳои телевизион бо мақсади сиёсии давлат истифода мешавад. Онҳо ҳам рӯҳи сиёсии он кишварро ифода мекунанд. Аммо масъалаҳои сиёсии ба таври равшан тарзе дар боло дидем аз намоишҳои хабарӣ ва инчунин аз намоишҳои таҳлилии сиёсӣ пайдо мешаванд.

Баррасии масоили сиёсӣ дар телевизион, монанди ҳар расонаи дигар ниёз ба озодии баён, огоҳӣ аз таҳаввулот, шаффофияти хабаррасонӣ ва

касбияти журналист дорад. Журналистикаи сиёсиро дар кишвари мо метавон яке аз бахшҳое номид, ки танҳо пас аз Истиқлолият рушд кард. Дар замони Шуравӣ ҳамаи телевизионҳо аз марказӣ (Масква) то ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ сиёсат ва сиёсати хориҷиро аз як манбаъ – ТАСС инъикос мекард. Аммо дар замони Истиқлол имкони шарҳи мавзуъҳои сиёсӣ ба сурати муфассал ба вуҷуд омад ва дар телевизион ҳам ба монанди матбуот шарҳи мавзуъҳои дохиливу хориҷӣ ривоҷ ёфт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ҳамкориҳои хешро бо кишварҳову созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба роҳ монда, муносибатҳоро дар ин самт дар арсаи муносибатҳои байналхалқӣ интихоб намуд. Пешравии раванди ҷаҳонишавӣ, рӯз то рӯз наздик шудани кишварҳо ба якдигар ва таъсиргузориву таъсирпазирии дуҷонибаи онҳо баҳси сиёсиро чи дар равобити хориҷӣ ва чи дар арсаи сиёсати дохилӣ барои телевизион муҳимтару ҳассостар аз гузашта мекунад. Дар арсаи дохилӣ кишвари мо даргири масоили муҳими сиёсие аз қабили ҷанг, музокира, сулҳ, баҳамоии нерӯҳои мухталиф, ваҳдат, давлатсозӣ, тақвияти пояҳои ҳокимият, муайян кардани марз бо ҳамсоягон, ҳалли ихтилофот ва амсоли он гардид. Дар арсаи хориҷӣ бошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф яке аз кишварҳои фаъол дар арсаи сиёсати минтақаву ҷаҳон гардида, аз тарафи дигар дар минтақае ҷойгир шудааст, ки ҳама гуна таҳаввулоти минтақа ва ҷаҳон ба навъе ба равандҳои сиёсии дохили он таъсир мегузоранд. Аз ин рӯ, иттилооти сиёсӣ ҳам дар телевизион ҷойгоҳи махсусро касб карданд.

Пайдоиши телевизионҳои соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозои замони нав, замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Телевизиони «Ҷаҳоннамо» ҳамчун телевизиони иттилоотӣ дар фазои Тоҷикистон бо барномаҳои хабарии хоси худ аз воқеаву рӯйдодҳои муҳими ҷомеа буда, шаҳрвандони ҷумҳуриро сари вақт огоҳ мекунад. Имкониятҳои таъсиррасонии телевизион ба ҷомеа хеле зиёд аст ва вобаста

ба он телевизион вазифаҳои иттилоотрасонӣ, фарҳангӣ – фароғатӣ, интерактивӣ, иҷтимоӣ – педагогӣ, ташкилотчигӣ, маърифатӣ ва рекреативӣ мегирад.

Вазифаи аввалиндараҷаи ҳама васоити ахбори умум – матбуот (рӯзномаву маҷалла), радио, телевизион, Интернет, гуфтугӯйи байниҳамдигарӣ, алоқаи телефонӣ – расонидани хабарҳои муҳимтарини ҷаҳону мамлакат ба ҷомеа мебошад. Имкониятҳои ба таври фаврӣ ва бо фарогирии васеъ амал кардани телевизиону радио ба ин мақсад мувофиқ аст. Худи иттилоот маънои васеътар пайдо мекунад: ҳар рӯз бо навигариҳои иқтисод, сиёсат, ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатии худ ва ҷаҳон маълумот гирифтан меъёри муқаррарии рӯзгори одамон шудааст. Аз ин ҷост, ки барномаҳои иттилоотӣ асоси барномасозии телевизион гардида, намоишҳои дигари иҷтимоӣ, фарҳангӣ, варзишӣ дар фосилаи байни барномаи ахбор ҷой мегиранд. Таваҷҷӯҳи ҳассоси тамошобинон ба ҳодисаҳои муҳимтарини замон – низоҳои мусаллаҳона, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва ғайра бештар аст.

Навгониҳои ҳаёт ва ҳолати ҷаҳон мувофиқи қойида, на ба мақсади тарғиботи идеологӣ, балки барои расонидани хабари фаврӣ истифода мешаванд. Вале байни мусибатҳо бояд хати равшане бошад, ки тамошобинро хаставу рӯҳафтода нагардонад. Бинобар ин, хабари чораҳои фаврии андешидаи ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳам барои бартараф кардани фалокатҳо муҳим аст. Талаботи асосӣ барои иттилоот – объективӣ будан, муносибати холисона ва беғаразона доштан мебошад. Ба воситаи иваз кардани ҳолат ҳар як ҳодисаро ба мақсади сиёсӣ истифода бурдан мумкин аст. Имрӯз мардум тақрибан 15 фоизи иттилоотро аз радио, 30 фоиз аз газетаҳо, 9 фоиз аз маҷаллаҳо, 1 фоиз аз гуфтугӯйҳои шахсию робитаҳои телефонӣ ва 90 фоиз аз телевизион мегиранд. Муҳаққиқ А.Моль мегӯяд, ки «Воситаҳои ахбори умум иттилоотро ба воситаи расонаҳои худ ба шуури мо ҷой дода, маънавиёт, фарҳанг ва иҷтимоёти ҳар

яки моро идора мекунанд, ба воқеаҳо, шахсиятҳо ва идеяҳои алоҳида аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд, ҳамаи он чизе ки ба канали иттилоотӣ намеафтад, барои ҷомеа чизи камаҳамият ва дуюмдараҷа мешавад. Бинобар ин, бисёр касони бомаърифат дар Ғарб ба ВАО бовар намекунанд ва чунин мешуморанд, ки иттилооти ҳаррӯзаи васоити ахбори умум барои сиёсати давлат ва олигархия хидмат мекунад» [42, с. 4].

Журналистика дар телевизион ба хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ ҷудо мешавад. Ин се тарзи азхудкунии маводи ҳаётӣ бо се гурӯҳи жанрҳо инъикоси худро меёбанд. Аз ин рӯ, журналистикаи телевизион берун аз системаи жанрӣ вуҷуд дошта наметавонад. Фаҳмиши ҷиддии жанрҳо аз касбияти журналист дарак медиҳад.

Ба жанрҳои иттилоотии телевизионӣ хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж дохил мешаванд. Хусусияти хоси ахбори телевизионӣ дар он аст, ки ягон ахбори матбуотӣ ва ё радиоӣ ба он баробар шуда наметавонад. Чунки он на танҳо бинандаро бо воқеаи рухдода мустақиман пайванд мекунад, балки иштирокчии бевосита мегардонад. Ба ибораи дигар тамоми бинандаҳои худро шояд садҳо нафарро аз ин рӯйдод бохабар намуда, ба андеша намудан водор мекунад. Ҳарчанд ки дар матбуот ва радио низ ахбор қиммати бузургро молик мебошад, вале ба ҳадди телевизион нест.

Ҳама гуна фаъолияти инсон, ҳар як касб аз чизи оддие оғоз шуда, оҳиста-оҳиста суфта гардида, ба ҳунари касбӣ мерасад. Касби журналистӣ аз мушоҳидакорӣ сар мешавад. Ягон чизи аҷоиберо дидан, ягон чизи то ҳол номаълумро ёфтан, ба чизе бо диққат нигариста ба ёд гирифтан ва кӯтоҳ дар ин бора чизе навиштан ва дар ин бобат хабаре барои васоити ахбори омма омода намудан. Ин алоқаи мантиқӣ аз таркиби «мушоҳида кардан» ва «хабар додан» бармеояд. Аз ин бар меояд, ки хабари кӯтоҳе, ки ягон хел воқеа баён карда мешавад, жанри иттилоотии журналистика мебошад. Ин жанри умумижурналистие аст, ки дар матбуот, радио ва телевизион васеъ истифода мешавад.

Табиати инсон чунин аст, ки мехоҳад аз дигарон пештар аз навигариву ҳодисаву воқеаҳо бохабар гардад. Имрӯз тавассути моҳвора барномаҳои телевизионҳои мамлакатҳои гуногунро дидан имконпазир шудааст, ҳар шахс аз ин каналҳои зиёд ба худ маъқулашро интихоб намуда, дар соатҳои муайян онро тамошо мекунад, ташнагии иттилоотии худро мешиканад.

Вале бояд иқрор шуд, дар Тоҷикистон на ҳама ин хел имкониятро доранд. Чуноне ки истифодаи интернет низ на ба ҳама имконпазир аст. То ба имрӯз, мутассифона, аксарияти бинандаҳои Тоҷикистон ахбори муҳими ҷаҳониро тавассути каналҳои «ОРТ»ва «РТР»-и Русия тамошо мекунанд. Дар барномаи «Ахбор» ва «Хабар»-и телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» ин сужетҳо айнан тарҷума ва бо планҳои такрор пӯшонда шуда, ба эфир дода мешаванд. Бадии кор дар он аст, ки ин сужетҳоро журналистони телевизионҳои Русия ва дигар каналҳои хориҷӣ омода мекунанд, ки он оё аз рӯйи мавқеъ ва идеалогияи давлат, ҳизб ва мазҳаби мо мувофиқ аст ё не.

Барои чӣ инсон аз байни васоити ахбори омма аз ҳама бештар ба телевизион таваҷҷӯҳ дорад? Вақти зиёди худро ба тамошои он сарф мекунад? Барои он ки инсон ба иттилоот ниёз дорад. Иттилоот барои дар ҳаёти ҳаррӯза мавқеи лозимаро соҳиб гаштани инсон чун обу ҳаво зарур аст. «Навигариҳо ин моҷарои пуртуғёни иттилооти ҳаррӯза аст, ки донистани он шахсро бохабар аз воқеаҳо, ҳатто иштирокчии ҷараёни рӯйдоди он тасаввур кунонида, дар ниҳояти кор инсонро ба эминият аз содир намудани хатоӣ ва эҳтиёткорона рафтор намудан водор менамояд» [69, с.47].

«Ҷаҳони муосирро ҷаҳони иттилоотӣ мегӯянд, ки воқеан дуруст аст. Марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеаро бе иштироки воситаҳои ахбори омма тасаввур кардан амри маҳол аст. Бахусус воситаҳои электронии ахборро. Асри XX ва аввали асри XXI барои мардуми тоҷик, миллати

бонангу номуси он чун давраи худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву ватандорӣ, давлатдориву шоҳкориҳо, созандагиву ваҳдатофарӣ абадан нақш хоҳад баст. Телевизион чун муъҷизаи нимаи дуюми асри XX ба ҳаёти мардуми тоҷик ворид шуд, ки дар фарҳанги тоҷикон воқеаи нодир маҳсуб мешуд. 3 октябри соли 1959 барои халқи тоҷик рӯзи фаромӯшношуданӣ буда, Тоҷикистон соҳиби «Оинаи нилгун»-и худ гардид. 60 сол муқаддам телевизиони Тоҷикистон таъсис ёфт ва ба сифати як дастгоҳи муқтадири таблиғотӣ ба аҳолии кишвар хизмат менамуду менамояд» [135, с.398]. Ба ягон кас пӯшида нест, ки асри XX ва асри XXI асри илму техника ва пешрафту тарақиёт буд ва мебошад. Дар ин соҳои тулонӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯшд ва тараққӣ карда рӯз то рӯз навигариҳои зиёд пайдо гардидааст. Аз ин қабил телевизион дар ин давраҳо рушд ва таҳаввул ёфта дар хонадони ҳар як тоҷикистонӣ нақши бориз гузошт, зеро ягон хонадоне нест, ки барномаҳои телевизионро тамошо намекарда бошад, ҳама аудитория шабакаи дӯстдор ва барномаҳои дилписанд доранд, ки онҳоро интизор гардида дар вақтҳои муайян тамошо менамоянд.

«Дар ҳама жанрҳои журналистикаи телевизион баромад истифода мешавад. Баромад дар шакли монолог ҷузъи муҳими жанрҳои телевизионӣ буда, он васеъ истифода мешавад. Баромад дар жанрҳои хабар, ҳисобот, репортаж, тафсир, нигориш ва мухбирнома васеъ истифода гардида, дар жанрҳои боқимонда аҳён-аҳён дучор меояд. Ҳамагуна муроҷиати инсон ба оммаи мардум аз тариқи экрани телевизион, вақте ки ин одам объекти асосии пешниҳод аст, баромад дар кадр мебошад» [68, с.126]. Дар телевизион баромад намудан ин кори салҳу осон нест, бояд шахсе баромад намояд, ки аз жанрҳои журналистикаи телевизион бохабар бошад ва онҳоро бо талаботҳояш риоя намояд чун як жанр ба жанри дигар омехта нагардад ва то мазмуни барномаро гум накунад.

«Раванди фаъолияти журналистӣ аз интихоби предмети инъикос, яъне мавзуъ шуруъ мегардад. Пас аз интихоби мавзуъ журналист паи

ҷамъоварии мавод мешавад. Маводро аз куҷо ҷамъ мекунад? Албата аз олами муосир, аз зиндагии воқеӣ, аз ҳаёти ҳаррӯза. Бале, дар маҷмуъ манбаи ахбору маълумоти журналистӣ ҳаёти рӯзмарраи иҷтимоӣ аст. Воқеаҳои дар зиндагии ҳарӯза рухдиҳандаро аз рӯи тавлид ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

- рӯйдодҳое, ки худ аз худ ба амал меоянд, ба мисли офатҳои табиӣ ва баъзе ҳодисаҳои нохуш;
- чорабиниҳои нақшавӣ, амсоли ҷаласаҳо ва нишастҳои хабарӣ»

[57, с.31]. Яъне журналисти телевизион кӯшиш ба харҷ диҳад, ки аз рӯйдодҳои муҳим саривақт бохабар гардаду аз дигарон пештар дар ин бобат иттилоот диҳад.

«Ҳар гуна объект ва ё субъект, ки аз он дар бораи ҳодисаву рӯйдод, зуҳуроту факт ва амсоли ин иттилооту маълумот гирифтан мумкин аст, метавонад манбаи иттилоот бошад. Дар журналистика вобаста ба хусусияти иттилоотӣ, иҷтимоӣ се типи сарчашмаи ахборро муайян кардаанд, ки инҳоянд: ҳуҷҷат, инсон ва ашёву предметҳои муҳит. Вобаста ба ин дар фаъолияти журналистӣ се усули анъанавии ҷамъоварӣ ва омӯзиши иттилоот: ҳуҷҷат-омӯзиши ҳуҷҷат; инсон-пурсиш; ашёву предметҳо-мушоҳида маълум аст» [57, с.31].

Дар ҷаҳони имрӯза иттилоот моли камёфт нест, аммо дар дастрасии он нақши журналист муҳимтар аст. Имрӯз журналистон имкон доранд, ки аз манбаъҳои гуногун-идораи нашрия, ҳамкорон, барномаҳои иттилоотии телевизион, интернет, хадамоти матбуотӣ ва амсоли инҳо ахбору маълумот гиранд. Ба иборае имрӯз низоми иттилоотрасонӣ барои журналистон ҳаматарафа кофӣ аст.

«Ҳама чиз андозае дорад. Журналисти навқалам бояд бидонад, ки факту навигариҳои мусбат ба хонанда таъсири нек мерасонанд ва дар зиндагӣ некбин буданро дар онҳо мепарваранд, дили мардумро ба зиндагӣ гарм месозанд, ҳисси ватанпарварии онҳоро бедор мекунанд. Навигариҳои

танқидӣ низ заруранд, агар онҳо воқеӣ бошанд, ислоҳи он бо ҷамъият фоидаовар бошад, эродгириҳо муҳиму принсипалӣ бошанд. Зеро яке аз принсипҳои муҳимтарини журналистика инсондӯстӣ аст, ки журналист дар ин маврид ҳамчун ҳимоягари манфиатҳои иҷтимоии мардум, ҳуқуқ ва озодии шахс баромад мекунад» [74, с.17].

Барои шарҳи гуфтаҳо ба мисоли мушаххас муроҷиат менамоем: Репортажи Муҳаммадмусои Идрис, ки наттоқ онро гузориш меномад, чунин композитсия дорад:

Паси кадр:

Сокини шаҳри Истиқлол Анатол Маҷелски, маъюб аст, панҷсол мешавад, яккаву танҳо мондааст. Ба ӯ дар кори бори рӯзгор рубучин ва пухтани хурок кормандони маркази хизматрасонӣ ба пирону эҳтиёҷмандони бахши ҳифзи иҷтимоии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истиқлол кумак мерасонанд. Ин марказ моҳи июни соли равон ба фаъолият пардохта панҷ нафар мутахассисон ба кор ҷалб карда шуданд.

Синхрон: мудири бахши ҳифзи иҷтимоии ш.Истиқлол Абдуғафури Абдураҳмон:

Дар шаҳр 1068 нафақахӯрон буда, аз инҳо 251 нафарашон маъюбон мебошанд, 37-нафарашон маъюбони то 18-сола мебошанд, 57-нафар шахсони яккаву танҳо аст. Нафақапулӣ ва кумакпулӣ дар вақташ пардохт карда мешаванд. Ҳар ид онҳо кумакҳои моддӣ аз тарафи соҳибкорон, аз тарафи шахсони

саховатманд ҷудо карда мешавад ба оилаи ниёзманд.Ҳамин сол боз ду нафар оилаи камбизоат, ки фарзандонашон маъюб буданд, аз тарафи соҳибкор тӯи домоду арусӣ гузаронида шуд.

Паси кадр:

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ таъкид гардидааст, ки мо дар оянда низ ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз ҷумла ғамхорӣ дар ҳаққи гурӯҳи осебпазири аҳолӣ дар навбати аввал ятимону маъюбон, шахсони бесаробонмондаю эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадоронро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим меҳисобем. Дар вилояти Суғд чор марказҳои минтақавӣ-хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон бо фарогири 170 нафар эҳтиёҷмандон амал мекунад. Гузориши Обидҷон Каримӣ ва Равшани Мирзоёр» [163].

Инро дар телевизион репортаж меноманд, ки аслан хато аст. Зоҳир нагардидани журналист дар кадр (стенд-ап) ва мустақиман пешниҳод нагардидани воқеа хусусияти жанрии маводро аз репортаж дида ба хабари васеъ наздик кардааст.

Ҳисобот ҳам чун репортаж дар бораи воқеаҳо навишта мешавад ва бисёр вақт ҳисоботро чун репортаж муаррифӣ кардан мехоҳанд. «Репортаж дар бораи воқеае навишта мешавад, ки дар амал, дар ҳаракат зоҳир мешаванд. Аммо воқеаҳои ҳисобот дар сухан ифода меёбанд» [102,с.34]. Бисёре аз репортажҳо ҷараёни як воқеаро дар муддати маҳдуде нишон медиҳанд, ки чӣ ҳодиса ва чӣ гуна рӯй дод ва ин тасвир ба нақли шоҳидон

ва мулоҳизаҳои репортёр пурра карда мешавад, ки дар ин «репортаж» умуман дида намешавад ва оне, ки наттоқ онро гузориш эълон мекунад, хатои маҳз аст.

Мисол:

«Видеонавор:

Хиёбону бозорҳои шаҳри Душанбе

Журналист тариқи стенд-ап

дар кадр:

Дар бозорҳои мамлакат маҳсулоти ниёзи аввал фаровон аст. Таи зиёда аз ду моҳ мешавад, ки вируси нави коронавирус боиси ташвиши сокинони аксар кишварҳои олам гардидааст. Хушбахтона то ҳол дар қаламвари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати сироятёби ба ин вирус ба қайд гирифта нашудааст ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолӣ тибқи супориши роҳбари олии мамлакат дар ин самт тамоми тадбирҳоро амалӣ менамояд.

СНХ Мирҳамуддин Камолзода

муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи

иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон бо мақсади муоинаи ҳамаи бемориҳои сироятӣ миқдори зарурии доруворӣ, маводҳои безараргардонӣ ва маводҳои муҳофизатӣ, ки зарур мебошанд, омода гардидааст.

Наворҳо аз бозори «Меҳргон»-и

ш. Душанбе.

Дар пайи сару садоҳои бардуруғи ворид-шавии коронавирус ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 5-уми марти соли равон иддае сокинони мамлакат аз нофаҳмӣ сӯи бозор ва дигар нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ниёзи аввал аз ҷумла нуқтаҳои фурӯши орд шитоб намуда, ин маҳсулотро аз меъёр зиёд харидорӣ намуданд. Аллакай чунин ҳолат дар бозорҳои пойтахт кам мушоҳида мешавад. Дар ин баробар масъулони бозорҳои мамлакат аз ҷумла бозори «Меҳргон» ба сокинону меҳмонони мамлакат муроҷиат намуда чунин изҳор менамояд.

СНХ Ҳалим Хушвахтзода

директори бозори «Меҳргон»: Имрӯз роҳбарияти бозори «Меҳргон» бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати шаҳри Душанбе тамоми чораҳоро баҳри муҳайё намудан ва фаровон намудани маҳсулоти ниёзи мардум равона карда истодааст. Мо бо боварии комил гуфта метавонем, ки тамоми мардуми шаҳрро бо маҳсулоти ниёзи аввал таъмин карда истода то мардум омада метавонад харид карда аз бозор равад. Имрӯз дар бозор вазъи муътадил аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ бо мақсади фаровони истеъмоли аҳолии

мамлакат барномаҳои гуногуни давлатиро намудааст. Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз стратегияи давлату ҳукумати кишвар маҳсуб ёфта.

Наворҳо аз бозор дар вақти фурӯши нонҳо.

Журналист:

Дар паи овозаҳои бардуруғ шахсони манфиатҷӯ, боиси сарсонию саргардонии зиёди иддае сокинони мамлакат гардид. Фурӯшандагони бозори «Меҳргон» иброз медоранд, ки шаҳрвандони мамлакат бояд ба овозаҳои беасос бовар накарда, баръакс ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд.

СНХ С.Қурбонова:

Ман дар ин рӯзҳо ҳеҷ ба таҳлука наафтидам барои он, ки ман боварии комил дорам, ки дар Тоҷикистони азизам ҳеҷ гоҳ моро дар ҳолатҳои ногувор намегузоранд. Бинобар ин ман омадам, ки аз китобхона китоб харидорӣ намоям ба фарзандонам, зеро китоб ин ганҷи пурбаҳост, вақте, ки одам фарзандашро дар рӯҳияи инсондӯстӣ ватанпарварӣ тарбия менамояд, китоб мехарад ба китобхонӣ водор месозад фарзандашро аз ӯ фарзандҳои хуб ба воя мерасад.

Журналист тариқи стенд-ап дар кадр:

Ба маълумоти шаҳрвандони мамлакат расонида мешавад, ки дар паи хуруҷи бемории каронавирус дар ҳама гузаргоҳҳои сарҳадии мамлакат ситоди доимамалкунанда ташкил карда шудаст, ки дар он шаҳрвандони хориҷӣ вориди Тоҷикистон мешаванд ҳарорати бадани онҳо тариқи ҳавосанҷҳои фосилавӣ санҷида шуда, дар ҳолати мушоҳида шудани нишонаҳои ин беморӣ ба карантин фаро гирифта мешаванд. Ба аҳолии кишвар тавсия дода мешавад, ки муваққатан дар ҷойҳои оммавӣ, дар чорабиниҳои оммавӣ ширкат наварзанд ё ин ки гигиенаи шахсиро риоя намоянд. Бояд як чизро фаромӯш накард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ягон давру замон мардуми хешро дар канор нагузоштааст ва баҳри таъмини зиндагии шоистаи аҳоли мамлакат саъю талоши бесобиқа анҷом медиҳад. Имрӯз 6-уми марти соли 2020 аст, тавре мушоҳида мешавад сокинони пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе аз паи кору фаъолияти хеш равона ҳастанд. Илҳом Ализода, Суҳроб Назарзода Душанбе «Ҷаҳоннамо» [169].

Репортажи омоданамудаи журналистони телевизионии «Ҷаҳоннамо» аз хиёбону бозорҳои шаҳри Душанбе омода гардидааст, ки дар ҳамин вақту замонҳо бемори каронавирус яъне «Covid -19» ҷаҳонро фаро гирифта буд, ҳама халқу миллатҳо дар тарсу ҳарос буданд. Бисёр шахсҳо аз ин бемори ҷон бохтанд. Кормандони ВАО кӯшиш менамуданд, ки бо барномаҳои диданибоб ва тавсияҳои муфид онҳоро ошно созанд. То дар

таҳлука наафтанд ва ба овозаҳои бардуруғ дода нашаванд. Ин репортажи саривақтӣ аст, ки барои пешгирии ҳолатҳои зарурӣ таҳия карда шудааст. Вақте ки журналист бевосита аз бозор вобаста ба мавзуъ тариқи стенд-ап сухан мегӯяд, боварибахш ва нишонрас мебошад.

«Студия.

Баранда дар кадр: Ҷашни Наврӯз баъди байналмилалӣ гаштан дар тамоми гушаву канори дунё таҷлил карда мешавад. Ҳоло мутаваҷҷеҳ шавед ба гузориши ҳамкоронамон аз ҷашнгирии Наврӯз дар Созмони Милали Муттаҳид аз шаҳри Ню- Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.

Журналист дар кадр тариқи стенд-ап:

22 март дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар Ню-Йорк (ИМА) Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ироқ, Туркманистон, Туркия ва Ӯзбекистон чорабинии идонаи маҷозиро бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз баргузор намуданд.

Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид Ҷонибек Ҳикмат дар ин ҳамоиш ширкат варзида, аз таърих ва аҳаммияти ин ҷашни ниёгон барои эҳё ва ҳифзи ҳуввият ва арзишҳои миллии Тоҷикистон ва минтақа ибрози андеша намуда, аз ҷумла чунин гуфт:

Синхрони намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар Созмони Милали
Муттаҳид Ҷонибек
Ҳикмат:

Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимаи мардуми орионнажод мебошад, ки таърихи 6 ҳазор сола дорад. Ин соли нав, рӯзи нав мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта мешавад. Дар ин рӯз ҳама хурду калон шодиву хурсандӣ карда, ҳамдигарро табрик мегӯянд. Дар ин рӯз таъомҳои махсуси наврӯзӣ ба монанди ҳафт сину ҳафт шин, махсусан суманак омода карда манзури меҳмонон гардонида мешавад.

Ман аз фурсати муносиб истифода бурда, аз номи мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми мардуми дунёро табрик гуфта, ба ҳама сулҳу ваҳдат, дӯстиву бародарӣ ва пешравиҳоро хоҳонам. Наврӯз муборак бошад!

Видеонавор:
Лаҳзаҳо аз ҷараёни ҷашнгирии Наврӯз дар Созмони Милали Муттаҳид...

Журналист аз паси кард:

Дабири кулли СММ Антониу Гутерреш, Раиси иҷлосияи 76-уми Маҷмаи Умумии СММ Абдулло Шоҳид, Раиси Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ Коллен Виксен Келапиле ва

> сафирони кишварҳои узви СММ дар чорабинии мазкур иштирок карда, кишварҳои ҳавзаи Наврӯзро бо ин ид табрик намуданд» [170].

Ин маводи телевизионӣ дар жанри репортаж, дар намуди репортажи сабтшуда таҳия шуда, ба талаботи жанрӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Маводи иттилоотӣ дар жанри репортажи сабтшуда аз хориҷи кишвар иттилоъ медиҳад, ки яке аз идҳои суннатии тоҷикон «Наврӯз» дар Созмони Милали Муттаҳид ҷашн гирифта шудааст. Тавассути ин рӯйдоди муҳими фарҳангӣ аз фарҳанги қадимаи мо мардуми мамлакатҳои хориҷӣ огоҳӣ пайдо мекунанд, бо иштироки намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Миллали Муттаҳид Ҷонибек Ҳикмат. Бинанда дар баробари шунидан боз навори рафти чорабиниро бо иштироки намояндагони давлатҳо мебинад. Наворро матн пурра кардааст. Дар инҷо хусусияти хоси журналистикаи телевизион зоҳир мегардад. Бинандаи телевизион имкон дорад, ки наворро дида, дар баробари он матнро шунида, аз рӯйдоди муҳими фарҳангӣ огоҳӣ ёбад.

Ингуна репортажҳоро дар шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» вохӯрдан мумкин аст, аммо хеле кам. Ҳол он ки маҳз бо истифода аз жанри репортаж  дар мавзуъҳои муҳим сюжетҳои зарурро таҳия намудан ба манфиати кор хоҳад буд. Чи қадаре, ки дар барномаҳои иттилоотӣ аз жанри репортаж бисёртар истифода бурда шавад, ҳамон қадар барномаи иттилоотӣ рангоранг ва диққатҷалбкунанда гардида, мавқеи жанри репортаж баланд мегардад.

## 2.3. Таҳлили таносуби истифодаи репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»

Яке аз барномаҳои калонҳаҷми телевизиони «Тоҷикистон» ин барномаи иттилоотии «Ахбор» ва аз телевизиони «Ҷаҳоннамо» ин барномаи иттилооти «Хабар» мебошад, ки дар як шабонарӯз панҷ маротиба бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, узбекӣ ва рӯзҳои шанбе бо забони арабӣ  ба эфир дода мешаванд, ки дар онҳо  ҳама жанрҳои иттилоотӣ истифода мешаванд. Телевизионро бе барномаҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро рӯйдодҳои муҳимро тавассути ин барномаҳо инъикос менамоянд. «Дар телевизион ду тарзи пешниҳоди маводи телевизионӣ истифода мегардад. Якум намоиши пурра сабт карда шуда, дуюм намоиши мустақим пешниҳодшаванда. Дар байни воситаҳои ахбори омма шакли пешниҳоди мустақими барнома бештар ба телевизион хос мебошад. Табиати телевизион, ки навори табииро бештар меписандад, диққати бинандаро намоиши мустақим дарҳол ба худ ҷалб мекунад» [70, с.128].

Воқеан ба рушду такомули васоитҳои коммуникатсионӣ ва васеъ гардидани муносиботи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву ҳунарӣ иттилоот ба воситаи муқтадири тарғибу ташвиқ ва амалӣ намудани ҳадафҳои гуногун табдил ёфт. Агар дар даврони  Шуравӣ ҳамагӣ як телевизиони умумиҷумҳуриявӣ фаъолият менамуд ва аудитория ҳамчун қабулкунандаи иттилоот маҳсуб меёфт, имрӯз ба бо даст овардани Истиқлолияти давлатӣ функсияҳои ВАО васеъ гардида, мавқеи аудитория ва журналист дар ёфтани мавзуъ ва пахши барномаи иттилоотӣ мувозӣ шудааст.

«Журналистони телевизиону радио бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯ бо-шанд, пайи сабту танзими барнома шабурӯз банд шаванд, ба сафарҳои эҷодӣ бароянд, бинобар ин барои ба бинандаи телевизион ва шунавандаи

радио барномаи омода кардаи онҳоро ровиён (наттоқон) ё барандаҳои барномаҳои муайян мерасонанд. Вазифаи аслии ровӣ (наттоқ) хонда додани матни омода кардаи мухбирон ва муҳаррирон мебошад. Ҳамин вазифаро баранда низ иҷро мекунад, вале дар айни замон вай ҳуқуқ дорад, ки матнро озодона пешкаши мухлисон намояд, яъне, ки то андозае онро тағйир диҳад, бо забони ба худаш хос гӯяд, гоҳо мавқеи худро дар баҳодиҳӣ муайян кунад, бо эҳсос қироат кунад. Дар барномаи «Ахбор», ки одатан таттоқ ва ровиро талаб мекунад, барои ба ҳама далелу ҳодисаҳо муайян кардани мавқеъ ва баҳо додан фурсат камӣ мекунад, аммо каме бо маҳорати махсуси актёрӣ расонидани маълумот барои тамошобин барномаро дилчаспу рангин ва боварибахш менамояд.

Дар телевизиони муосир мавқеи наттоқи оддӣ то рафт кам меша- вад. Ҷои онро бештар ровии озодона шарҳдиҳанда мегирад, ки бештар писанди мухлисон мегардад. Муқоиса кунед, ки барномаҳои «Ахбор» ва ҷамъбасти ҳафтаинаи онро барандагони кордидаи телевизион Насиба Ғуломова ва Ёрмаҳмад Самадов чӣ тавр мебаранд ва наттоқони оддӣ чӣ гуна пешкаш мекунанд. Дар барномаи «Субҳ» низ айнан чунин ҳодиса рух медиҳад. Вақти барандагии журналистон вай боварибахштар ва беҳтар қабул мегардад.

Гап дар бораи матн равад, на наттоқ ва на ровӣ муаллифи комили матни барнома нест, онро шояд 5-6 нафар омода карда бошанд, аммо нақши ровӣ дар маҷмӯъ бо баҳодиҳӣ, маҳорати актёрии махсус, услуби ягонаи мухбири дорои забони фасеҳ, нутқи хуб дар муваффақияти барнома калон мешавад.

Ровӣ на танҳо дар барномаи «Ахбор», балки дар бисёр барномаҳои дигар низ, ки табиати аз сарчашмаҳои гуногун расонидани иттилоотро доранд, калон мебошгад: видеоканалҳо ё барнома-маҷаллаи телевизионии соҳавӣ, ки якбора аз чанд корхона, чанд театр, чанд китобхона, чанд рӯйдоди як ҷода - варзиш, кино, мусиқӣ ва ғайра маълумот мерасонанд, зиёд аст» [42,с.9]. Журналистон ҳамеша бояд дар такопу бошанд, то

тавонанд бо барномаҳои хубу ҷолиб ба хонадони ҳар як бинанда ворид гардида, мавқеашро устувор гардонад то натавонад аз ин шабака ба шабакаи дигар гузарад.

«Иттилоъ ҳамчун маҳак ва муҳимтарин василаи фаъолияти расонаҳо мавқеи махсусеро дорост ва айният аст, ки ҳеҷ иттилое бидуни мақсад пахш намегардад. Ҳатто интихоб ва шеваи пешниҳоди хабари маъмулӣ низ ҳадафнок аст. Яъне, кадом хабар ва чӣ гуна пахш шудани он низ барои расонаҳо муҳим аст. Инро мо дар мисоли ахбори ҳамарӯзаи расонаҳо ва шеваи муносибат ба онҳо мебинем. Тавассути технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар фурсати ниҳоят кӯтоҳ ба тамоми олам паҳн гардидани иттилоъ имконияти дигарест, ки аз ҷониби соҳиби расонаҳо ҳадафмандона истифода мешавад» [140, с.308]. Албатта ягон иттилоъ бе мақсад пахш намегардад он ҳама иттилоотҳое, ки дар ҳама расонаҳо таҳия ва пахш мешаванд, онҳо ба ҷомеа тааллуқ доранд. То ки тавонанд шунаванда бинанда ва хонандаи худро бо иттилои тоза ошно созанд.

Дастрасии пайвастаи иттилои иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву маданӣ қисми таркибии ҳаёти мардум мебошад ва барои журналистони телевизион масъулияти дучанд – ҳам сареъбаёнӣ ва ҳам ҷозибиятнокии тарзи ифода пеш омадааст. Дар фаъолияти телевизиони тоҷик низ гузариш ба журналистикаи интерактивӣ (дар фаъолияти журналистикаи интерактивӣ бинанда ҳамчун объекти қабули таъсири иртибот, балки субъекти ҷараёни барнома маҳсуб меёбад) идома дошта, барои қарори андешаи худ ба дигарон чӣ гуфтан не, балки чӣ гуна гуфтан аҳамият пайдо мекунад ва дар айни замон доираи қабулкунандагони маводи иттилоотӣ рӯз то рӯз васеъ мегардад.

Барномаҳои иттилоотии телевизионӣ вобаста ба мақсаду нақшаи муассисон ҷиҳати муаррифӣ ва таблиғи ҳадафҳои гуногун нақши аввалиндараҷа доранд. Дар барномаҳои иттилоотӣ жанрҳои хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж истифода мешаванд, ки вақтҳои охир дар

таҳияи онҳо сареъият ва воқеияти оҷилӣ аввалиндараҷа дониста мешаванд. Қолабҳои маъмули пахши барномаҳои иттилоотӣ, ки асосҳои назариявии илми журналистика онҳоро ба танзим медарорад, дар доираи жанрҳои хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж таҳия мегарданд. Кори эҷодии телевизион, ки аз техника вобастагии калон дорад, агар лаҳзае аз кор барояд ё гӯянда хатогие содир намояд, яъне ба ҷои матни пешкашгаштаи паси навор шитобкорона матни дигареро ё ҷумлаи дигареро қироат кунад, ки ба навор мувофиқат накунад ё матнро сусттар хонаду дақиқаҳои ҷудокардашуда риоя нашавад ва ё дар натиҷа охири сухани наттоқ бурида шавад, ё дар экран аз рӯи матн ба шахси муайян ишора кунаду ба ҷойи он шахси дигаре пайдо шавад, ё субтитрҳои навиштаҷоти шиносоӣ баромадкунандаҳо муайян набошад ва ғайраҳо он гоҳ коргардон ва дигар кормандони муттасаддӣ ҳеҷ аст. Бинобар ба коргардон ва дигар кормандони эҷодӣ ва техникӣ нисбати пахши барномаҳо омодагии ҳаматарафа зарур аст.

Дар телевизиони «Тоҷикистон» ва телевизиони «Ҷаҳоннамо» дар самти инъикоси иттилоотии сиёсати дохилии Тоҷикистон асосан чунин мавзуъҳо баррасӣ шудаанд: сафарҳои дохилии роҳбари давлат ва мулоқот бо аҳолӣ, ҷамъомадҳо, маҷлисҳо ва ҷашнҳо бо ҳузури роҳбари давлат, шарҳи рӯйдодҳои муҳим дар сиёсати дохилӣ, қонуну қарорҳои нави ҳукумат, сиёсати созандагию бунёдкорӣ, истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, тавзеҳи ҳадафҳои стратегӣ, истиқлолият, арзишҳои миллӣ, ойини ватандӯстӣ, ҳамзистии мусолиматомез, роҳҳои ҳифз ва тақвияти ваҳдати миллӣ, фаъолияти парламент, вазъи экологӣ, паёмадҳои тағирёбии иқлим, ҷойгоҳи ҷавонон, нақши занон, вазъи соҳаи кишоварзӣ, пешрафтҳо ва мушкилоти иқтисодиёт, саноат, технология, ислоҳоти соҳаи маориф, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, самтҳои муҳоҷират, ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон, вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва амсоли он.

Жанри репортажи барномаҳои хабарӣ дар телевизион бештар дар мавзуъҳои сиёсат, экология, иҷтимоиёту мушкилот мебошад, ки дар он ҳамаи намудҳои техникаи муосир, аз баландгӯяк то алоқаи маҳворавӣ истифода мешаванд. Дар қатори гузоришҳои хабарӣ дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» кам нестанд он гузоришҳое, ки дорои хислати таҳлиливу таҳқиқотӣ мебошад. Аммо мавзуи баҳс ин аст, ки ин гузоришҳо чи гуна омода мешаванд? Бояд гуфт, ки мухбирони ин шабака ҳам на дар ҳама ҳолат ҷузъиёти жанри репортажи телевизиониро ба пуррагӣ ба кор мебаранд. Нахуст ҷузъиётеро, ки тибқи талаботи байналмилалӣ ба репортажи телевизионӣ хос медонанд, зикр менамоем: лаҳзаҳои асосӣ (интершум); матни паси навор (журналист); синхрон; стенд-ап.

Дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» воқеан хабарнигороне ҳастанд, ки ба таври доимӣ аз ин унсурҳо истифода мебаранд ва баъзе репортажҳояшонро метавон дар радифи репортажҳои хуб ҷой дод. Масалан, чунин репортёрон дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» Далер Иброҳимов, Парвиз Аминов мебошанд. Аз ҷумла, аксари репортажҳои хабарнигор Далер Иброҳимов аз репортажҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки дорои интершум ва таҳлилҳои амиқ ҳастанд. Илова бар ин, тарзи воридшавии ӯ ба мавзуъ ҳам хеле ҷолиб аст. Аксар репортажҳо бо садои табиӣ аз ҷойи ҳодиса ё худ садои қаҳрамон оғоз мешаванд ва мавзуъ ҳам бо шиносоӣ шудани қаҳрамон аз ҷониби журналист оғоз мегардад.

Аз омӯзишҳо бармеояд, ки дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» жанри репортажро дар мавридҳои хос – инъикоси мушкилот, таҷлили чорабиниҳои умумимиллӣ, ифтитоҳи иншоот ва комплексҳои сохтмони бузург ва монанди ин истифода менамоянд. Ҳол он, ки журналистон метавонанд аз ҷойи офатҳои табиӣ, ҳатто баъди рух додани онҳо репортаж таҳия намуда ба бинандагон пешниҳод намоянд. Чунки ҳама мехоҳад, ки ҷойи бавуқуъ омадаи офатҳои табиӣ, хисороти ин офати

табиӣ ва корҳои барқарорсозии онро бо чашмони худ бубинад. Инро аз ҳама беҳтар дар жанри репортажи телевизионӣ метавон инъикос намуд.

Дар хулоса зикр кардан лозим аст, ки телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» барои ба завқи тамошобинон мувофиқ гардонидани намоишҳо, барои ҳаматарафа инъикос кардани рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ талош карда, аз жанрҳои иттилоотие истифода мекунанд, ки рӯйдодҳои муҳимро ҷолиб баён карда тавонанд. Дар ин бобат таваҷҷуҳ ба жанри репортаж, мусоҳиба ва хабар зиёдтар аст. Зеро ин жанрҳо се вазифаи муҳимро баён мекунанд: навигариро хабардор мекунанд, ҷиҳатҳои муҳими навигариро нишон медиҳанд ва андешаи одамонро дар бораи навигарӣ изҳор медоранд.

Жанрҳое, ки имрӯз шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон ба кор мегиранд, агарчи дар анъанаи пештараанд, аммо бо сабабҳои навгонии технологии телевизионӣ, озодии баён, омӯхтани фаъолияти ҳамкасбони хориҷӣ таҳаввулоте пайдо кардаанд ва ин бештар ба таъҷилию ҷолиб будан ва гуногунандешӣ доштани онҳо, зиёд шудани навигарию зиёд шудани «ман»-и журналистӣ, ба миён омадани навъҳои гуногуни ин жанрҳо муайян мешаванд.

Барномаи «Ахбор» аз телевизиони «Тоҷикистон» ҳамарӯза пахш мегардад, ки бо садои натток ба бинанда расонида мешавад, ки дар он асосан жанрҳои иттилоотиро дидан мумкин аст.

Дар ҳама жанрҳои журналистикаи телевизион баромад истифода мешавад. Баромад дар шакли монолог ҷузъи муҳими жанрҳои телевизионӣ буда, он васеъ истифода мешавад. Баромад дар жанрҳои хабар, ҳисобот, репортаж, тафсир, нигориш ва мухбирнома васеъ истифода гардида, аз жанрҳои боқимонда аҳён-аҳён дучор меояд.

Ҳамагуна муроҷиатҳои инсон ба омма объекти асоси пешниҳод аст, баромад дар кадр мебошад. «Баромад ин жанр набуда, балки шакл, тарзи ба бинанда пешниҳод намудани хабар аст» [102, с. 179]. Яъне иттилоъ,

шарҳ, тавсир, андеша ва дигар намудҳои суханрониро бо баромад пешниҳоди бинандагон намудан дар телевизион дар тамоми жанрҳо мумкин аст. «Аз иттилои хабари кӯтоҳ (хабари таъҷилии журналист аз ҷойи воқеа) то филми мустанад, ки дар он баромади инсон истифода мегардад, ин ҳама баромад дар кадр аст. Баромад агар берун аз студия бошад, метавонад, бо кадрҳои кино-видеоӣ, суратҳо, маводи графикӣ, ҳуҷҷатҳо пӯшонда шавад. Баромад ҳамчун яке аз намудҳои санъати наттоқӣ аз замонҳои қадим маълум буда, то ба имрӯз ҳамчун воситаи пурқуввати таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ истифода мешавад» [76, с.126 ].

«Видеонавор:

Мусиқи садо медиҳад номи барнома намудор мегардад.

Журналист дар студия:

Нашри навбатии барномаи иттилоотии «Хабар» аст мустақиман аз телевизиони «Ҷаҳоннамо» баргузор мегардад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Фаронса озод намудани Назаров. Мутобиқи моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам Назаров Обидҷон Темуриён бинобар сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Фаронса озод карда шавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шаҳри Душанбе 13.01.2018.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи раиси вилояти Суғд озод намудани Абдураҳмон Қодирӣ. Мутобиқи моддаи 69-и Констуттсияи Ҷумҳури Тоҷикистон фармон медиҳам. Абдураҳмон Қодирӣ бинобар сабаби ба нафақа баромаданаш аз вазифаи раиси вилояти Суғд озод карда шавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шаҳри Душанбе 13.01.2018.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои аз вазифаи раиси Кумитаи идораи давлати замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Аҳмадзода мутобиқи моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам Аҳмадзода Раҷабой бинобар сабаби ба кори дигар гузштанаш аз вазифаи Кумитаи идораи давлатии замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шаҳри Душанбе 13.01.2018.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷроркундаи вазифаи раиси Вилояти Суғд таъин намудани Аҳмадзода мутобиқи моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳад

Аҳмадзода Раҷаббой иҷрокунандаи вазифаи раиси вилояти Суғд таъин карда шавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шаҳри Душанбе 13.01.2018.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи раиси Кумитаи идораи замин ва геодезияи Тоҷикистон таъин намудани Ҳакимзода мутобиқи моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам Ҳакимзода Қурбон раиси Кумитаи давлати идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шаҳри Душанбе 13.01.2018.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикис- тон аз 13.01.2018 дар бораи раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон таъин намудани Комилзода. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад Комилзода Фарҳод раиси бехата- рии озуқаворӣи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад. Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.01.2018.

Дар бораи аз вазифаи сардори Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тибии

фарматсевтии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Муҳсинзода. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад бо сабаби таҷдиди сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳсинзода Султон Бекмурод аз вазифаи сардори Хадамоти назорати давлатии фавқулодаи тиббии ҳифзи иҷтимоии тандурустии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад. Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Мавзуи дигар. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки соли 2017 нишондодҳои иқтисодии кишвар дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шавад. Суръати рушди воқеии иқтисодиёт ба 7% ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 60 миллиярд баробар гардид. Андешаи чанде нафари сокинони касбу кори гуногуни мамлакат доир ба паҳлӯҳои Паёми пешвои миллат дар таҳияи хабарнигорони минтақавии мо.

Баланд бардоштани сатҳи маърифат ва фарҳанги миллии тоҷик медонем, ки мардуми тоҷик куҳантарин фарҳанги ориёи ғанӣ ва қавӣ дорад бояд мо фарҳангро эҳё кунем. Соли 2018

соли туризм ва соли эҳёи ҳунарҳои мардумӣ. Мо бояд тавре бошем, ки бо симои худ ва чеҳраи худ бо асолати аслии худ. Тоҷикон ҳамон тавр зикр кардам таърихи ғанӣ дораданд бо иқдомҳое, ки Ҷаноби олӣ пешниҳод карданд, мо метавонем асолат ва ҳасти ҳувияти миллии худро нигоҳ дорем. Ҳамон тавре, ки Ҷаноби олӣ фармудан ҳунарҳои халқиро аз тамоми андозҳо ва аз тамоми молиёт озод карданд.

Ин иқдоми хуб барои рушди ин ҳунарҳо ва барои муаррифии тоҷикон дар солҳои баъдӣ хоҳад шуд. Иқдоми мазкур як иқдоми комилан бузург аст. Мебинем рушди саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чигуна аст. Сайёҳ ба ҷое сафар мекунад, ки қисмати нодидани комилан нав бошад.

Барои баланд бардоштни фарҳанги миллӣ мо бояд ҳамеша кӯшиш намоем ки дар дохили кишвар ва берун аз он муаррифӣ намоем. Давлат бидуни фарҳанг вуҷуд дошта наметавонад. Имсол Пешвои муаззами миллат дар паёми хеш қабул намуданд, Солҳои рушди сайёҳӣ ва фарҳанги миллӣ ин аз он шаҳодат медиҳад, ки фарҳанг ҳастии миллат аст.

Журналист дар студия: Барои дар амал татбиқ намудан дар паёми Пешвои миллат дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Шамсиддини Шоҳини вилояти Хатлон мулоқоти гурӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо сокинон доир гардид. Дар қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонзода Абдуғаффор ва намояндаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо сокинони шаҳр баргузор гардид, ки дар ин ҳамоиш суханҳои муҳими сарвари давлат ба таври муфассал шаҳр дода шуд. Паёми Пешвои миллат нақшаи мукаммал ва роҳнамунсоз буда, пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷаги халқро дар бар мегирад.

Барои дар амал татбиқ намудани паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин бо иштироки гурӯҳи кори Ҳукумати мамлакат Толиб Бухориев ва Тоҷидин Зоиров мулоқот бо сокинони ноҳия баргузор гардид, ки нуқтаҳои заруури паёми Пешвои миллатро ба кормандони ташкилоту сокинон ба таври муфассал баён доштанд.

Журналист дар студия:

Бахши сайёҳии Вилояти автономии куҳистони Бадахшон бо ҳамдастии корхонаҳои ҷамъиятӣ бештари ҷалби саёҳон барномаи навро таҳрезӣ намуданд. Дар доираи барнома ҳамзамон баргузор гардидани фестивалҳои фарҳангиву фароғатӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ барои соли 2018 дар назар гирифта шудааст. Бо мақсади ҷалби

бештари саёҳони хориҷӣ ва ватанӣ ба ҷойҳои тамошобоби ҳудуди Вилояти автономии куҳистони Бадахшон ва муаррифи кардани фарҳанги миллии куҳанбунёди тоҷикон соли 2017 наздики даҳҳо фестивалу намоишҳои фарҳангӣ баргузор гардид.

Журналист дар студия:

Бинандаҳои азиз чунин хабару гузоришҳо то инҷониб буданд, ки дастраси мо гардиданд. Хайр, то нашрҳои баъди моро ҳамроҳ бошед» [172].

Телевизиони «Ҷаҳоннамо» иттилоотӣ буда, сари вақт иттилоотро ба омма мерасонад. Яке аз барномаҳои иттилоотии ин телевизион барномаи «Хабар» мебошад, ки дар як шабонарӯз 5 маротиба пахш мегардад.

Агарчи телевизиони «Тоҷикистон» ва телевизиони «Ҷаҳоннамо» ҳарду давлатианду аз буҷаи давлат маблағгузорӣ мешаванд, аҳдофи онҳо то ҷое аз ҳамдигар фарқ мекунад: «Ҷаҳоннамо» барои бо дидгоҳ ва нуқтаи назари худӣ ба мардуми дохили кишвар пешниҳод кардани рӯйдоду воқеаҳои ҷаҳон таъсис ёфтаасту телевизиони «Тоҷикистон» бошад, бо мақсади боло бурдани обрӯву нуфузи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ва нишон додани симои миллат таъсис ёфтааст. Мавзуъҳои байналмилалӣ дар ҳар ду шабака ба назар расанд ҳам, телевизиони «Ҷаҳоннамо» бештар дар ин масъала фаъол аст. Масалан, пас аз мушоҳидаи тамоми барномаҳои хабарии ҳарду шабакаи телевизионӣ ба хулосае омадем, ки дар интихоби ахбори рӯз ҳам ду шабака ба ҳамдигар монанданд.

Як камбудии дигари маъмули барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ҷумла шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо дар он аст, ки дар иттилоъ аз обуранги бадеӣ истифода мебаранд. Дар иттилоъ истифода кардан аз санъатҳои бадеӣ

комилан мухолифи талаботи жанр аст. Ба ақидаи муҳаққиқ А. А. Тертичний, «Пардозу пургӯии зиёд дар иттилоъ, ки кӯтоҳбаёниро талаб мекунад хоси ин жанр нест ва аз беҳунарии журналист дарак медиҳад» [93, с.69]. Агар дар хабар ба ҷои калима ва ибораҳои оддӣ, ифодаҳои бадеишуда истифода гардад, матн гунг мешавад, воқеаи нав ноаён мемонад. Суханбозӣ қабули матнро низ душвор мекунад. Вале бо чи сабаб бошад, ки ин гуна итилоъҳоро дар инъикоси рӯйдодҳои ҷашнӣ дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» бисёр истифода мешаванд. Шояд мақсадашон бедор кардани ҳаяҷон, таъкид кардани тантана бошад. Вале ин муқобили талаботи жанрист, ки ба зарари кор аст.

«Дар телевизион ду тарзи пешниҳоди маводи телевизионӣ истифода мегардад. Якум намоиши пурра сабт карда шуда, дуюм намоиши мустақим пешниҳодшаванда. Дар байни васоитҳои ахбори омма шакли пешниҳоди мустақими барнома бештар ба телевизион хос мебошад. Табиати телевизион, ки навори табииро бештар меписандад, диққати бинандаро намоиши мустақим дарҳол ба худ ҷалб мекунад.

Хусусиятҳои хоси барномаи мустақими телевизионӣ аз чӣ иборат аст? Пеш аз ҳама дар барномаи мустақим масъулияти баланди баранда ва иштирокчиён эҳсос мегардад. Бинанда дарк мекунад, ки барнома худи ҳамин замон ба эфир рафта истодааст. Чун ки ҳар як калима аз даҳони баранда ва иштирокчиёни барнома бо масъулият, бо андеша, табиӣ баён мегарданд. Дар ҳолати ба ҳаяҷон омадан ва ғалат кардан ҳам, қиммати барнома кам нагашта баракс боварии бинандаро боло мебардорад. Чунки ин ҳолат дар пеши назари бинанда рух медиҳад ва он таваҷҷуҳи бинандаро ба барнома зиёдтар мекунад» [76, с.128]. Дар пешниҳоди маводи телевизионӣ бахусус барномаҳои иттилоотӣ бояд аксаран аз тарзи пешниҳоди мустақим истифода бурдан ба манфиати кор аст. Зеро табиати иттилоот, ки таъҷилан бояд ба бинандагон пахш карда шавад, мустақиман пахш намуданро талаб менамояд.

«Дар фаҳмиши барномаи мустақими телевизионӣ ғалатфаҳмӣ ба назар мерасад. Бе асос барномаи мустақимро жанри алоҳидаи телевизионӣ маънидод намудан мушоҳида мегардад. Ҳоло он ки дар телевизион барномаи мустақим шакл, тарз ва ё намуди пешниҳоди мавод мебошад.

Шакли мустақими пешниҳоди маводи телевизионӣ дар ҳар сеи гурӯҳи жанрҳо: иттилоотӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ истифода мегардад. Намунаи ин барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон», «Навид»-и телевизиони «Сафина», «Хабар»-и телевизиони «Ҷаҳоннамо», «Новости» ва «Время»-и ОРТ, «Вести»-и РТР шуда метавонад. Вале бояд қайд кард, ки баъзе аз ин барномаҳои иттилоотӣ пешакӣ қисман ва ё пурра сабт мегарданд ва он такроран чанд маротиба ба эфир дода мешаванд. Ин дарҳол эҳсос мегардад ва таваҷҷуҳи бинандаро аз худ дур месозад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки вақте ҷараёни рӯйдоди муҳим ба тарзи мустақим пешниҳод мешавад, бинандаи зиёд дорад. Назар ба он ки ин рӯйдод сабт ва танзим карда шуда, дар шакли нисбатан кӯтоҳ пешниҳоди бинанда мегардад.Истифодаи шакли мустақими барнома дар жанрҳои таҳлилӣ барои ба саволҳои бо тариқи телефон, почтаи электронӣ ва SMS дар давоми барнома дохил шудаи бинандагон ҷавоб гуфтан, васеъ истифода бурда мешавад» [76,с.128].

Хулоса, мустақиман ба эфир додани намоиш ва ё барномаи телевизонӣ ин жанри алоҳида набуда, балки шакл, тарз ва намуди пешниҳоди маводи телевизионӣ мебошад. Жанрҳои алоҳидаи гурӯҳҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ, ки мустақиман ба бинандагон намоиш дода мешаванд, бештар ҷолиб, тамошобоб ва диққатҷалбкунанда мебароянд. Чунки табиати телевизион маводи табиӣ, ҳозир рӯйдиҳанда, зинда ва ҳақиқиро, ки бо тарзи мустақим пешниҳод мегардад мепарастад. Имконияти мустақиман пахш намудани мавод дар байни воситаҳои ахбори омма танҳо ба телевизион ва радио хос аст.

Аз омӯзиш ва баррасии барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» ва «Хабар»-и телевизиони «Ҷаҳоннамо» ба хулосае омадан мумкин аст, ки журналистони ин шабакаҳои телевизионӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тамоми рӯйдодҳои муҳими кишвар ва ҷаҳонро гирд оварда, ба бинандагони хеш пешниҳод намоянд. Нисбати рӯйдодҳои ватанӣ саривақтӣ хабарҳо пахш карда мешаванд. Вале рӯйдодҳои мамлакатҳои хориҷӣ асосан аз наворҳои шабакаҳои телевизионии мамлакатҳои хориҷӣ гирифташуда, баъди тарҷума пешниҳоди бинандагон гардонида мешаванд. Яъне дар навори рӯйдодҳои хориҷӣ журналистони мо иштирок намекунанд. Пешниҳоди ҳар як хабари муҳим аз тарафи журналисти хориҷӣ вобаста аст ба ҷаҳонбинӣ, фаҳмиш ва манфиати воситаи ахбори мамлакати истеҳсолкунандаи ахбор. Аз ин рӯ, то чи андоза ингуна хабарҳо дар замони ҷанги иттилоотии имрӯза ба манфиати мамлака- ти мо ва аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда метавонад. Бинобарон вақти он расидааст, ки мисли мамлакатҳои пешқадами дунё мо хабарнигорони хешро, ки забонҳои хориҷиро донанд омода намуда, ба ин мамлакатҳо фиристем, то ки аз он ҷо ахбори лозимиро журналистони худамон тайёр намуда, барои пахш дар воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон фиристанд.

Дигар ин, ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки барномаҳои иттилоотии ин ду шабака асосан дар сабти пешакӣ омода карда мешаванд ва хабарҳо такрор ва фақат наттоқон иваз карда мешаванду халос. Ҳол он ки мувофиқи талаботи касбӣ бояд тамоми барномаҳои иттилоотӣ дар шакли мустақим пешниҳоди бинанда карда шаванд.

«Мутаассифона таҷрибаи телевизионӣ дигар гузоришҳои сохтаро медонад, ки гузоришдиҳанда ба ин ё он сабаб дар вақти воқеа ҳузур надорад, лекин кӯшиш мекунад, ки бо роҳи сохта онро ҷо ба ҷо намояд» [39, с.239]. Мо ба хулосае омадем, ки имрӯз дар телевизиони «Тоҷикистон» ва телевизиони «Ҷаҳоннамо» мавқеи жанри репортаж камназир ба назар

мерасад зеро гузоришро репортаж меноманд, ки ин ғалат аст. Бояд репортаж аз ҷойи воқеа бо иштироки журналист таҳия гардад. Ҳама он маводи иттилоотии тариқи барномаҳои хабарӣ пешниҳодшавандаи ин ду шабакаи телевизионӣ, ки бо эълони барандаи он гузориш номида мешаванд, аслан дар қолаби жанри ҳисобот таҳия шудаанд ва онро репортаж гуфтан ғалати маҳз мебошад. Зеро яке аз махсусияти хоси репортаж иттилоърасонии журналист аз ҷои рӯйдоди муҳим ба тариқи стенд-ап мебошад, ки ин ҳолатро мо дар гузоришҳо дида наметавонем.

Дар телевизионҳои тоҷик бисёр барномаҳоро дар вақти ба эфир додан жанри онро омехта мекунанд, ки яке аз ин хатофаҳмиҳо байни жанри репортажу ҳисобот мебошад. Мисол: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки ҳама сола баргузор мегардад.

| | |
|---|---|
| «Видеонавор.<br>Ворид гардидани Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар толори Кохи Сомон. Садо додани гимни миллӣ. | Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!<br>Ҳамватанони азиз!<br>Соли 2018 бо муҳиму хотирмони худ барои мардуми шарифи Тоҷикис Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқ-лоли тоҷикон соли воқеан таърихи буд. Бисту дуюми марти соли ҷорӣ дар Рӯзи байналмилалии захира-ҳои об татбиқи ташаббуси чоруми ҷаҳонии мо дар соҳаи об – «Даҳсо- |

лаи байналмилалии амал «Об
барои рушди устувор, солҳои 2018-
2028» бо иштироки Роҳбари дав-
лат дар Маҷмаи умумии Созмони
Милали Муттаҳид расман оғоз
гардид.
Дар шароити тағйирёбии иқлим, ки масъалаи ҳифзи манбаъҳо ва захираҳои оби тозаи ошомиданӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст, Тоҷикистон дар ин самт ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Ба кор андохтани агрегати якуми нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», яъне иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон, ки ба шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми шарифу заҳматқарини тоҷик амалӣ гардид, ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ - истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад» [153].

Мо инро репортаж гуфта наметавонем, чун ки талаботи жанри репортаж чунин аст, ки бояд журналист дар даст микрафон дар ҷой ҳодиса қарор дошта бошад бо стенд-ап онро оғоз намояд. Ин Паём дар жанри ҳисобот ба бинандагон пешниҳод мегардад, ки аз аввал то ба охир он

мустақиман нишон дода мешавад. Хабарнигорон чунин шурӯъ менамоянд, ки гузориши ҳамкорамон дар ин мавзуъ.

«Бинобар ин, ҳар яки мо - роҳбарони тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва кулли хизматчиёни давлатӣ бояд ба халқ содиқона хизмат кунем, на халқ ба мо.

Яъне мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, ба халқи азизамон содиқонаву самимона ва бо виҷдони пок хизмат кунем, нақшаҳои бунёдкоронаи худро сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонем.

Мо бояд ташаббускор бошем, тамоми кӯшишу ғайрат, донишу малака ва қобилияти ташкилотчигии худро барои раҳнамоӣ кардани мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа ба корҳои ободонӣ сафарбар намоем.

Мо бояд аз истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ шукрона кунем, шукронаи Ватани соҳибихтиёру маҳбубамонро ба ҷо орем, онро сидқан дӯст дорем, ба давлати соҳибистиқлоламон содиқ бошем, ҳамаи саъю талоши худро ба хотири пешрафтаву нерӯманд гардонидани он ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистони азизамон равона кунем.

Ин аст, муроҷиати ман ба шумо
мардуми азизу шарафманди Тоҷикисто
вакилони мақоми олии қонунгузори мамлака
аъзои Ҳукумат ва кулли хизматчиёни давлатӣ!

Ба ҳар кадоми шумо, вакилони хал
ҳозирини гиромӣ ва кулли мардуми шари
Тоҷикистон саодати рӯзгор ва барори кор
комёбӣ орзумандам!

Ҳамеша сарфарозу сарбаланд боше
ҳамватанони азиз» [153].

Мо интихоб намудем, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомал Раҳмонро ки ҳамасола пешниҳоди халқу миллат мегардад, ки дар як с навоварию, чи мушкилиҳо сипарӣ гардидаанд. Пешвои муаззами миллат нисба давлат ва аҳолиаш меҳрубон буда, ҳамеша онҳоро ба оромию осоиштаг кишвар сулҳу амонӣ даъват намуда, ба онҳо пайваста таъкид мекунанд, ки аз и неъматҳои бебаҳо самаранок истифода намоянд.

Дар телевизиони «Тоҷикистон» ва телевизиони «Ҷаҳоннамо» репортаж жанри аз ҳама камистеъмолтарин ба шумор меравад. Рӯйдоду воқеаҳои рӯз дар ин ду шабака, махсусан телевизиони «Ҷаҳоннамо», ки иттилоотӣ аст, қабл аз ҳама мебоист дар қолаби ин жанр инъикос карда мешуданд. Аммо истифодаи ҷузъиёти жанр дар репортажҳои ду шабака махсусият ва фарқияти худро дорад. Дар ҳар ду шабака навъи дуюми репортаж - таҳриршуда бештар ба назар мерасад, мухбирони он ба ҷойи ҳодиса рафта, ҷараёни онро ба навор мегиранд ва ба студия омада, репортаж омода месозанд. Барои мустақиман аз ҷойи ҳодиса гузориш додан телевизиони «Ҷаҳоннамо» имкони техникиии лозимаро надорад. Телевизиони «Тоҷикистон» ҳам чунин ҳолатро дорад, аммо чун ин шабака асосӣ аст, имконияти техникиаш бештар мебошад ва ҳангоми баргузории чорабиниҳои муҳими сиёсии ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар қаламрави

кишвар мустақиман пахш мешавад. Масалан, мухбирони ин шабака дар Рӯзи модарон, ҷашни байналмилалии Наврӯз, рӯзи Ваҳдати миллӣ, Истиқлолият, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра мустақиман гузориш медиҳанд, зеро ин рӯйдодҳо мустақиман пахш мешаванд. Азбаски телевизион василаи дидании ахбор аст, репортаж ҳам аз жанрҳои диданист, аз ибтидои пайдоиши телевизион аксари жанрҳои хабарии телевизион ба ҷуз хабар бо номи «репортаж» ва ё «гузориш» ёдоварӣ мешаванд, ки ин ғалатфаҳмӣ аст.

Дар телевизиони «Тоҷикистон» ва телевизиони «Ҷаҳоннамо» репортаж бештар дар инъикоси масоили дохили кишвар ба кор бурда мешавад. Аммо гап дар он аст, ки дар телевизиони «Тоҷикистон» имконият бештар аст, яъне онҳо, ки дар шаҳри Маскав бунгоҳи хабарӣ доранд, метавонанд махсус аз он ҷо репортаж омода намоянд. Вале ин гуна репортажҳо ягон маротиба ба назар мерасанд, дигари онҳо аз дохиланд ва на ҳамаи репортажҳои ин шабака ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Маълум аст, ки «дар бисёр ҳолат ба чи гунагии тасвир ва таъсири репортаж оғози он вобаста аст» [52,с.174]. Барои рангин ва ҷозиб шудани репортаж онро аз тасвири воқеа оғоз мекунанд ва ба ин восита бинанда, шунаванда ва хонандаро ба фаҳми он омода менамоянд. Тасвир дар ин ҳолат метавонад манзараи табиат, фазои воқеа, рӯҳияи иштирокчиёни воқеа ва дигар ҷузъиёти ба ин монанд бошад. Аммо барои инро нишон додан на ҳамавақт репортёр муваффақ мегардад.

Хулоса, аз омӯзишҳо бармеояд, ки дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» жанри репортажро дар мавридҳои хос – инъикоси мушкилот, таҷлили чорабиниҳои умумимиллӣ, ифтитоҳи иншоот ва комплексҳои сохтмони бузург ва монанди ин истифода менамоянду халос. Ҳол он ки репортажро бештар истифода бурда, сафи тамошобинони телевизионро зиёд намудан мумкин аст. Барномаи иттилоотиро бидуни

жанри репортаж тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро жанри репортаж аз жанрҳои асосии барномаи иттилоотии телевизион ба ҳисоб меравад.

Барои омода намудани репортажи ҷавобгӯ ба талаботи ин жанр ҳарду шабакаи таҳлилшудаистода айни замон дасткӯтоҳанд. Аммо як нуқтаро мебояд қайд намуд, ки шабакаи телевизиони «Ҷаҳоннамо» нисбат ба телевизиони «Тоҷикистон» дар инъикоси рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ пешсаф мебошад, ки ин аз телевизиони соҳавии иттилоотӣ будан ва барои бештар расонидани иттилоот таъсис дода шуданаш дарак медиҳад. Яъне таъсиси телевизионҳои соҳавӣ дар ҷумҳурӣ бо шарофати соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таъсиси телевизиони иттилоотии «Ҷаҳоннамо» саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мешавад. Зеро дар замони пурталотуми ҷаҳонишавӣ иттилоот ба яроқи асосии замон табдил ёфтааст. Кишваре, ки воситаҳои ахбори оммааш иттилооти муҳимро саривақт дастрас ва ба аҳолиаш таъҷилӣ пахш мекунад пешсаф ва рушдкунанда ба ҳисоб меравад.

# ХУЛОСА

Телевизион чунин воситаи ахбор аст, ки ҳам бо навор ва ҳам бо сухан ба бинанда таъсир мерасонад. Чи гуна истифода шудани ақида, шакл, жанр ва усуле, ки журналистон ба кор мебаранд, барои ауди- торияи телевизион, аз омилҳои таъсиррасон ва муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро дар шароите, ки на танҳо дар байни воситаҳои гуногунравияи ахбор, балки дар як шакли воситаи ахбор масалан, телевизион ҳам рақобат мавҷуд аст, масъалаи дастрасӣ ба аудитория аз вазифаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Телевизиони «Тоҷикистон» бо мақсади барномаҳои иттилоотии хешро таъҷилӣ ба бинандагон пешниҳод намудан ва фазои иттилоотии ҷумҳуриро аз тасарруфи шабакаҳои телевизиони кишварҳои хориҷӣ наҷот додан ва иҷрои вазифаи асосии хеш – иттилоърасонӣ қадамҳои устувор гузошта, дар ин асос ба шаклу мазмуну муҳтавои жанрии барномаҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳ мекунад.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар солҳои истиқлолият, махсусан дар асри оғози XXI намоишҳои телевизиони тоҷик хеле сифатан беҳтар шуда, омилу эфектҳои техникӣ ва касбӣ муассиртар истифода мешавад. Телевизион аз воситае, ки ба шакли умум инъикос мекард ба воситае табдил ёфтааст, ки дар он равишҳои инфиродии хос мустаҳкамтар ҷой гирифтаанд. Намоишҳои коллективӣ мисли ахбор, намоишҳои инфиродӣ мисли табсира ва мусоҳибаҳо, намоишҳои рӯзмарра мисли репортаж то рафт зиёдтар ба шахси муаллиф такя мекунанд.

Дар пажӯҳиш муайян шуд, ки дар ҷараёни таҳияи барномаҳои иттилоотӣ аз жанри репортаж кам истифода гардидааст. Бо ин сабаб мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии мавриди таҳқиқ ноустувор ба мушоҳида мерасад. Инчунин дар инъикоси махсусан хабарҳои хориҷӣ камбудиҳое ба назар мерасанд, ки онҳо аз омилҳои зерин вобастаанд: надоштани журналистони забондон дар

хориҷа, омода набудани идораҳои иттилоотии телевизион ба усули муосири хабарнависӣ ва тиҷоратӣ шудани телевизион.

Таҳқиқ нишон дод, ки журналистони барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» ва «Хабар»-и телевизиони «Ҷаҳоннамо» жанри репортажро чун жанри асосии телевизион махсусан мустақиман кам истифода мебаранд, ки ҷойи ин жанрро жанри ҳисобот (гузориш) бештар гирифта, ҳатто ҷойи дигар жанрҳоро ба мисли мусоҳибаву хабарро танг кардааст.

Пажӯҳиш муайян кард, ки дар телевизион дар риояи талаботи жанр, он дуруст интихоб карда намешавад, гоҳо бо муаррифии хабар репортаж пахш мешаваду гоҳе бо эълони репортаж аз ҷониби натток хабар расонида мешавад. Жанри репортаж дар бисёре аз намоишҳо хусусияти зиёди хабаррасонӣ пайдо мекунад. Ин аз он сабаб аст, ки аксаран репортажҳо навори кам доранд, бо сухан оғоз меёбанду бо сухан хатм мешаванд. Дар онҳо асли воқеа кам нишон дода мешавад. Дар ин маврид нодуруст истифода бурдани факту ақида ба мушоҳида мерасад. Аксаран ақида, нуқтаи назар ва мавқеи репортёр бо факту рақами зарурӣ исбот карда намешавад.

Дар барномаҳои иттилоотӣ мавзуъҳои такрорӣ зиёданд. Ин диққатҷалбкунанда нест. Ҳангоме ки талаботи бинандагон аз иттилоърасонии телевизиони ватанӣ қонеъ нест, онҳо иттилооти зарурии хешро аз шабакаҳои телевизионии мамлакатҳои хориҷӣ мегиранд. Шабакаҳои телевизиони ватанӣ бояд имконияти ҷалби тамошобинро дошта бошанд, ба ҳадде ки зарурати муроҷиат ба телевизионҳои хориҷӣ боқӣ намонад. Барои ин сифати барномаҳоро ҳам аз нигоҳи техникӣ ва ҳам аз нигоҳи рангорангии шакливу жанрӣ беҳтар кардан, мавзуъҳои нав ба нав ёфтан, аз таблиғи оддии ҳамарӯза даст кашида ба барномаҳои ҳаракати бештар дошта, бо инъикоси воқеаҳои ҷомеаи истеҳсолӣ ва шаҳрвандӣ, ба таблиғи образҳои шахсиятҳо майл кардан ва бо ин баланд

бардоштани мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотӣ зарур мебошад.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки телевизиони «Тоҷикистон» ва телевизиони «Ҷаҳоннамо» дар интихоби мавзуъҳо аксаран якдигарро такрор мекунанд ва бисёр шаклу шеваи намоишҳо қолабӣ шудаанд. Сабаби ин аз як тараф андешаи қолабии роҳбарияти ин шабакаҳо бошад, аз ҷониби дигар, маҳдуд будани ташаббуси эҷодии худи журналистон мебошад. Ҳол он ки имрӯз ҳеҷ кас бинандаро тайёр карда наметавонад, балки ҳар як тамошобин дар телевизион барои ҳар хонанда дар нашрияҳо рақобат ба миён омадааст ва дар ин талошҳо таъмини завқи онҳо аз шартҳои асосии ҷалб шуданашон мебошад. Танҳо имрӯз баъзе кӯшишҳо дар мавриди беҳтар кардани системаи барномаҳои хабарӣ-таҳлилӣ ба мушоҳида мерасаду бас.

Чӣ дар масъалаи касбият ва чӣ дар масъалаи фарогирии фактҳо намоишҳои телевизиони тоҷик беҳбудӣ мехоҳанд, зеро журналистони ин шабакаҳо аз чаҳорчӯбае, ки барои худашон муайян кардаанд ва барои онҳо муайян шудааст, берун рафта наметавонанд ва кӯшиш мекунанд, ки як хати ростро пайгирӣ намуда, дар асоси он сухан гӯянд, ки ин сабаби қолабӣ шудани матн гардидааст.

Дар асоси такя намудан ба асарҳои илмии олимони соҳаи журналистикаи ватаниву хориҷӣ, омӯзиш ва таҳлили барномаҳои иттилоотӣ, бахусус жанри репортаже, ки шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» пахш мекунанд, метавон ба чунин натиҷаҳо расид:

1. Ҳарчанд телевизиони «Тоҷикистон» ҳамчун телевизиони аввалин, асосӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи бойи худ дар таҳияи барномаҳои иттилоотӣ ва истифодаи ҳамаи жанрҳои иттилоотӣ ва бахусус жанри репортаж ҳам дар сабт ва ҳам мустақиман барои дигар шабакаҳои телевизиони соҳавии ватанӣ мактаби омӯзиш бошад ҳам, вале истифодаи жанри репортаж дар ин шабака ангуштшумор аст [1-М].

2. Телевизиони иттилоотии «Ҷаҳоннамо» бо гузариш ба пахши рақамӣ (HD), таҷрибаи пахши барномаҳоро дар ин формат аз барномаҳои иттилоотӣ шурӯъ карда, бо корбурди воситаҳои муосири алоқаи техникӣ: интернет, телефони мобилӣ ва монанди ин ба низоми инкишофи пахши иттилоъ таъсири мусбӣ гузоштааст [2-М].

3. Шабакаи телевизионӣ дар оҷиливу пурраву фаҳмо паҳн кардани хабар нисбат ба матбуоту радио бартарӣ дошта, вобаста ба онҳо муштарии зиёд дорад. Вале ин афзалияту имкониятҳои телевизионӣ дар шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чандон истифода намегарданд [3-М], [8-М].

4. Дар замони муосир, ки бинандагон на танҳо қабулкунандаи ахбор, балки иштирокчии бевосита ба ҳисоб меравад, назди шабакаҳои телевизионӣ талаботи гуногун: пайгирии мавзуъҳои муҳими ватаниву хориҷӣ, инъикоси саривақтии рӯйдодҳои муҳим, муроҷиат ва робита бо қабулкунандагони иттилоот, корбурди сарчашмаҳои асосии хабар ҳамчунин, усулҳои муосири таҳияи мавод ва ғайраро мегузорад [4-М; 6-М].

5. Телевизиони иттилоотии «Ҷаҳоннамо» дар дастрасӣ бо иттилооту маълумоти ватаниву хориҷӣ дар муқоиса бо шабакаҳои телевизионии дигар, аз ҷумла телевизиони «Тоҷикистон» аз бисёр ҷиҳат умумият дошта, бо сабаби шабакаи телевизиони иттилоотӣ будан дар маркази диққати ҳукумати кишвар қарор дорад [1-М; 5-М].

6. Бо рушди босуръати техника ва технологияи соҳаи воситаҳои электронии ахбори омма журналистони телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» марҳила ба марҳила дар истифодаи имкониятҳои техникӣ дар таъҷиливу босифат таҳия намудани барномаҳои иттилоотӣ маҳорати худро ташаккул дода истодаанд [1-М; 7-М].

7. Дар натиҷаи таҳқиқи мавзуи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»

ҷиҳати таҳияи барномаҳои иттилоотии мувофиқ ба талаботи замони муосир метавон тавсия намуд, ки:

- журналистон аз замони оғози фаъолият дар шабакаи телевизионӣ ба соҳаҳои муҳим вобаста ба қобилият ва дараҷаи касбият ҷудо карда шаванд;
- дар шуъбаву факултаҳои журналистии макотиби олӣ донишҷӯёни дар ихтисоси журналистика таҳсилкунанда вобаста ба соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа тарбия карда шаванд;
- фарогирии мавзуъҳо дар таҳияи барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии ватанӣ васеъ карда шаванд;
- дар таҳияи барномаҳои иттилоотӣ аз жанри репортаж (намуди мустақим ва ғайримустақим) васеъ истифода бурда шавад;
- бо саривақт аз рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ дар жанри репортаж таҳия ва пешниҳод намудани иттилоот на фақат обрӯи шабакаҳои телевизиониро боло мебарад, балки барои бинандагоне, ки оҷилӣ аз иттилооти муҳим воқиф мегарданд, пешгирӣ кардан аз фикру ғояҳои хатарнок осон ва баҳри ба созандагиву бунёдкорӣ раҳнамун намудани онҳо сабаб мегардад [1-М; 5-М].

Хулоса, шабакаҳои телевизионии мавриди таҳқиқ: телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» дар самти бо хабарҳои муҳими ватаниву хориҷӣ таъмин намудани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши зиёд мекунанд.Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» ноустувор буда, журналистони ин шабакаҳои телевизионӣ аз ин жанр хеле кам истифода мебаранд, ки ин боиси то андозае якрангу шаблонӣ гардидани барномаҳои иттилоотии ин ду шабакаи телевизионӣ гардидааст.

Пажӯҳиш нишон медиҳад, ки ҳарчанд стандарт ва ё меъёри таҳия ва пахши барномаҳои иттилоотӣ ва махсусан истифодаи жанри репортаж дар он ба мушкилоти гуногун мувоҷеҳ аст, фазои иттилооти тоҷик холӣ нест.

Бо вуҷуди ин ба шабакаҳои телевизионии ватанӣ тавсия карда мешавад, ки барои пурқувват кардани барномаҳои иттилоотии хеш истифодаи жанри репортажро (мустақим ва ғайримустақимро) зиёд намуда, мавқеи онро баланд ва бо ин барномаҳои иттилоотиро нишонрас, рангорангу ҷолиб гардонанд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Чанд пешниҳод барои боло бардоштани мавқеи жанри репортаж ва бо ин беҳтарсозии сифати барномаҳои иттилоотии телевизионӣ:

1. Барномаҳои иттилоотӣ дар тамоми шабакаҳои телевизионӣ бояд мақоми асосӣ дошта бошанд, зеро саривақт ва таъҷилӣ иттилоърасонӣ аз рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ яке аз вазифаҳои асосии шабакаҳои телевизионӣ ба ҳисоб меравад ва ин талабот ҳатмӣ иҷро бояд карда шавад.

2. Дар барномаҳои иттилоотии телевизион гурӯҳи жанрҳои хаба- рии журналистика истифода мегардад, ки дар байни онҳо жанри репортаж мавқеи муҳимро мебозад. Зеро тавассути жанри репортаж аз ҷойи рӯйдоди муҳим журналист таъҷилан хабар дода метавонад. Журналист ба тарзи стенд-ап дар ҷараёни рӯйдод иттилоъ медиҳад, ки онро тариқи дигар жанрҳои иттилоотӣ додан ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, дар барномаҳои иттилоотӣ ҳар чи бештар аз жанрӣ репортаж истифода бояд бурд, то ки барномаҳои иттилоотӣ рангоранг ва диданбоб гарданд.

3.Тақозои ҷаҳонишавӣ аст, ки вобаста ба пешрафти технологияи телевизионӣ бо жанри репортаж аз ҷойи рӯйдоди муҳим журналист мустақиман иттилоъ диҳад, то ки бинанда баробари журналист шоҳиди дарки рӯйдод гардад.

4. Барномаҳои иттилоотиро дар сабти пешакӣ пешниҳоди бинанда кардан қобили қабул нест, зеро бинандаи имрӯза онро эҳсос мекунад. Ҳар як нашри барномаи иттилоотӣ бо навгоние бо мустақиман бурдани барнома аз тарафи баранда пешниҳоди бинандагон гардонида шаванд.

5. Шабакаи телевизионии «Тоҷикистон», ки шабакаи асосӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, бояд бо барномаҳои иттилоотии бештар ба мавзуъҳои сиёсӣ бахшидашуда аз дигар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон фарқ кунад.

6. Шабакаи телевизиони иттилоотии «Ҷаҳоннамо», ки шабакаи телевизиони иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, аз дигар шабакаҳои телевизионии соҳавии ҷумҳурӣ бо пешниҳоди саривақтии ҳарсоатаи мустақими худ ва бештар тариқи репортажҳои мустақим аз рӯйдодҳои муҳими ватаниву хориҷӣ фарқ намояд.

7. Барои амалӣ шудани пешниҳодҳои зикршуда таъмин намудани журналистон бо технологияҳои муосири телевизионӣ бобати таҳияи махсусан репортажҳои мустақим чораҳои зарурии таъҷилӣ андешидани масъулини соҳа муҳим арзёбӣ мегардад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. САНАДҲОИ МЕЪЁРИВУ ҲУҚУҚӢ

1. Конистутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). [Матн] – Душанбе, 2016. – 136 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар ВАО» [Матн] // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013 №3, мод. 201; с.2016, №5, мод.365; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017, №1407).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» [Матн] //(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996, №24, мод. 408; соли 1998., №10.мод 76; соли 1999, №6, мод. 166; соли 2000, №11, мод. 521; соли 2001, №7, мод. 481;соли 2004, №2, мод.39; соли 2006, №4,мод. 197, ҚҶТ аз 22.07.2013 с. №1014; аз 2.01.2019с., №1572).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» [Матн] // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001, №7, мод 503)

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»[Матн] // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.2002, №4, қ.2, мод.320; с. 2012, №7, мод. 698; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., №1164).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» [Матн] // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014, №7, қ. 1, мод. 392; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., №1185; аз 02.01.2020 с., №1664).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»[Матн]// (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2003, №8, мод. 457; с. 2007, №6, мод 432; с.2008, №10, мод. 824; с. 2011, №12, мод. 843; с. 2012, №4, мод.262; с. 2014,№11, мод.672; с. 2015, №3,мод. 224, Қонунҳои ҶТ аз 18.07.2017 с. №1456; аз 18.07.2017с., аз 02.01.2018 с., №1457).

## II. АДАБИЁТИ ИЛМӢ


1. Абдусаломова Р. Телевизион оинаи зиндагист. - Душанбе, 2002, - 144 с.
2. Азимов А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион. - Душанбе, 2013. - 84 с.
3. Ализода С. Маслаки мо ҳақ. – Душанбе, 2007. - 160 с.
4. Бараневич Ю. Д. Жанры радиовещания (проблемы становления, формирования, развития). – Киев- Одесса, 1978.- 320 с.
5. Барманкулов М. Сравнительный анализ жанров. - Алма-Ата, 1975.- 115 с.
6. Богданов Н.Г., Вяземский Б.А. Справочник журналиста.- Лениздат, 1971. – 686 с.
7. Бирюков Н.С. Буржуазное телевидение и его доктрина. – М., 1977. -275 с.
8. Бухарен С. Н., Циганов В.В. Методы и технологии информационных войн. – М., 2007. - 382 с.
9. Васильева Л.А. Делаем новости. Учебное пособие.- М: Аспект-Пресс, 2003. - 243 с.
10. Ворошилов В.В. Журналистика. –М.: Санкт – Петербург, 2004 . – 704 с.
11. Ворошилов В. В. История журналистики зарубежных стран. - СПб, 2000. – 540 с.
12. Ворошилов В.В. Современная пресс-служба. Коммуникация и средство массовой информации.- М., 2009. – 221 с.
13. Володина М.Н. Язык и дискурс СМИ XXI века. –М., 2011. – 326 с.
14. Вулф Т. Новая журналистика и Анталогия новой журналистики. –СПб., 2008. – 457 с.
15. Галина Мельник. Общение в журналистике. - С.Г., 2008. – 238 с.
16. Голядкин Н. А. История отечественного и зарубежного телевидиния. - М., 2004. - 141с.
17. Горохов В.М. Закономерности публицистического творчества.- М., 1975. – 487 с.
18. Гулов С. Амвоҷи сухан. Маҷмӯи мақолаҳо, - Душанбе., 2005.- 96 с.

19. Давронов Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи садо ва симо. – Душанбе, 2007. - 96 с.
20. Дар ҷустуҷӯи ҳақикат. – Душанбе, 2005. – 251 с.
21. Дебора Поттер. Рӯзноманигори мустақил. – Душанбе, 2010
22. Джураев А. Телевидение. Душанбе,1978, - 230 с.
23. Доступ к информации и новые технологии. 12 центроазиацская конфиренция СМИ. – Душанбе, 2010. - 204 с.
24. Дэннис Э., Мэррилл Д. Беседы о Масс – Медиа.- М ., 1997. - 354 с.
25. Егоров В. В. Телевидение: Страницы истории. - М., 2004. - 202с.
26. Журналистика в Таджикистане. –Душанбе, 2000. -136 с.
27. Замони муосир ва журналистика. Материалҳои конфиренсияи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2011. - 166 с.
28. Камолиддинов Б. Сухан гуфтию дурр суфтӣ, ё рӯ ба рӯ бо микрофон. - Душанбе, 2007. - 72 с.
29. Кодола Н. В. Интервью. –М., 2008. -178 с.
30. Корконосенко С.Г. Основы журналистики. – М., 2001. - 287 с.
31. Корконосенко С.Г. Журналистика как информационное явление. – М., 2010. – 278 с.
32. Кройчик Л. Система журналистских жанров. – СПб., 2000. - 470 с.
33. Ким М. Н. Жанры современной журналистики.- СПб., 2004. – 335 с.
34. Ким М. Н. Информационная журналистика. СПб., 2005. – 397 с.
35. Ким М. Н. Новостная журналистика. СПб., 2005. – 397 с.
36. Ким М. Н, Журналистика: методология профессионального творчество. – СПб., 2005. - 246 с.
37. Кузина Е. Б. Практическая логика. – М., 1996. – 359 с.
38. Кузнецов Г. В. ТВ-Журналистика: Критерии профессионализма. - М., 2003. – 220 с.
39. Кузнецов Г. В., Цвик В.А., Юровский А.Я. Телевизионная журналистика. - М., 2002. – 304 с.

40. Кузнецов И. В. История отечественной журналистики (1917-2000). - М., 2003. – 640 с.
41. Кузнецов Г. В. Так работают журналисты ТВ. – М., 2004. – 607 с.
42. Қуддус Ҷумъа. Асосҳои журналистикаи телевизион. – Душанбе. 2008.
43. Қуддус Ҷумъа. Жанрҳои журналистикаи телевизион. – Душанбе, 2003
44. Қудбиддинов А. Воқеияти тасвир. – Душанбе, 2014. - 124 с.
45. Қудбиддинов А. Сиёсати байналхалқӣ ва мавқеъҷӯиҳои Тоҷикистон. //Журналистикаи байналхалқӣ. – Душанбе, 2008. – С. 38- 42.
46. Лазутина Г. Основы творческой деятельности журналиста. – М., 2004. - 240 с.
47. Лебедева Т. В. Жанры радиожурналистики. – Воронеж, 2009. – 142 с.
48. Летунов Ю. А. Что скажешь людям. – М., Мысль, 1980. -189 с.
49. Лукина М. Технология интервью. – М., 2005. - 192 с.
50. Мельник Г. С., Тепляшина А. Н. Основы творческой деятельности журналиста. –СПб., 2004. – 347 с.
51. Мельник Г. Общения в журналистике. - СПб., 2008. - 217 с.
52. Моисеев В. Журналистика и журналисты. - Киев, 2002. - 402 с.
53. Мирзоалӣ С. Хабар: аз Машриқ то ба Мағриб.- Душанбе, 2009.
54. Мирзоев И. Рукни чорум. – Душанбе, 2012. – 268 с.
55. Мироченков В. Природа свежей информации и методи подачи её слушателью. – Киев, 1975. – 26 с.
56. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист. – Душанбе, 2008. – 155 с.
57. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист. – Душанбе, 2014. – 255 с.
58. Муродӣ М., Салимзода О. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2022 – 220 с.
59. Муқим Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ». – Душанбе, 2000. -14**5 с.**

60. Муқим Ҷ. Чаро барномаҳои ахбори телевизион камбинанда аст? Журналистикаи байналхалқӣ IV. Маҷмӯаи мақолаҳо. –Душанбе, 2012. – С. 39.
61. Муқим Ҷ. Проблемаҳои журналистикаи муосир //Журналистикаи байналхалқӣ IV. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2012. – 136 с.
62. Муқим Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он. – Душанбе, 2013. - 160 с.
63. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ. - Душанбе, 2006. - 71 с.
64. Муминджонов З. Жанровые особенности и структура программ Общественной телекомпании «Пойтахт» (1996-2006 гг.). Монография. - Душанбе, 2010. – 187 с.
65. Муъминҷонов З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион. - Душанбе, 2011. – 66 с.
66. Муъминҷонов З. Жанрҳои таҳлилии телевизион. - Душанбе, 2012. – 66 с.
67. Муъминҷонов З. Жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион.- Душанбе, 2013. – 66 с.
68. Муъминҷонов З. Махсусияти жанрҳои иттилоотию таҳлилии телевизион. - Душанбе, 2015. – 120 с.
69. Муъминҷонов З. Телевизиони “Пойтахт” меваи истиқлол. Монография. - Душанбе, 2016. – 135 с.
70. Муъминҷонов З. Жанрҳои журналистикаи телевизион. Душанбе, 2017. – 144 с.
71. Муминджонов З. Эволюция Таджикского телевидения в годы независимости. Монография. - Душанбе, 2021. – 336 с.
72. Муъминҷонов З. Телевизион муъҷизаи аср. - Душанбе, 2023. – 223 с.
73. Нуралиев А. Асосҳои ҳуқуқии журналистика. - Душанбе, 2005. – 203 с.
74. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот. - Душанбе, 2004.
75. Нуралиев А. Саъдуллоев А. Усмонов И. Гулмуродов У. Журналистикаи советии тоҷик. - Душанбе, 1989. – 147 с.

76. Нуралиев А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ. - Душанбе, 2001. - 224 с.

77. Нуралиев А. Н., Брукер Н. И., Афсахзод А. А. Информационные жанры печати. – Душанбе, 2005.

78. Прохоров Е. П. Введение в теорию журналистики. – М., 2002. -322 с.

79. Прохоров Е. П. Журналистика и демократия. - М., 2001.

80. Продсков Г. В.Введение мировой журналистике. – М., 2003. – 462 с.

81. Пронена Е. Е. Психология журналистского творчество. – М., 2006. – 365 с.

82. Пелт В. Д. Информация в газете. - М., 1972.

83. Рагулина Ю. В. Особенности создания и распространения информационных программ телевиденя в условиях эфирной конкуренции// http://www// dslib.net/zhurnalistika/osobennosti-sozdanija-i-raspostranenija-informacion- nyh-programm-televidenija-v.html.

84. Смирнов В. В. Жанры радиожурналистики. – М.: Аспект пресс, 2002. - 329 с.

85. Саъдуллоев А., Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион. – Душанбе, 2010. - 109 с.

86. Саъдуллоев А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио. - Душанбе, 2005. -72 с.

87. Саъдуллоев А., Гулмурод П. Жанрҳои таҳлилии матбуот. - Душанбе, 1994. - 60 с.

88. Саъдуллоев А., Давронов Д., Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист. – Душанбе, 2004. - 171 с.

89. Саъдуллоев А. Наҷвои наҷотофарин (маҷмӯаи мақолаҳо). - Душанбе, 2008.

90. Сано А. Нақши шабакаи чандфарҳангии «Шоу» дар ақалиятҳои миллии Канада. – Душанбе, - 42 с.

91. Стейнли Пол. Телевизионный репортаж. Практическое пособие для профессионалов. Internews network. - Душанбе, 2000. – 284 с.

92. Свинцов В. И. Логика. – М.,1987. – 239 с.
93. Тертычный А. А. Жанры периодической печати. - М.,2002. - 623 с.
94. Телевизионная журналистика.- М., 2002.
95. Трятьяков В. Как стать знаменитым журналистом. – М., 2004.
96. Телевизиони рақамӣ: 25 саволу ҷавоб. – Душанбе, 2013. – 52 с.
97. Уроки Аграновского. – М., 1986.
98. Хоҷазод С. Таърихи Радиои Тоҷикистон. Қ. 1. - Душанбе, 2006. -144 с.
99. Ҳалим Сангин. Ҳунар омӯз... – Душанбе, 2021.
100. Ҳайдаров С. Ҳунари инъикос дар телевизион. Журналистика ва замони муосир (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2013. – 128 с.
101. Усмонов И. К. Дар бораи хислати ВАО-и муосир. /Журналистикаи байналхалқӣ 2. - Душанбе, - 2009,-104 с.
102. Усмонов И. К. Жанрҳои публитсистика. - Душанбе, 2009. - 139 с.
103. Усмонов И. К. Назарияи публисистика. - Душанбе, 1999. – 100 с.
104. Усмонов И. К. Журналистика. Қ.1. - Душанбе, 2005. - 480 с.
105. Усмонов И. К. Журналистика. Қ.3. - Душанбе, 2008. – 447 с.
106. Усмонов И. К. Журналистика. Қ.4. - Душанбе, 2011.- 473 с.
107. Усмонов И. К. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон. - Душанбе, 2003. - 64 с.
108. Учёнова В. В. Творческое горизонты журналистики. – М., 1976.
109. Умарова Г. Телевизион ва воқеяти Тоҷикистон. [Матн] / Г. Умарова., Х. Бекзод-Душанбе, 2011. -162 с.
110. Умарова Г. Ток-шоу дар Телевизиони Тоҷикистон. [Матн] / Г.Умарова., Х.Бекзод. - Душанбе, 2009. -185 с.
111. Учёнова В. В. Творческое горизонты журналистики. –М., 1976.
112. Фихтелиус Эрик. Десять правил журналистики. - Душанбе, 2010. – 469 с.
113. Фред С. Сиберт, Шрамм В., Питерсон Т. Чор назарияи матбуот.– М., 1956.
114. Черепахов М. Проблемы теории публисистики. – М., 1973. -146 с.
115. Ҷӯраева М. Ҷилои ситораҳои телевизион. – Душанбе, 2003. - 124 с.

116. Шарипов В., Волков В. Парвози сухан.– Душанбе,1967. - 84 с.
117. Шарофати Бухорои Шариф. Маҷмӯаи мақолаҳо.–Хуҷанд, 2012.–230 с.
118. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. - Душанбе, 1988.
119. Юровский А., Борецкий Р. Основы телевизионной журналистики. – МГУ, 1989.
120. Цвик В. Телевидение: системные характеристики. - М., 1998.
121. Цвик В. Л., Назарова Я.В. Телевизионные новости Росии. Учебное пособие. - М., 2002.
122. Цвик В. А. Телевизионная журналистика. – М., 2004. – 242 с.

## III. ДИССЕРТАТСИЯИ ИЛМӢ ВА АВТОРЕФЕРАТҲО

123. Азимов А. А. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940 гг.): автореф. дис. … док. филол. наук: 10.01.10 / Азимов Аъзамджон Холматович.- Душанбе, 2009. - 45 с.
124. Абдурахимов Б. А. Содержательная и жанровая палитра телевизионных передач (на примере таджикских государственных телевизионых каналов): автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.01.10 / Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович. - Душанбе, 2010. - 24 с.
125. Муллоев Ш. Б. Проблемы жанрово-тематических особенностей таджикской публицистики времен Великой Отечественной войны: 1941-1945: дис. … док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] /Муллоев Шариф Бокиевич. – Душанбе, 2013. - 313 с.
126. Маннонова М. Махсусияти таҳияи барномаҳои хабарии телевизион дар шароити муосир (дар мисоли барномаҳои иттилоотии «Ахбор”-и телевизиони «Тоҷикистон» ва «Навид»-и Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина»: Дис. ... номзади илмҳои филология: 10.01.10 ) [Матн] / М. Манонова.- Душанбе, 2019. -166 с.
127. Мостепанова Ю.В. Содержание и структура телевизионных сообщений как фактор их эффективности: Дис. … канд. филол. наук: 10.01.10, 19.00.01 [Текст] /Мостепанова Юлия Владимировна. - М., 2002. - 241 с.

128. Муминджонов З. Эволюция и развитие телевидения Республики Таджикистан за годы независимости (на примере телевизионных каналов «Таджикистан» и «Пойтахт» (1991 – 2016 гг.)): Дис. ... док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] /Муминджонов Зулфиддин. – Душанбе, 2019. – 301 с.
129. Саидмуроди Х. Роль радио «Таджикистан» в формировании общественного мнения в период независимости: автореф. дис. …док. филол. наук: 10.01.10 / Саидмуроди Ходжазод. - Душанбе, 2015. - 43 с.
130. Сафарова М. А. Телевидение и его психологическое влияние на общественное мнение (на примере государственных телевизионных каналов Таджикистана): дис. ... канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Сафарова Моҳира Амиралиевна. - Душанбе, 2016. - 146 с.
131. Соҳибова Б. Н. Информация и ее интерпретация как фактор развития современного таджикского телевидения (на примере телевидения «Таджикистана» и информационного канала «Джахоннамо»): автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.01.10/ Соҳибова Барно Нозировна.-Душанбе, 2016. - 25 с.
132. Ҳакимзода, Р. К. Таҳаввули жанри репортаж дар телевизион (дар мисоли ТВ «Ҷаҳоннамо» ва ТВ «Душанбе»): автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.01.10 / Р. К. Ҳакимзода. – Душанбе, 2023. – 29 с.
133. Эшматов З. А. Становление и развитие таджикского телевидения (на примере «Первого канала таджикского телевидения): автореф. дис. ... канд. филол. наук:10.01.10/Эшматов Зафарджон Аскарович.-Душанбе,2016. - 25 с.

## IV. МАҚОЛАҲО

134. Абдуллоева А. Аҳаммияти барномаҳои мустақим дар рушди афкори ҷамъиятӣ.[Матн] /А. Абдуллоева//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2016. - №4/1 (195). - С. 274-276.
135. Азимов А. Х., Эшматов З. А. Телевизиони «Тоҷикистон»: Вазъият ва дурнамо /А. Х. Азимов, З. А. Эшматов//Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020. №8 (450). – С 398-401.

136. ВАО-муҳофизи манфиатҳои миллӣ: Суханронии Президент дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизиони «Варзиш», «Синамо» ва «Академияи воситаҳои ахбори омма» [Манбаи электронӣ: http: // www/ president/tj/node/10829].

137. Гулов С. Нақши радио ва телевизион дар фазои иттилоотии Тоҷикистон /С. Гулов // Васоити электронии ахбори омма ва ормонҳои миллӣ (маҷмӯи мақолаҳо). - Душанбе, 2015. - С. 40 - 43.

138. Муъминҷонов З. Нақши нақшаи сенарӣ ва сенария дар таҳияи барномаи телевизионӣ. [Матн]/ З. Муъминҷонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2016 - №4/5(209). - С. 261-263.

139. Олимиён С. Ш. Мавқеи жанрҳои хабарӣ дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият” ва «Ҷавонони Тоҷикистон» солҳои 2014-2015. [Матн]/Олимиён С.Ш//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020 №7. - С. 90 - 394.

140. Раҳимҷонов Х. У. Риоя нагардидани меъёрҳои ахлоқӣ-омили коста гардидани эътимод [Матн] /Х. У. Раҳимҷонов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2028-№6. - С.308 -311.

141. Сафарова М. А. Мавқеи телевизион дар муборизаҳои иттилоотӣ. [Матн] / Сафарова М. А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.- Душанбе, 2020-№4. - С. 284-288.

142. Усмонов И. Журналист, пеш аз ҳама, сиёсатмадор аст [Матн] /И.Усмонов / «Садои мардум» 11.03.2019 №27 (3977) Дастрасӣ: http: // sadoimardum/tj/ malisi-ol/zhurnalist-pesh-az-ama-siyosatmador-ast/

143. Саидзода Ш. Рангорангии жанрии барномаҳои телевизионӣ дар мавзуи сиёсати давлатии ҷавонон. [Матн] / Саидзода Шодона// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020.- №7. - С. 382-386.

144. Ҳамидиён И. И. Нақши муҳаррир дар таҳияи сенарияҳои барномаҳои телевизионӣ[Матн]/И. И. Ҳамидиён, И. Ҳ. Назруллозода//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2020. - №8. - С. 414 - 419.

## V. МАНБАЪ

145. Барномаи «Ахбор» / Телевизиони «Тоҷикистон», 3 феврали соли 2010.
146. Барномаи «Ахбор» / Телевизиони «Тоҷикистон», 5 феврали соли 2011.
147. Барномаи «Ахбор» / Телевизиони «Тоҷикистон», 11 марти соли 2012.
148. Барномаи «Ахбор» / Телевизиони «Тоҷикистон», 21 апрели соли 2013.
149. Барномаи «Ахбор» / Телевизиони «Тоҷикистон», 28 ноябри соли 2014.
150. Барномаи «Ахбор» / Телевизиони «Тоҷикистон», 28 майи соли 2015.
151. Барномаи «Ахбор»/ Телевизиони «Тоҷикистон», 13 июни соли 2016.
152. Барномаи «Ахбор»/ Телевизиони «Тоҷикистон», 22 июли соли 2017.
153. Барномаи «Ахбор»/ Телевизиони «Тоҷикистон», 28 июли соли 2018.
154. Барномаи «Ахбор»/ Телевизиони «Тоҷикистон», 28 майи соли 2019.
155. Барномаи «Ахбор»/ Телевизиони «Тоҷикистон», 26 октябри соли 2020.
156. Барномаи «Ахбор»/Телевизиони «Тоҷикистон», 29 декабри соли 2021.
157. Барномаи «Ахбор»/ Телевизиони «Тоҷикистон», 23 октябри соли 2022.
158. Барномаи «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»/ Телевизиони «Тоҷикистон», соли 2022.
159. Барномаи «Хабар»/ Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 12 январи соли 2010.
160. Барномаи «Хабар»/ Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 1 феврали соли 2011.
161. Барномаи «Хабар»/ Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 21 марти соли 2012.
162. Барномаи «Хабар»/ Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 4 апрели соли 2013.
163. Барномаи «Хабар» / Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 7 майи соли 2014.
164. Барномаи «Хабар»/ Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 30 июни соли 2015.
165. Барномаи «Хабар»/ Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 16 июли соли 2016.
166. Барномаи «Хабар»/ Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 2 августи соли 2017.
167. Барномаи «Хабар» / Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 13 январи соли 2018.

168. Барномаи «Хабар»/ Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 8 сентябри соли 2019.
169. Барномаи «Хабар» / Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 6 марти соли 2020.
170. Барномаи «Хабар» / Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 1 декабри соли 2021.
171. Барномаи «Хабар»/ Телевизиони «Ҷаҳоннамо», 23 марти соли 2022.
172. www. Jahonamo/tj.
173. Ҳафтаномаи «Ҷаҳони паём» № 33 (1026) 9-10-2019.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:


[1-М]. Муъминҷонов, З., Мулоева, Н.С. Марҳилаҳои рушди телевизион дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З. Муъминҷонов., Н. С. Мулоева // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 302-306.

[2-М]. Мулоева, Н.С. Инъикоси ҳаёти фарҳангӣ дар жанри репортажи телевизионӣ [Матн] / Н.С. Мулоева // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 1/3 (77). – С. 41- 46.

[3-М]. Мулоева, Н. С. Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион [Матн] / Н.С. Мулоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 270-276.


### II.Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:


[4-М]. Мулоева, Н.С. Вижагиҳои жанри репортаж дар телевизион [Матн] / Н.С. Мулоева // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 302 - 306.

[5-М].Мулоева Н.С. Мавқеи жанрҳои иттилоотӣ дар барномаҳои телевизион [Матн] / Н.С. Мулоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва 109-солагии матбуоти тоҷик “Нақши воситаҳои электронии ахбори омма дар инъикоси арзишҳои фарҳангии кишвар: мушкилот ва дурнамо” (ш. Душанбе, 9.03.2021).

Воситаҳои электронии ахбори омма инъикосгари арзишҳои фарҳангӣ. – Душанбе, 2021. – С. 81-84.

[6-М]. Мулоева, Н.С. Воситаҳои электронии ахбори омма ва нақши онҳо дар инъикоси арзишҳои фарҳангӣ [Матн] / Н.С. Мулоева // Тайёр намудани мутахассисони воситаҳои электронии ахбори омма дар шароити гузариш ба низоми таҳсилоти кредитӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2021. – С. 117-120.

[7-М]. Мулоева, Н.С. Нақши репортажи телевизионӣ дар инъикоси рӯйдодҳои фарҳангӣ [Матн] / Н.С. Мулоева // Роҳҳои тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳавии журналистикаи телевизион (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2023. – С. 178-187.

[8-М]. Мулоева, Н.С. Махсусияти хоси репортажи махсуси телевизионӣ [Матн] / Н.С. Мулоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 32-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 64- солагии Телевизиони тоҷик “Ҳолат ва мушкилоти таълими фанни журналистикаи соҳавии телевизион ва технологияҳои иноватсионии таълим (ш. Душанбе, 3.10.2023). Дурнамои журналистикаи соҳавии телевизион. – Душанбе, 2023. – С. 107-110.